ОЗОД САИДҶАЪФАРОВ

# КАЛИМИ КОШОНӢ ВА АШЪОРИ ҒИНОИИ Ӯ

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-4
С-96

Зери назари
доктори илмҳои филология, профессор Х. Шарифов

Муҳаррир:
доктори илмҳои филология, дотсент М. Нарзиқул

Муқарриз:
номзади илмҳои филология, дотсент М. Низомов

С-96 **Саидҷаъфаров Озод. Калими Кошонӣ ва ашъори ғиноии ӯ.** – Душанбе, «Адиб», 2012, 184 саҳ.

Монография ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Калими Кошонӣ, яке аз бузургтарин шоирони адабиёти форсизабони охирҳои асри XVI ва нимаи авали асри XVII Ҳиндустон, ки аз поягузорону тараққидиҳандагони сабки машҳур ба ҳиндӣ эътироф гардида, бахшида шудааст. Калими Кошонӣ дар тазкираҳо ва кутуби таърих ба сифати «халлоқулмаонии сонӣ» мавсуф гаштааст. Ӯ дар дарбори чаҳорумин шоҳи Бобуриёни Ҳинд-шоҳиҷаҳон мансаби волои маликушшуароиро сарфароз гашта буд ва ҷуз аз эҷодиёти пурмоя дар анвои гуногуни шеър дар тарбият ва парастории аҳли илму адаби доираҳои адабии Ҳиндустон низ саҳми бузургро гузорид, ва, ҳамчунин, дар рушду инкишофи минбаъдаи шоирии форсӣ ба равиши тозаву навин нақши шунуфтанию бесобиқаеро бар ҷой гузошта буд. Шиносоӣ бо шахсияти арҷманд ва дунёи андешаи ин шоири баландмақоми форсизабони Ҳиндустон, ки новобаста ба мансаби волои маликушшуарои яке аз муқтадиртарин давлатдориҳои аҳдаш аз фақиртарин шоирон маҳсуб мешуд ва қаноату бениёзиро якҷо бо тафаккуру тахайюли баланд зевари тану равони худ гардонда буд, барои ҳар дӯстдору мухлиси адабиёти классикии форсу тоҷик, ба вижа, барои пажӯҳандагону донишҷӯёни риштаи филологӣ аз фоида холӣ нахоҳад буд.

ISBN 978-99947-2-104-1

© Саидҷаъфаров Озод, 2012

# МУҚАДДИМА

Фарҳанг ва адаби порсӣ дар асрҳои XVI-XVII ба дараҷае дар шибҳи қораи Ҳинд инкишоф ва камол ёфт, ки, ба ҳақиқат, дар зодбум ё сарзамини аслии худ- Эрону Мовароуннаҳр он рушду тараққиро пайдо накард; чунки дар ин асрҳо Ҳиндустон аз асоситарин марокизи талиа ва таҷаддуди шеъри порсӣ ва интишори сабки наве дар шоирии порсӣ ва аз асоситарин нуқоти сермашғалаи таҷаммӯи шоирони порсигӯ ба шумор мерафтааст. Ин нуктаро муҳаққиқини зиёди адабу фарҳанги форсизабони Ҳиндустон мукаррар ёдовар шудаанд. Иллати дар Ҳиндустон бештар рушду камол ёфтани адабу фарҳанги порсиро муҳаққиқон, аслан, иборат аз касодии иқтисодӣ ва ҳасрату эҳсосоти сарватҷӯйии шоироне медонанд, ки аз билоди Эрону Мовароуннаҳр ба диёри мазкур сафар карда буданд. Муаллифи тазкираи «Майхона» ҳам сабаби дар асрҳои мазкур аз Эрону Мовароуннаҳр ба Ҳинд рӯ овардани шоиронро «таҳсили шахсият ва ба даст овардани сарват аз роҳи тиҷорат…» (12,492) қайд намудааст, ки ба гуфтаи боло басе наздикӣ дорад.

Муҳаққиқони дигар сабаби рушду инкишофи адабу фарҳанги порсиро дар Ҳиндустон иборат аз эҳтиром ва назари хуби салотину умарои ин сарзамин нисбат ба забони форсӣ ва фарҳанги ғаноманди он медонанд. Ончунон ки аз ахбори «Шеърулаҷам» маълум мегардад, салотин ва умарои ин билод на танҳо нисбати адабу фарҳанги форсӣ тухми муҳҳаббат дар дил мепарвариданд, ҳамчунин, «худ дорои табъи мавзун ва наққоди сухан буданд (117,ҷ.з.15).

Бояд қайд кард, ки дар хусуси инкишоф ва такмили адабу фарҳанги форсӣ дар кишвари Ҳиндустон ва иллату сабабҳои иршоду тараққии он тазкиранависони асрҳои гуногун ишораҳо карда, муҳаққиқону мусташриқини зиёде мақолаву рисолот нигоштаанд. Аммо, ҷойи таассуф аст, ки то ҳол нигоштаҳо ва китобҳои мухтасс бар адабиёти асрҳои XVI-XVII форсизабони Ҳиндустон, куллиёт ва девонҳои шоирони забардасти ин сарзамин ва насри шево-

ву пурмӯҳтавои носирони он ба таври бояду шояд дастраси хонандаи тоҷик нагардидааст. Инро ҳам бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон адабиёти асрҳои мазкури Ҳиндустон, агарчи ба таври ҷудогона мавриди пажӯҳиши монографӣ қарор нагирифтааст, дар хилоли мақолаву рисолаҳои оид ба адабиёти форсизабони Ҳинд таълифгардида ишораҳои судманд ҷой доранд. Аммо, таҳқиқи монографии ҷомеъ ва фарогире оид ба шахсият ва аҳволу осори шоироне ба монанди Бобо Фиғонӣ, Урфии Шерозӣ, Назирии Нишопурӣ, Файзии Даканӣ, Салими Теҳронӣ, Калими Кошонӣ, Қудсии Машҳадӣ ва дигарон, ки намояндагони доираҳои адабии Ҳинд мебошанд, сурат нагирифтааст. Матни интиқодии девонҳо ё куллиёти аксари онҳо дар сарзамини мо рӯи чопро надидаанд. Аз ҷумла, дар бобати ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Калими Кошонӣ, ки фахри адаби форсии Ҳиндустон ва яке аз маъруфтарин шоирони ғазалсарои марказитарин доираи адабии он диёр буд, шоире, ки Сарви Озод дар васфаш гуфта буд: «...ориҷи тӯри маонӣ аст ва муқтабиси нури сухандонӣ, мабизаи суханаш яди байзост ва хомаи сеҳршиканаш ҳамдасти асо. Дар ҷамеи асолиби назм қудрати олӣ дорад ва ҳама ҷо доди суханварӣ медиҳад...» (19,250), ҳанӯз тадқиқоти ҷиддӣ ба вуҷуд наёмадааст.

Албатта, девони мунтахаб ва мухтасари Калими Кошонӣ тавассути Шамсиддин Нуриддинов ба чоп расидааст. Мураттиби мазкур сарсухани дароз ва муфассалеро низ дар оғози девон ҷой додааст, аммо ин нашри комил ва бенуқс нест, ғалатҳои имлоиву чопӣ дорад( 9).

Ҳамаи муҳаққиқоне, ки доир ба адабиёти форсизабони асрҳои XVI-XVII Ҳиндустон ва хусусиятҳои ҷудогонаи он таҳқиқот анҷом додаанд, бузургмандии шахсияти Калимро дар адабиёти даврони мазкур қайд ва эътироф кардаанд.

Тазкиранигорони муосир ва мутаоқиби Калим ҳам дар хусуси ҳаёту фаъолияти эҷодии шоир, таърихи сиёсию фарҳангии замони ӯ ва вижагиҳои эҷодиёташ дар тазкираҳои худ қайдҳои муфиде кардаанд. Аз ҷумла, Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ дар «Тазкираи Насрободӣ»,

Мирзо Озар дар «Оташкада», Муҳаммад Афзали Сархуш дар «Калимот-уш-шуаро», Ҳусайнқулихони Азимободӣ дар «Ништари ишқ», Гупомӯи Ҳиндӣ дар «Натоиҷ-ул- афкор», Ҷаҳонгиршоҳ дар «Тузук», Аҳмад ибни Насруллоҳи Татавӣ дар «Таърихи Алфӣ», Абдулқодири Бадовунӣ дар «Мунтахаб-ут- таворих», Абулфазли Муборак дар «Акбарнома», Мулло Абдуннабӣ Фахруззамони Қазвинӣ дар «Майхона» чунин қайдҳо доранд. Агарчи ҳамаи тазкираҳои номбурда дар навиштани ин рисола дастрас набудаанд, иқтибосоте, ки муҳаққиқин ва мусташриқини муосир аз ин тазкиранигорон дар осори худ овардаанд, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд.

Муҳаққиқини форсизабон ва мусташриқини хориҷӣ низ дар бобати ҳаёт ва эҷодиёти Калим, замони ӯ, хусусиятҳои шеъру шоирии вай ва таърихи адабиёти асрхои XVI-XVII Ҳинд рисолаву китобҳо ба табъ расондаанд, аз қабили Шиблии Нӯъмонӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, Ҳермон Эте, Ризозода Шафақ, Эдвард Броун, Ян Рипка, Пику Мускоё, Ҷон Ди Мургон, Роҷр Сюри, Бостонии Поризӣ, Қамари Ориён, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Алиасғари Ҳикмат ва дигарон.

Аз муҳаққиқини муосири тоҷик устодоне ба монанди А. Мирзоев (77), Х.С. Айнӣ (43), С. Саъдиев (114), М. Муллоаҳмадов (82), Ш. Нуриддинов (9) доир ба вижагиҳои шеър ва шоирӣ дар асри Калим, замони шоир ва ҳунари шоирии ӯ китобу мақолоти судбахш нигоштаанд, ки дар навиштани ин рисола мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Бо вуҷуди он ки маводи зиёде аз тазкираҳо ва рисолоту китобҳои муҳаққиқону мусташриқин оид ба шинохти Калим, замони ӯ ва эҷодиёти пурмӯҳтавояш ба даст оввардан мумкин аст, наметавон гуфт, ки шахсияти комили Калим ва вижагиҳои мушаххаси замонӣ ва эҷодии ин шоири баландфикрат дар ҳамаи онҳо батафсил ва ба таври боистанию шоистание дарҷ гардида бошанд, ҷуз аз се-чаҳор тазкираву кутуби муҳаққиқони адабиёти форсизабони Ҳиндустон. Албатта, аз аксари он тазкираҳое, ки дар боло зикрашон рафт, метавон маълумоти муфидро пайдо кард. Аммо, чизеро, ки битавонад такофуи маълумоти мухтасс бар Ка-

лимро бикунад ва кифояти шинохти мушаххасоти ҳолотӣ, замонӣ ва маконии ӯро фароҳам биоварад, асосан метавон аз «Тазкираи Насрободӣ»-и Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ дарёфт кард.

Муаллифи «Тазкираи Насрободӣ» дар бораи Калими Кошонӣ маълумоти муфид медиҳад. Аз ҷумла, ӯ дар бобати мақому манзалати шоирии Калим, тарҷимаи ҳоли шоир ва хисолу сифоти ӯ суханҳои судбахше меорад. Масалан, дар мадҳи Калим мегӯяд: «Андалебест, ки ба нағамоти рангинаш гул гӯш ниҳода ё тӯтиест, ки ба таронаҳои шаккарезаш наргис чашм кушода, гӯйи сабқат аз ақрон рабуда, дар калом ором бувад» (10, 220).

Аз осори таҳқиқӣ беҳтарин асаре, ки доир ба Калим маълумот медиҳад, «Шеърулаҷам»-и Шиблии Нӯъмонӣ мебошад. Як ҷиҳати бисёр камназиру таъсирбахши ин асар дар он аст, ки дар он хонанда на танҳо метавонад аз ҳаёт ва эҷодиёти Калим маълумоти кофӣ бигирад, зиёда аз ин, метавонад бо ҷиҳатҳои бисёр нозук ва ҷолиби шахсият ва ибтикороти шоирии ӯ ошноӣ пайдо бикунад. Масалан, маълумоти мавҷуд доир ба вуруди Калим ба дарбор, сабаби ин вуруд, мақсуди шоир аз вуруд ба дарбор, ҳолоти омм (мисли меҳрубонӣ, ҳозирҷавобӣ, халлоқулмаонӣ), шоирӣ ва вижагиҳои шеъри Калим, дар бораи қасоиди ӯ, чигунагии қасида дар асри Калим, манзалати қасоиди Калим, муқоисаи қасоиди Калим бо дигар муосиронаш, ҳадди эъҷози маонӣ дар қасоид, ғазали Калим, маъниофаринӣ ва хаёлбофӣ дар ғазал, мисолия, нерӯи тахайюл, интихоби алфози фасеҳ ва ғайраҳо дастмояи хубе дар шинохти комили Калим ва эҷодиёти ӯ хоҳанд буд.

Зиёда аз ин, Шиблӣ дар асараш бар баёни ҳадди шоирии Калим даст задааст, ки агарчи ин арзишгузошт ва қазовати шахсии ӯст, то андозае дар шинохти хақиқии чигунагии шеъри Калим парда аз торикно бармедорад. Масалан, дар хусуси қасоиду маснавиёташ чунин интиқодеро раво доштааст: «Калим дар тамомии аснофи шеър ворид аст. Қасоиди зиёд ва маснавиёти адида дорад. Девони ғазалиёт алоҳида аст. Маснавӣ аз муддате аз пояи худ афтида буд.

Маснавиёти Калим ҳам камарзиш, балки омиёна аст. Ин қадар ҳаст, ки ӯ бар як чизҳои кӯчак ва ҷузъӣ назм навиштааст, ки он дар назди аксари шуаро мубтазил шумурда мешавад, мисли: ангуштар, куштӣ, туфанг ва ғ., ки дар шаъни ҳар кадом қатаот ва рубоиёте гуфтааст (121, 176).

Дар осори муҳаққиқини дигари муосир низ метавон дар бораи Калими Кошонӣ маълумоти гуногунро пайдо кард, аз ҷумла аз панҷ тан адабиётшиноси эронӣ, аз қабили Алӣ Акбари Деҳхудо, Забеҳуллоҳи Сафо, Ризозода Шафақ, Партави Байзоӣ ва Шамси Лангрудӣ (44; 107; 8; 120).

Алӣ Акбари Деҳхудо - соҳиби «Луғатномаи ДеҳхVдо» (44, 18) дар асараш агарчи дар хусуси Калим маълумоти бисёр ва тӯлонӣ надодааст, метавон гуфт, ки маълумоти овардаи ӯ мушаххас ва судбахш мебошад, хусусан дар бобати муайян кардани лаҳзаҳои ҷудогонаи тарҷимаи ҳоли шоир ва маҳорату истеъдоди шоирии ӯ.

Забеҳуллоҳи Сафо муаллифи «Таърихи адабиёти Эрон» (60, 450-455), дар асари худ маълумоти қобили таваҷҷӯҳе оид ба Калим меорад. Маълумоте, ки аз ин муҳаққиқ ба мо даст медиҳад, ба тарҷимаи ҳоли Калим, сифот ва хисоли ӯ, муосирон ва муоширони шоир, эҷодиёт ва забони куллиёти вай марбут аст.

Ризозода Шафақ дар «Таърихи адабиёти Эрон»-и худ (107, 39) қайдҳои хубе марбут ба Калими Кошонӣ кардааст. Ҷуз ин, дар асари мазкур оид ба таърихи асрҳои XVI-XVII Эрон, нуфуз ва интишори забон ва адабиёти форсӣ дар Ҳинд, ривоҷ ва таъсири насру назми форсӣ дар Ҳинд ва амсоли инҳо маълумоти иктифокунандае дода шудааст.

Партави Байзоӣ дар шиносо кардани шахсияти Калим ва шеъру шоирии ӯ бештар аз дигарон кӯшиш намудааст. Ин муҳаққиқ девони комили Калими Кошониро мураттаб сохта ва муқаддимаи ҷолибу муфиде низ бар он афзудааст. Муқаддимае, ки Партави Байзоӣ навиштааст, ҳокӣ аз маълумоте аст дар бобати на танҳо эҷодиёти ин шоир, балки паҳлӯҳо ва ҷанбаҳои гунагуни шахсияти Калим ва таърихи муфассалу вижагиҳои ҳаётии ӯ. Ин маълумотро муҳаққиқ дар мабоҳиси зайл матраҳ кардааст: ном ва

лақаби Калими Кошонӣ, ҷойи таваллуд, мусофирати Калим ба Ҳинд, мақому манзалати Калим дар Ҳиндустон, мақоми маликушшуароии Калим, ахлоқ ва мӯътақидоти Калим, дӯстони шоир, ба ҳабс афтодани ӯ, синни Калим ва таърихи вафоти ӯ, теъдоди ашъори Калим ва осори то кунун бачопрасидаи вай ва монанди инҳо.

Муҳаққиқи дигар Шамси Лангрудӣ дар «Сабки ҳиндӣ ва Калими Кошонӣ. Гирдбоди шӯри ҷунун» (120) дар мавзӯи баҳси мо таваққуфи ҷиддӣ намудааст. Дар ин рисола, ки муаллиф онро куллан дар бораи шахсияти Калим навиштааст, маълумоти зиёдеро дар атрофи ҷанбаҳои гунагуни шахсияти шоир, шоирии ӯ, замон ва макони ӯ, ҳолоту хисоли вай ва монанди инҳо метавон дарёфт кард. Агарчи бештари маълумоти Шамси Лангрудӣ дар мавзӯи мазкур нав ва ногуфта нестанд, дар рисолаи ӯ қайдҳое низ дида мешаванд, ки буруноварди як таҳқиқоти ҷиддии илмиянд, аз ҷумла дар бобати иллатҳои рӯоварии шуарои эронӣ ба Ҳинд, иллати фақри шеър ва шоирӣ дар Эрон, мақосиди рӯоварии шуаро ба Ҳинд, мақоми забони форсӣ дар Ҳинд, муваллид ва муваттини сабки ҳиндӣ, шеър аз назари шуарои сабки ҳиндӣ, гоҳшумори Мирзо Абӯтолиб Калими Кошонӣ ва монанди инҳо. Пас аз шиносоӣ бо рисолаи мазкур тавон ба хубӣ пай бурд, ки Шамси Лангрудӣ дар ҳар яке аз мавзӯоти зикршудаи марбут ба авзоъ ва замони Калим бо саҳлангорӣ наандешидааст.

Аз адабиётшиносони тоҷик А.Мирзоев, Х.С.Айнӣ, С.Саъдиев ва М.Муллоаҳмадов агарчи оиб ба хусусиятҳои ҷудогонаи авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию адабии асри Калим маълумоти судбахш овардаанд, ҳақиқат ин аст, ки дар бораи худи Калими Кошонӣ, шоирии ӯ, хусусиятҳои ашъори вай ва иртиботи ӯ ба авзои иҷтимоию фарҳангии Ҳиндустон ҷуз аз Шамсиддин Нуриддинов касе ҷиддан таваҷҷӯҳ накардааст. Аз муқаддимае, ки ӯ дар 21 сафҳа бар девони шоир навиштааст, метавон маълумоти гуногунро пайдо кард, вале он бештар хусусияти тарҷимаиҳолӣ ва умумӣ дорад, то илмӣ ва пажӯҳишӣ.

Аммо, ба таассуф, бо он ки маҷмӯаи ашъори Калими Кошонӣ ба исми «Гули хуршед» (9) дар Тоҷикистон дасти чопро дидааст, ба ҷиҳати бисёр мухтасар ва мунтахаб буданаш дар навишти ин рисола мавриди истифодабарӣ қарор нагирифт. Маҷмӯаи зикршуда, ҷуз аз миқдори ками қасоиду рубоиёт, ҳамагӣ 351 ғазали шоирро дар бар гирифтааст, ҳол он ки дар девоне, ки Партави Байзоӣ мураттаб сохтааст, 585 ғазал ҷой дорад, ки маҷмӯаи «Гули хуршед» ба шумори 234 ғазал аз он камӣ дорад. Чун ғазал барои ҳар шоири орифе асоси фикрати ӯст ва мо дар навиштани ин рисола бештар аз ғазалҳои Калим истифода бурдаем, бар худ раво дидем, ки дар ин ҷода девони мураттабсохтаи муҳаққиқи мазбури эрониро мавриди истифода қарор бидиҳем, ки бисёр мукаммал ва орӣ аз навоқиси имловиву чопӣ аст.

Бинобар ин, ки девони Калими Кошонӣ дар Тоҷикистон танҳо як мартаба чоп шудааст ва он ҳам комил нест, мардуми тоҷик, на танҳо аз эҷодиёти ӯ бархӯрдории ҷиддӣ надоранд, ҳамчунин бо шахсияти комил ва амиқи ин шоири ориф ва андешаманд шиносоии шоистанӣ пайдо накардаанд. Аз ин сабаб, дар навиштани рисола мо кӯшиш кардем, ки ҳақиқати шахсият ва шеърияти эҷодиёти ин шоири андешаманд ва орифи ворастаро то андозае бар ҳамагон бикшоем. Омӯхтани адабиёти форсизабони асрҳои XVI-XVII Ҳиндустон ва сабки ҳиндӣ бе шинохти Калим ва шеъри ӯ ишколотро ба бор меоварад, зеро ки ин шоири баландфикрат, мувофиқи нишондоди аксари муҳаққиқон, аз асосгузорону мураввиҷини сабки ҳиндӣ будааст. Дар бобати саҳм гузоштани Калим дар тарвиҷу иршоди сабки ҳиндӣ ҳамин қадарро донистан кифоят аст, ки ӯ солҳо дар дарбори салтанатии Бобурияи Ҳинд бардӯшдори мансаби «маликушшуароӣ» будааст ва садҳо шоири ҷавону солхӯрда таҳти ҳимоят ва тарбияти ӯ фаъолият мекардаанд.

Шиносоии комил бо Калими Кошонӣ ва шеъри ӯ метавонад пардаву ҳиҷобро аз торикнои адаби форсии Ҳиндустони асрҳои XVI- XVII, ки ҳақиқатан ҳам мардуми Тоҷикистон бо он ошноии мавҳум ва маҷҳул дорад, бадар

кашад ва чашми мардуми тоҷикро бар рухи ҳақиқии ин гулистони адаб боз кунад.

Рисола аз муқаддимаву хулоса ва аз се боб иборат буда, дар фаслҳои алоҳида масъалаҳои гунагуни марбут ба ҳаёти Калиму шоирии вай мавриди таваҷҷӯҳ ва диққат воқеъ гардидаанд.

Дар боби якум замони зиндагонии Калими Кошонӣ, ҳаёти адабӣ дар замони ӯ ва ҳаёту эҷодиёти худи Калим мавриди баҳс қарор гирифтааст.

Дар боби дуюм сухан дар атрофи мундариҷаи ғоявии лирикаи Калим меравад, ки иборат аст аз оҳангҳои иҷтимоӣ дар лирикаи Калим: шикоят, шиква, танқид, ҳасби ҳол; ирфони Калим: мавзӯи ишқу муҳаббат дар ирфони Калим; фалсафаи ирфони Калим: тафсири Худо, тафсири ҷаҳон, инсон; нигоҳи инсон ба зӯҳду тақво; мазомини ахлоқиву тарбиявӣ дар лирикаи Калим; васфи зебоиҳои табиат дар ашъори Калим ва монанди инҳо.

Дар боби сеюм сабк ва хусусиятҳои бадеии лирикаи Калими Кошонӣ маҳалли баррасӣ воқеъ гардиданд, ки иборатанд аз: маълумоти умумӣ дар бораи сабки ҳиндӣ, сабки Калими Кошонӣ, истифодаи Калим аз санооти бадеӣ, таъсири шоирони гузашта бар шоирии Калим ва таъсири Калим бар шоирони муосиру пасини ӯ дар мисоли шуарои Мовароуннаҳр.

Дар се боби мазкур кӯшиш карда шуд мақсад ва вазифаҳое, ки барои навиштани ин рисола дар пеш гузоштаем, то андозае ҳалли худро ёбанд. Мақсад ва вазифаҳои асосии ин рисола, ки иборат аз баррасии мақому мавқеияти Калими Кошонӣ дар адабиёти форсизабони нимаи дуюми асри XVI ва нимаи аввали асри XVII мебошад, тавассути бозгӯ кардани мартабаи иҷтимоии Калим дар даврони мазкур, баррасии эҷодиёти шоир, мавзӯъ ва мундариҷаи эҷодиёти ӯ ва сабки сухангустарии вай ва саҳме, ки ӯ дар пешрафту таҳаввули ин сабк гузоштааст, муайян карда шуд.

# Боби I

# ЗАМОНИ ЗИНДАГОНИИ КАЛИМИ КОШОНӢ

## 1. Вазъи сиёсию иҷтимоӣ.

Кишвари паҳновар Ҳиндустон, хеле пеш аз он ки Калими Кошонӣ чашм ба дунё бикшояд, ҳанӯз аз авоили қарни чаҳордаҳ ва хеле пас аз он ки ин шоири пуровоза аз дунё чашм бубаст, то миёнаи асри нуздаҳ (1857 м.) ба муддати зиёда аз чаҳорсад сол дар зери салтанати хонадони темуриён қарор доштааст. Тазкираҳову рисолот ва кутуби таърихӣ истиқрори сиёсии чаҳорсадсолаи темуриёнро дар диёри Ҳинд таъкид кардаанд.

Аз ҷумла, дар тазкираҳо ва маъхазҳои таърихие ба мисли «Таърихи Алфӣ», «Мунтахаб-ут- таворих», «Таърихи Фаришта», «Оини Акбарӣ», «Натоиҷ-ул- афкор», «Калимот-уш-шуаро», «Тазкират-уш-шуаро», «Хизонаи омира», «Оташкада», «Тазкираи Ҳусайнӣ», «Ништари ишқ» ва монанди инҳо дар бобати чигунагии салтанати хонадони Темуриён маълумоти муфид оварда шудаанд. Таърихнигорон ва муҳаққиқони хориҷӣ низ аз қабили Ҳирмон Эте, Ризозода Шафақ, Забеҳуллоҳи Сафо, Пику Мускоё, Бостонии Поризӣ, Увонс Мосён, Азиз Аҳмад, Дулофуз ва Муртазо Мутаҳҳарӣ рисолоти марбут бар ин фасли таърих навиштаанд, ки метавон аз онҳо маълумоти иктифокунандае ҳосил кард. Бо вуҷуди он ки муҳаққиқони таърихнигори мазкур ҳар яке китобу рисолоте махсус доир ба даврони салтанати темуриён навиштаанд, бояд гуфт, ки дар аксари мавридҳо далоили онҳо бо қайдҳои тазкиранигорони зикршуда мувофиқат дорад, балки, дар ҳақиқат, зикри такрорие аз ҳамон тазаккуроти тазкиранигорон мебошанд, бад-ин натиҷа ва хулоса, ки Ҳиндустон чаҳорсад сол бе ҳеч иштикоке дар зери ҳукмронии Темуриён будааст.

Ончунонки дар «Таърихи Фиришта» (15, 350) ва «Таърихи Ҳинд» (59, 111) омадааст, салтанати хонадони

Темуриён дар охири нимаи дуввуми асри чаҳордаҳи милодӣ ба соли 1398 ибтидо ёфтааст. Соли 1398 м. Темур ба азми интишори дини Ислом рӯ сӯйи Ҳиндустон намуд. Албатта, манзури аввалдарачаи Темур аз азми ин диёр на мунташир сохтани диёнати Ислом, балки футӯҳоти ин сарзамин ва ба даст овардани ғаниматҳову наамоти он буд ва ин ғосиб, ки дар сар бештар хаёлоти чаҳонгириро мепарварид, дар ин амал ва нияти ҳамарӯзаи худ муваффақиятҳое пайи ҳам ба даст овард. Вилоёт ва марокизи зиёде яке паси дигар забт гашт, он ҳам дар муддати бисёр кӯтоҳе, ки бад-ин футӯҳот ва истимлокоти тезтакона Темур тавонист хонадон ва аъқоби худро то чаҳорсад соли баъд бархӯрдор ва мустафид аз молу мулки Ҳиндустони паҳноманд гардонад.

Сарзамини Ҳинд, ки дар он айём диёре бепаҳно буд, вақт нагузошт, то ҳамаи он тасхири Темуру писарон ва наберагонаш бигардад. Муддатҳо гузашт ва ба арсаи сиёсати хонадони Темурӣ Бобур Мирзо гом ниҳод. Ин султон марди шучоъ ва каримуннафс, беолоиш, башшош, ҳассос ва сареулиштиол ва дар масоиб ва матолиб сабур ва бурдбор (59, 120) буд. Бобур, бо вучуди умри кӯтоҳи худ, тавонист, ки манотиқи сершуморе аз диёри Ҳиндро дар мутобиати худ қарор бидиҳад, ки пойтахти он шаҳри Деҳлӣ (88, 297) буд. Ин марди бузург бо он ки як рӯҳе сиёсӣ ва феълу намое ҳарбиёна доштааст, нисбат ба илму адаб ва олимону шоирон эҳтиром ва иззате аз худ нишон медодаст. Ин гироиши ӯ ба илму адаб ва олимону шоирон мӯчиб шуда, ки дарбори ӯ маркази тачаммӯи аҳли илму адаб бигардад ва ончунон ки дар сарчашмаҳо зикр шуда, Бобур мансабҳое ба аҳлулулум маъхуз доштааст, то дар таҳкими сиёсату давлатдории ӯ саҳмгузорӣ бикунанд. Ва бо он ки Бобур марде фозил ва ҳомии аҳли илму адаб буд, ӯ як шахси сахтниҳод ва сангдилу бераҳме низ будааст ва дар баробари душманони худ ҳеч як изҳори тараҳҳум ва гузашту бахшише намекардааст. Шояд сабаби ин ҳама муваффақиятҳои ӯ ҳамин хисоли мазкурааш бошад, чун Темур - обои вай бо он ҳама иқтидорот натавонист аз

Ҳиндустон як салтанати муқтадири исломие бисозад, ӯ тавонист дар мӯҳлати на чандон мадиде онро созмон бидиҳад.

Ҷуз аз шаҳри Деҳлӣ- пойтахти салтанат боз марокизе чун Дакан, Беҷопур, Аҳмаднагар, Авд, Кашмир, Бангола, Лакҳнав, Биҳор, Гуҷарот, Бирор ва Панҷоб (24, 24; 84, 301) дар таҳти тасарруфоти Бобур Мирзо қарор гирифта буд, ки ӯ дар ҳар яке аз ин манотиқ шоҳигарие таъсис дода ва аз муқаррибини дарбори худ бар раъси ҳар яке аз ин шоҳигариҳо нишонда буд.

Бобур Мирзо, пеш аз он ки вафот кунад (соли 1530 м.), салтанат ё импиротурии худро байни ду писараш: Ҳумоюн ва Комрон тақсим кард. Аммо, байни бародарон баҳри ахзи кулли салтанат ҷидолҳо ба вуҷуд меояд. Комрон, ки марде иртифоъталаб буд, ҳеч намехост импиротурии Деҳлӣ- пойтахти салтанат бар ӯҳдаи бародараш бошад ва ё бародараш дар ин амр бо ӯ мушоракат бикунад, аз ин ҷиҳат доим дар такопӯйи ахзии марказ буд. Аммо, ин кӯшишҳои мукаррари ӯ бо шикастҳои пайдарҳам анҷом меёфт.

Ҳумоён низ мисли падари худ нисбат ба илму адаби форсӣ ҳисси эҳтиром ва такрим дошт. Аз ҷумла, ҳангоме ки ӯ ба Эрони Сафавӣ сафар кард, аз он ҷо чандин уламои ҳайат ва нуҷумро ба мамлакати худ овард, ки мисоли онон ду тан аз уламои маъруфи улуми мазкур: Илёси Ардабилӣ ва Абулқосими Ҷурҷонӣ мебошанд. Ҳумоён то охирин лаҳзаҳои ҳаёташ фармондории импиротурии Деҳлиро дар ихтиёр дошт, ки пас аз ӯ ин маврусааш ба писари бисёр ҷавони ӯ Акбар расид.

Акбар, ки маррихин ба ҷиҳати осори аҷоиб ва ибратангези ӯ бисёртар Акбари Бузургаш ном гирифтаанд, бо вуҷуди он хурдие, ки дар синни худ дошт, марде пеш аз булуғ камолёфта, бафикр ва дурандеш будааст ва ончунонки бисёре аз таърихнигорон дар ин бора гуфтаанд, он осори сулук ва рафторе, ки аз худ зоҳир мекард, ҳама мофавқи синни ӯ будаанд. Дар айёми ҳамин Акбари Бузург буда, ки манотиқе аз қабили Гулканда дар соли 1555

мелодӣ, Аҳмаднагар ҳам дар ин сол, Бангол дар 1575 мелодӣ, Синду Қандаҳор соли 1592 мелодӣ ва Дакан соли 1595 мелодӣ аз ҷониби ӯ фатҳ ва импиротурии ӯ васеъ ва бузургтар гардид. Акбари Бузург дар байни хонадони Темуриёни Ҳинд аввалин шахсест, ки шӯҳраташ дар сиёсати дунявӣ вусъат пазируфт ва бо ин рафторе, ки аз худ зоҳир кард, дар байни муҳаққиқону мусташриқон эътирофотро сазовор гашт.

Акбар сиёсатмадори пуртаҷриба, донишманд, илмпараст, дурандеш ва марди озодманиш будааст. Шояд ҳамин ниҳоди озодманишии ӯ, ки дар нигоҳи вай ба адён ва ақвому милал ҷилваи худро ба хубӣ ёфтааст, ба шахсияти ӯ як рӯҳе озодихоҳ ва демукрот ато кардааст.

Акбаршоҳ нисбат ба илм ва аҳлулулум нигоҳе бамуҳаббат ва эҳтиромона доштааст. Дасти кушод ва рӯҳи босахои ӯ аҳли илму адабро аз Эрону Мовароуннаҳр ва дигар мамолики ҳамҷавор ба сӯйи ӯ мекашидааст. Ӯ, ки дар дарки шеър ва дақоиқи он ақле болиғ дошт, ҳар шеъри баландеро, ки дармеёфт, соҳиби онро аз атоё бебаҳра намемонд. Дар «Маҷмаулхаввос» (22, 78) омада, ки шоире ба номи Мир Ашкии Қумӣ чун шеърашро бар ҷаноби ӯ гузаронд ва мақбул гардид, аз ӯ ба шумори 100000 сикка сила ёфт ва шоири фақир, ки боре бад -ин ҳисобро дар даст нагирифта буд, аз фарти шодӣ дарҳол ҷон супурд.

Ҳамин изҳори содиқонаи назар бар шеър ва шоирон будааст, ки Акбаршоҳ дар байни хонадони худ аввалин шахсе эътироф шуда, ки дар дарбори салтанатиаш дар пайравӣ аз салотини эронӣ мансаби «маликушшуаройӣ»-ро таъсис дода буд (45, 89).

Акбар нисбати Эрон ва эрониён, забони форсӣ ва маросими эронӣ ончунон эҳтиром доштааст, ки тибқи ахбори «Таърихи фарҳанги Эрон» (123, 249), фармон дод ҷашнҳои эрониро дар Ҳиндустон эҳё кунанд ва тақвими мусалмониро мансух, ба ҷойи он солу моҳи эрониро маъмул ва марсум бидоранд.

Ин мард, ҳамчунин табъе фалсафагиро доштааст. Ду-

лофуз (59, 142) дар нақл аз тазкираҳои таърихӣ овардааст, ки Акбари Бузург «Маҷлиси уламо»- ро мунъақид сохтааст. Ӯ ҳар ҳафта ҷамъе аз уламои ҳар дину оинро ба ҳам оварда, маҷлисе барпо менамудааст. Дар ин маҷлис уламои адёну мазоҳибе чун Ислом, исавӣ, ҳинду буддоӣ ва амсоли инҳо дар намояндагӣ аз диёнати хеш бар баҳсу мунозара мепардохтаанд ва аҷибтар он аст, ки Акбаршоҳ бо он ки худ султони импиротурии исломӣ буд, бар ҳеч яке аз ин уламо назаре ихтилофпазир надоштааст ва бо ҳамаи онон мусовӣ будааст.

Дар назар бар ин салтанати баробархоҳонаи Акбар аст, ки муаллифи «Асоси фарҳанги Ҳинд» (106) чунин менигорад: «Давлати муғули Ҳинд дар ин айём ва солҳо баъд шояд танҳо давлати мусалмоне буд, ки дар қаламрави он, бидуни он ки фишори хориҷӣ дар кор бошад, атбои ғайримусалмон ҳам аз лиҳози ҳуқуқ бо раоёи мусалмон мусовӣ маҳсуб мешуданд» (106, 15).

Шояд ҳамин нигоҳи баробархоҳона ва демократии Акбаршоҳ ба ҳама адён ва мазоҳиб бошад, ки ӯ нисбат ба ҳеч яке аз онон ҳиссиёти бадбинона надоштааст. Баръакс, ӯ бар ҳар яке аз оину кешҳо ҳисси такрим ва таҳбиб изҳор мекард ва дарбориёнашро низ бар ин роҳ ҳидоят мекард. Ҳатто, худи ӯ аз тоифаи ҳинду зан гирифта буд (120, 23).

Ӯ на танҳо маросими ҳиндуҳоро, ки аз тоифаи онон зане шаръӣ ихтиёр карда буд, муқаддас мешумурд, балки маросимеро, ки худи ҳиндуҳо аз онҳо бисёр дар ташвиш ва азият буданд, ислоҳ ва насх намуд, аз қабили: заношӯии кӯдакон ва сӯзондани занони шавҳармурда. Ин ислоҳ ва насхи маросими ваҳшиёна Акбарро дар назди ҳиндуҳо шахсе бамуҳаббат ва дилсӯз ҷилва дод (59, 141).

Ин ҳама суханон, ки дар мавриди фазилатпешагӣ, мусовотхоҳӣ, озодманишӣ ва изҳори такрим ба ҳама адён, ки дар шахсияти Акбаршоҳ гуфта шуд, сиёсати болиғ ва камолёфтаи ӯро бозгӯйӣ мекунад.

Акбар пеш аз он ки импиротурии худро таҳким бахшад, бо ҳиндуҳо, ки ақвоми бонуфуз ва серҷамъияти мамлакати ӯ буданд, муомилаи эҳтиромонаро барқарор сохт. Қабл аз

ҳама, деҳқонони ҳиндуро, ки солҳои зиёде аз супурдани андозу молиёт дар ҳолати тоқатфарсо умр бар сар мебурданд, аз додани ин дӯшбориҳо озод кард. Қурбонии ҳайвонҳоеро, ки барои қабоили ҳунуд муқаддас ҳисоб меёфтанд, манъ фармуд ва ба занӣ гирифтани беваҳоро машрӯъ ва қонунӣ гардонид. Бо эҳтиром ва такрими ӯ аз мазоҳиби ҳиндувон ва барҳам додани маросими ваҳшиёнаи онон онҳоро бар худ рӯҳан тобеъ кард. То он ҷо худро дар дили онон шахсе қарин ва дӯстдор ҷилва дод, ки ҳатто байни шоҳзодагони қабоили ҳинду ва наздикони худ заношавҳарӣ барқарор намуд ва ба асилзодагону шарафмандони ҳунуд дар дарбори худ мансабҳои баландеро дод.

Соли 1605, пас аз даргузашти Акбаршоҳ, писараш Салим, ки ба ҳангоми ҷулус ба тахт лақаби Ҷаҳонгирро пазируфт, импиротурии Темуриёни Ҳиндустонро соҳиб шуд. Ҷаҳонгир мисли ду бародари худ - Мурод ва Дониёл, ки аввалӣ ба соли 1601 ва дигарӣ ба соли 1603 м. аз фарти ҳавасронӣ ва бодахорӣ замон ёфтанд, дар умури салтанатӣ бепарво ва бадрафтор набудааст. Дар айёми ҳукмронии ӯ (солҳои 1605 - 1627 м.) дар импиротурӣ нисбатан оромӣ ва салоҳ ҳоким будааст.

Дар умури давлатдорӣ Ҷаҳонгир ба падари худ Акбаршоҳ пайравӣ мекард ва, чунон ки дар «Сарзамини Ҳинд» омадааст, «аъқоби Акбар аз Ҷаҳонгир ...сираи маҳмудаи аҷдоди худро ҳифз ва ривоят фармуданд» (45, 90). Ӯ низ мисли падар, ҷуз он ки нисбати илму адаб эҳтиромотеро ироа медошт, дар сиёсати давлатдорӣ дурандеш ва дар нигоҳ ба дунёву мазоҳиб озодманиш будааст.

Соли 1619 подшоҳи Адипури Ҳинд- Рона, ки бо Акбар мухолифати тӯлонӣ дошт, аз ҷониби Ҷаҳонгир дастгир ва мутеъ ва шоҳигарии ӯ ба салтанат ҳамроҳ карда шуд, ки ин сабабгори тавсиаи импиротурӣ шуд.

Ҷаҳонгир ҳам, барои он ки хештанро дар баробари қабоили ҳинду ва ҷамоаи муслимин султоне додгар ва ростгаро бинамояд, ҷиҳати қабули мардум «Девони ом»

ташкил дод. Ҳар гоҳе ки уммие ба назди ӯ ҷиҳати шиква ва шикоят меомад, ӯро бо кушодарӯйӣ бор медод ва ба вай иҷозати суханронӣ мефармуд.

Дар авоили салтанати худ Ҷаҳонгир фармоне ҷиҳати манъи истеъмоли анвои машрубот дар саросари импиротурӣ паҳн кард ва эълом дод: ҳар киро бад-ин гуноҳ дастгир бикунанд, муҷозот хоҳад шуд!

Тавсиаи импиротурӣ, муомилаи хайрхоҳона бо раоё, хусусан бо ҳиндуҳо, ки аксарияти ҷамъияти Ҳиндустонро ташкил медоданд, ташкили «Девони ом» ва фармони манъи истеъмоли машрубот ҷиҳати пойдории ахлоқи ҷомеа-ин ҳама сабабҳои таҳким ва иқтидори салтанати Ҷаҳонгир гардид.

Ҷаҳонгир низ чун падараш дар сиёсат ва давлатдорӣ қабилагаро набудааст. Ҳама ашхосе, ки дар умури давлатдорӣ ва фазлу дониш соҳибдаст ва қобилияти саҳмгузорӣ дар истеҳкоми импиротуриро доштаанд, метавонистаанд мақбули ӯ гарданд. Муртазо Мутаҳҳарӣ қайд кардааст, ки шоҳ Таҳмоспи Сафавӣ бар Эътимодуддавла Мирзо Ғиёсбек, ки дар Хуросони Эрон фармонфармойи Марв буд, хашм гирифт ва ҳама амволи ӯро мусодара кард, ки дар натиҷа ин ҳоким маҷбур бар фирор гашт.Ӯ, ногузир, рӯ сӯйи Ҳинд ниҳод ва бо дарбори Ҷаҳонгир тақарруб ҷуст, то он ҷо ки султони мазкур духтари ӯро ба исми Нурҷаҳон дар никоҳи худ даровард ва ӯ маликаи Ҳиндустон шуд (88, 298). Ин Эътимодуддавла дар умури давлатдорӣ дасте расо доштааст ва Шоҳиҷаҳон - писари Ҷаҳонгир барои он ки бо ҳокими мазкур қурбат кунад, фарзандзодаи дигари ӯро ба занӣ мегирад. Таъсири ҳамин Эътимодуддавла буд, ки дарбори Бобурияи Ҳиндро ба як дарбори эроние мубаддал сохт ва риҷоли мутааддиди форсизабон дар он ҷой гирифтанд (123, 27).

Ҷаҳонгир мисли Акбаршоҳ муомала ва рафтори хубе бо шоирон мекардааст ва худ низ бархӯрдории зиёде аз фаҳми дақоиқи шеърӣ доштааст. Устод Ризозода Шафақ чунин қайд намудааст: “Ҷаҳонгир ва аъқоби он... бузур-

гтарин ҳомиёни улум ва адабиёти эронӣ ва тарафдорони забони форсӣ буданд ва таҳсилоти умдаи онон ба форсӣ буд ва осор ва ашъор ва тасонифи суханварони эрониро мехонданд, дар дарбори онон маъмулан форсӣ сӯҳбат мешуд ва он ҷо маҷмаи шуаро ва фузалои эронӣ ва форсигӯёни ҳиндӣ буд ва худи ин шоҳон бо форсӣ шеър месуруданд ва дар тарвиҷи сухани форсӣ базли маҷҳуд карданд» (107, 561).

Нуфузи дигарро дар шеърдӯстиву шоирпарварии Ҷаҳонгир зани эронинажоди ӯ- Нурҷаҳон гузошта буд, ки дар фанни шеър дар ҳадди камолот буд ва ин ҳамон занест, ки бар шеъри Калими Кошонӣ итоб карда буд. Калим, аслан, ба мӯҷиби нӯктагирии ҳамин Нурҷаҳон аз шеъри ӯ дар аввалин сафараш ба Ҳиндустон ба дарбор роҳ наёфт ва бо малолат тарки Ҳинд гуфт, ончунон ки дар тарҷумаи ҳоли ӯ хоҳад омад.

Ҷаҳонгир низ ба шоирони форсизабон бо такрим менигарист.Чунончи, ӯ боре Ҳаётии Гелонӣ, шоири эрониеро, ки ба гуноҳи нуқтавӣ будан аз Сафавиён ба Ҳинд гурехта буд ва шеърашро дар ҷаноби ӯ арздорӣ кард, бар вазн кашид ва ҳамвазнаш бар- ӯ зар дод (120, 19). Ҷаҳонгир ҷуз аз тарвиҷи шеъри форсӣ, ҳамчунин ба ривоҷ додани ҳунарҳои эронӣ низ кӯшиш кардааст ва ӯ ҳунармандонро аз қабили наққошон ва хаттотон тарбият мекард (123, 279).

Ҷаҳонгир дар сиёсати дохилии импиротурӣ дар байни хонадони худ аз сахтгиртарин ашхос будааст. Боре дар аввалҳои салтанати ӯ писараш аз вай бо кудурате сарпечӣ кард ва алами туғён барафрошт. Чун дере нагузашта буд, ки ӯ Лоҳурро дар тахти тасарруфи худ даровард.Ҷаҳонгир чун огоҳӣ ёфт, сипоҳе баҳри забти ӯ ва пахши ошӯб фиристод, ки дар натиҷа Хусрав дастгир ва ошӯбгарон дар шумори 700 нафар бо сахттарин амале кушта шуданд. Онҳоро ба сих кашиданд, то ки ҷиҳати адами балво ва ошӯб ибрати мардум бишаванд.

Ҳарчанд Ҷаҳонгир дар сиёсати дохилӣ ва савдову тиҷорати хориҷӣ таҷрибаи зиёде доштааст, метавон гуфт,

ки дасти ӯ дар сиёсати берунӣ он қадар боло набудааст. Чаро ки маҳз дар давраи салтанати Ҷаҳонгир чашми инглису португалӣ бар рӯйи кишвари Ҳинд кушода шуд.

Аввалин ҳайате аз инглисиҳо, ки дар миёнаҳои салтанати Ҷаҳонгир ба Ҳинд омад, намояндагии тоҷирони Инглис бо сарварии Сир Тумос Руво буд. Ҳарчанд ки мақсуди ин сафорати инглис, зоҳиран, иборат аз тараққиёт ва барқарор сохтани тиҷорати байникишварӣ буд, натиҷа ва мақсуди ниҳоии он иборат аз сару даст задан ба ин сарзамин бопаҳно ва ғаноманд буд.

Соли 1600 истеъмори Ҳиндустон аз тарафи Португалия ба оҳистагӣ **оғоз** ёфт. Португалиҳо дар савоҳили сарҳадии Ҳиндустон ҷойи худро ёфтан гирифтанд. Ин ҳама рӯниҳии Аврупо бар Ҳинд дар ин маҳорин тазаъуфотеро дар иктидори сиёсӣ, давлатдорӣ ва мустақилияти ин импиротурӣ ворид кардан дошт.

Ба нишондоди мусташриқи инглис Дулофуз, Ҷаҳонгир соли 1628 «мубтало ба маразि заифуннафаси сахт шуда, аз дунё бирафт (59, 121).

Шоҳзода Хуррам бо ёрмандии Осафхони сипаҳсолор соли 1628 бар тахти импиротурӣ нишаст (134, 64). Осафхон фарзанди Эътимодуддавла, падари Нурҷаҳон - зани Ҷаҳонгиршоҳ буд. Ҳангоми бар тахт ҷулус кардан, шоҳзода Хуррам лақаби Шоҳиҷаҳонро бар худ гирифт.

Давраи салтанати Шоҳиҷаҳонро Ҳермон Эте 30 соли пурра (аз с. 1628 то с. 1658) қайд кардааст (134,64).

Шоҳиҷаҳон марде сахтгир, нотарс ва хашмгину бегузашт будааст ва шояд мавҷудияти ҳамин афъол дар ниҳоди ӯ сабаб шудааст, ки ӯ пас аз бар тахти салтанатӣ нишастан, аввалин коре, ки кард, хешовандони худшаҳриёр ва бародарзодаашро ба қатл расонид.

Пас аз даргузашти Ҷаҳонгир мардуми шоҳигарии Аҳмаднагар, хусусан риҷоли дарборӣ ва ҳукуматиаш, аз мутобиати доруссалтана сар печидан гирифтанд, ки он ба балвову ошӯби ин минтақа оварда расонд. Шоҳиҷаҳон, пеш аз он ки бо мустаъмирини пуртуғулӣ коре ба анҷом бидиҳад, дар пеши худ вазифа гузошт, ки Аҳмаднагари

ошӯбзадаро сокит созад ва дере нагузашта ин корро анҷом дод.

Дар сиёсати бурунӣ Шоҳиҷаҳон монанди падари хеш, ки марде бо ҳама ҷиҳат озодманиш буд, набудааст ва ба давлатҳои ҳамҷавору аврупоиёни истеъморгар дасти дароз ва рӯйи кушод намедодааст. Ҳамин будааст, ки ӯ соли 1634 Қандаҳорро, ки то дер боз дар ихтиёри Эрони Сафавӣ буд, бозпас гирифт.

Дар авоили солҳои 30-юми асри XVII пуртуғулиҳо шаҳрҳои дар савоҳили Чито Ганг бударо соҳиб шудан гирифтанд ва дар он ҷоҳо истеҳком пайдо карданд; иқтидори онҳо вусъат пазируфт, то он ҷо, ки онҳо тавассути завраққо ба ҷазоири Даҳра Ганҷир хуҷум бурда, дороиҳои онро соҳиб мешуданд ва мардуми онро азияту шиканҷа мекарданд ва ҳатто ба бардагӣ мефурӯхтанд.

Шоҳиҷаҳон чун дид, ки аврупоиҳо ба раоёи ӯ чунин рафтори ваҳшиёнаро раво мебинанд, соли 1631 бар онҳо ҳуҷум карду шикасташон дод ва куштори зиёде аз минтақаи Ҳуглӣ ба вуҷуд овард. Он чӣ аз пуртуғулиҳо ба асорат гирифт, фармон дод, то ҳамаро мисли худи онон дар бозорҳои Ҳиндустон ба ғуломӣ бифурӯшанд (59, 158-159).

Ин сиёсати бурунии Шоҳиҷаҳон, албатта, қобили таваҷҷӯҳ аст ва он аз номуси мардумдорию раиятпарварии ӯ буруз карда буд.

Муаррихон бар онанд, ки дар айёми ҳукумати Шоҳиҷаҳон шукӯҳ ва иқтидори импиротурии Темуриёни Ҳинд ба авҷи аълояш расида буд. Ин шоҳ тамоми импиротуриро аз ҳайси сиёсӣ дар тобеияти комили худ даровarда буд. Қисмати аъзами манотиқи марказии Ҳиндро ӯ тавассути наздиктарин ашхос ва хешовандонаш идора мекард. Масалан, чаҳор писари ӯ фармонфармои чаҳор маркази бонуфузтарини импиротурӣ буданд. Аз ҷумла, Доро ҳокими Кобул ва Мултон буд, Шуҷоъ - фармондеҳи Бангол, Аврангзеб ҳукумати Даканро бар ӯҳда дошт ва Мурод дар Гуҷарот ҳукм меронд. Дар дарбор низ мансиби давлатиро ӯ ба баэътимодтарин шахсони худ мансуб ме-

дошт. Вазири аъзами дарбори ӯ падари занаш- Осафхон буд ва чуноне дар сафаҳоти пешин гуфта омад, Осафхон фарзанди Эътимодуддавла- падари зани Ҷаҳонгиршоҳ- Нурҷаҳон мебошад.

Дар дарбори Шоҳиҷаҳон аҳли илму адаб мақоме бузург доштанд. Ӯ низ бар сираи обоёни хеш мансаби «маликушшуароӣ»-ро ҳамчунин маъмул медошт ва дарбори худро маҳди шоирон гардонда буд(45, 89-95). Шоирони бузурги форсизабони ҳамин доираи адабӣ: Қудсии Машҳадӣ ва Калими Кошонӣ аз ҷумлаи маликушшуароҳои дарбори Шоҳиҷаҳон будаанд.

Шоҳиҷаҳон тавонист то охирин лаҳазоти зиндагонияш қадре оромиро мустақарр созад ва қабл аз писаронаш- Доро, Шуҷоъ, Аврангзеб ва Мурод охирин мардест, ки тавонист импиротурии хешро аз истеъмор, истимлок ва султаи Аврупо нигоҳ дорад ва истиқлоли сиёсиву иқтисодии кишварро таъмин гардонад.

Пас аз марги Шоҳиҷаҳон (1658) он оромие, ки дар сӣ соли тамом бар импиротурӣ ҳоким буд, ба оҳистагӣ аз даст рафтан гирифт. Писарони ӯ дар пай буданд, ки кай падар дармегузарад ва онҳо тахтро тасоҳуб кунанд.

Аз байни ин писарон, ки ҳама лоқайд ва ҳавасрон буданд, Аврангзеб - писари саввуми Шоҳиҷаҳон, ки нисбатан ҷиддӣ ва муҳофизакор буд, тавонист тахти импиротуриро ба даст биоварад. Ин шоҳ, ки марде мутаассиб, қавмгаро, беандеша, бетараҳҳум ва сабукфикр буд, дар байни салотини темуриёни Ҳинд ягона касест, ки натавонист он чӣ аҷдоди ӯ дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ мушкилоти мутааддидеро бозпас бинҳоданд, аққалан ҳамли ин мушкилотро таҳаммул бикунад. Маҳз дар давраи ӯ буд, ки қабоили ҳинду, ки дар сурати Ҷаҳонгиру Акбари Бузург марде қарин ва нурониро медиданд, ба ҷиҳати таассуби динӣ ва қавмигароӣ барошуфтанд ва ошӯбу балвоҳоро барпо намуданд. Соли 1676 шӯрише сахт дар шаҳри Нармул аз тарафи қабилае аз мутаассибини ҳинду бо номи «сотномиҳо» ба амал омад, ки осори он то як соли тамом боқӣ монд.

Аврангзеб ҷузъи молиеро, ки Ҷаҳонгиру Акбаршоҳ аз қабоили зироаткори ҳиндуҳо муоф дошта буданд, дубора барқарор сохт, ки боз ҳам қаҳри ҳунудро муваҷҷид сохт. Дар натиҷа, ҳиндуҳо даст аз мутобиат бардоштанд ва кор ба ҷое расид, ки Аврангзеб пилони ҷангии худро бар онҳо сарозер намуд ва миқдори зиёде аз ҳиндуҳоро ба охират равона кард. Дар ин кор, ҳатто, «роҷипVтҳо'«-и вафодорро ҳам, ки бар гузаштагони ӯ содиқтар ва баэътимодтару қаринтар аз дигар дарбориён буданд, аз худ нобовар ва дилшикаставу мухолиф сохт.

Азбаски Аврангзеб дар сиёсати берунӣ ҳам таҷрибаи кофие надошт, натавонист дасти инглисиҳо ва фаронсавиҳоро, ки ба тозагӣ дар савоҳили Ганг ҷойи худро ёфта буданд, аз импиротурии худ кӯтоҳ бикунад ва ин ҳам мӯҷиб гашт то аврупоиҳо бар ин орзуи деринаи худ, яъне дастёбӣ бар истимлоки ҳиндуҳо ва истиқрори сиёсии худ дар Ҳинд тухми умеде бикоранд.

Бар болои ин ҳама нокомиҳо ва интизолот, соли 1695 дар Баҳимо, ки қушунҳои Аврангзеб дар соҳили он чодар зада буданд, бар асари борони шадид ва мадид сели дарё сарозер шуд, ки дар натиҷа 12 000 нафар аз ин қӯшун ғарқаи он гардид. Ин барои истеҳкому истиқрори импиротурӣ шикаст ва халале ҷуброннопазирро ба бор овард.

Хулоса, он пойдеворero, ки Бобур Мирзо дар бунёди импиротурӣ гузошт ва он истеҳкомеро, ки Акбаршоҳ бар салтанат бахшид ва он иқтидореро, ки Ҷаҳонгир ба вуҷуд овард ва он истоқрори сиёсиеро, ки Шоҳиҷаҳон ба бор овард, Аврангзеб он ҳамаро ба ҷиҳати надоштани таҷориби кофӣ дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ва ба ҷиҳати таассуби динӣ ва қавмгаройӣ натавонист дар ҷой бимонад.

Ин вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ба вазъи илму адаб, ҳаёти олимону шоирон, минҷумла ба ҳаёти Калим ва эҷодиёти ӯ бетаъсир намондааст.

## 2. Ҳаёти адабӣ дар замони Калим.

Шеър ва шоирии форсӣ дар нимаи дуюми асри XVI ва нимаи аввали асри XVII асосан дар се минтақаи бузург тараққӣ ва нумӯъ мекард: дар Эрони Сафавӣ, Ҳинди Бобурӣ ва Мовароуннаҳр, ки дар зери салтанати хонадони Шайбониён буд. Ин се давлати муқтадир, ки аввалӣ давлате бо намои миллии эронӣ ва дуи дигар аз қавмиятҳои турկзабон буд, дар таҷаммӯъ ва гирдоварии аҳли илму адаб дар он замон гӯё бо ҳамдигар сабқат меварзиданд, то он ҷо ки ин ҷамъоварии олимону адибон аз ҷониби султаҳои зикршуда як сурате таҷаммулӣ дар худ пайдо карда буд. Дар ҳар яки ин давлатҳо доираҳои бузурги адабӣ арзи вуҷуд мекарданд ва шоирону носирони мутааддиде дар онҳо тарбият ва иршод мееёфтанд. Аз ҳар яки ин доираҳои адабӣ шоироне хуруҷ мекарданд, ки шеъри онон бурун аз қаламрави мамлакаташон иштиҳор ёфта, забонзади шуарои ҳамҷавори худ мегардид. Масалан, дар Эрони Сафавӣ шоироне ба монанди Соиби Табрезӣ, Масеҳии Кошонӣ, Бобо Фиғонӣ, Мӯҳташами Кошонӣ, дар Ҳиндустон шоироне аз қабили Файзии Даканӣ, Урфии Шерозӣ, Салими Теҳронӣ, Толиби Омулӣ, Калими Кошонӣ ва дар Мовароуннаҳр шоироне мисли Камолиддин Бинои, Ҳилолии Чағатойӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва Мулло Мушфиқӣ ба арсаи фаъолият даромаданд, ки шеъри онон бурун аз сарзаминашон низ иштиҳор ёфта буд.

Ҳаёти адабӣ дар ҳар сеи манотиқи мазкур маҷрои муайян ва ба худ хосро дошт, ки аз ҳамдигар фарқ мекард. Шумори шоироне, ки дар доираҳои адабии Эрон, Ҳинд ва Мовароуннаҳр фаъолият мекарданд, бас мутааддид ва гоҳе, мувофиқи ахбори тазкираҳои мӯътамад, ҳисоби ин шоирон бурун аз ҳадди шумурдан будааст. Масалан, доираи адабии Эронро гирем, ки дар айёми салтанати Шоҳ Таҳмосби Сафавӣ, ончуноне ки Носириддиншоҳи Ҳусайнӣ қайд кардааст, «он қадар шоир дар қарнҳои X-XI-XII ҳ. дар Эрон мезист, ки зоид бар зарфияти он марзу бум буд» (120, 16).

Ҳолати адабии Мовароуннаҳр низ ба ин сурат буд. Шоирон ва адибоне, ки дар доираҳои адабии ин минтақа фаъолият мекарданд, бас мутааддид буданд, ки нишондоди тазкираҳо дар ин бора исботи фикр хоҳанд буд. С.Саъдиев вуҷуди «Тазкиратушшуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ ва «Музаккируласҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ ва махсусан тазкираи дуввумро гувоҳ ва нишоне аз тааддуди шуаро дар Мовароуннаҳри асри XVII донистааст, ки ақидаи ӯ қобили қабул аст.

Бояд гуфт, ки шеър ва шоирӣ дар Мовароуннаҳри қуруни мазкур ҳам дар доираҳои адабии дарборӣ рӯ ба тараққӣ буд ва ҳам дар доираҳои бурунидарборӣ, яъне дар байни омма ва мардуми шаҳр.

Бисёрии шуарои ин кишвар дар хориҷ низ маъруфият пайдо карда буданд. Ин ки Мулло Тоҳири Насрободӣ(10, 432-444) дар тазкираи худ асомии 55 шоири мовароуннаҳриро бо интихоби ашъорашон оварда, нишонгари иштиҳороти шуарои ин билод аст.

А.Мирзоев шумори шоиронеро, ки Малеҳо дар тазкирааш оварда, 114 нафар ва С. Саъдиев 135 нафар қайд кардаанд (79, 19; 114, 21). Бо он ки дар қайдҳои ин ду адабиётшиноси варзида фарқият вуҷуд дорад, асос ин ҷост, ки шумори танҳо шоирони маъруфи Мовароуннаҳр беш аз сад будааст, ҳол он ки миқдори зиёди шуарои дарборӣ ва ғайридарборӣ низ буданд, ки ба ҷиҳати камистеъдодӣ ва адами маъруфият Малеҳо дар бораи онҳо қаламро дареғ доштааст.

Доираи адабии дарборӣ дар Мовароуннаҳр аслан дар се марказ: Бухоро, Самарқанд ва Балх тараққӣ карда буд, ҷуз он ки дар бисёрии манотиқи ҷанубӣ ва шимолии ин кишвар таҳти тарбият ва иршоди хонҳову бекҳо ва шарафмандон доираҳои мутааддиди нисбатан хурде низ фаъолият мекард.

Агарчанд доираҳои адабии дарборӣ дар билоди мазкур рӯ ба инкишоф буд, адабиёт дар бурун аз дарбор дар байни мардуми шаҳр, хусусан косибон ва ҳунармандон бештар нумӯъ мекард. Махсусан адабиёти шаҳри Бухоро ми-

соли равшани ин муддаост, ки шеър ва шоирӣ он қадар ки дар байни мардуми одии ин шаҳр ривоҷ мекард, дар доираи дарбории он ин ҳолатро надошт (114,22-23).

Ҳамчунин, дар шаҳри Самарканд низ адабиёти шаҳрӣ ва ҳунармандӣ, ки ба дарбор вобастагие надошт, дар фаъолият буд (114, 23).

Аммо ҳақиқатро бояд гуфт, ки он доираи адабие, ки дар минтақаи Ҳиндустони асрҳои XVI- XVII арзи вуҷуд мекард, бас фарохтар ва бас фаъолтар аз доираҳои адабии Эрон ва Мовароуннаҳри ҳамин даврон буд. Ҷуз он ки дар пойтахти мамлакати Ҳинд -шаҳри Агра тавассути Акбаршоҳ доираи адабии муқтадире таъсис дода шуд, ҳамчунин дар бисёрие аз марокизи дигари манотиқи ин кишвари паҳновар, минҷумла Деҳлӣ, ки қаблан пойтахти Ҳиндустон буд, дар Гулбарга- пойтахти Баҳмания, Беҷопур- пойтахти Одилшоҳия, дар Аҳмаднагар- пойтахти Низомшоҳия, Гулканда- маркази Қутбшоҳия ва дар Ҳайдаробод- маркази Осафҷоҳияи Дакан, ки ҳамаи ин манотиқ дар қисмати ҷанубии Ҳинд ҷойгузин буданд, доираҳои адабии қобили таваҷҷӯҳе амал мекарданд. Ин ҳама марказҳои адабие, ки дар намои доираҳои адабии дарборӣ сурат ва шакли расмӣ гирифта буданд, дар он даврон ончунон сермашғала ва пурҷӯш буданд, ки ин ҳолати пурҳаёҳуи онҳо, он иҷтимои гармеро, ки давраҳои мадиде дар марокизи адабии Эрон ва Мовароуннаҳр ҳукмрон буд, ба фаромӯшиву торикиҳо мекашид ва дар баробари он ҳамчун як ситораи дурахшон ҷилва мекард.

Оё метавон ба дурустӣ ҳақиқати ин дурахшандагӣ ва он ҷӯшу хурӯши адабиёт ва шеъру шоириро, ки дар доираҳои адабие, ки дар марказҳои гуногуни Ҳиндустони ин даврон ба вуҷуд омада буд, кашф кард? Чӣ кашиш ва ҷозибае мавҷуд гашт, ки на танҳо шоирони форсигӯйи Ҳинд дар гирди ин доираҳои адабӣ ҷамъ меомаданд, ҳамчунин шуарои боистеъдоде аз Эрон ва Мовароуннаҳр тарки ватан мегуфтанд ва дар Ҳиндустон таваттун меҷустанд ва чӣ қуввае мавҷуд буд, ки ҳатто шуарои ҳиндӣ забони худро ба яксӯ мегузоштанд ва дар иҷтимои шоирони форсӣ роҳи

мушоракат мечустанд ва ба форсӣ шеър мегуфтанд? Оё ҳамаи ин ҳолотро, ки дар адабиёти форсизабони он даврони Ҳиндустон ҳукфармо буд, метавон муҳаққиқона истинбот кард?

Ростӣ, ин матлабро муҳаққиқон ва мусташриқоне, ки оид ба таърихи адабиёти форсизабони Ҳиндустон рисолот ва осори пурарзиш таълиф кардаанд, бо нуқоти назарии мутафовити худ парда аз рух бардоштаанд. Он нуқтаи назаре, ки адабиётшиносон ва муаррихони хориҷ дар бобати иллатҳои инкишофи доираҳои адабии Ҳиндустон, ба вижа доираи адабии шаҳри Агра- пойтахти ин кишвар, дар бобати рӯоварии шоирони бурунӣ ба диёри Ҳинд, рағбати салотин ва умарои ҳиндӣ ба шеър ва шоирони форсӣ, сабабҳои таъсиси мансаби «маликушшуароӣ» дар доираҳои адабии манотиқи гуногуни Ҳинд, мӯҷиботи ҳурмати салотини ҳиндӣ аз шоирони форсигӯ, бахусус эронӣ, дар рисолоти худ қайд кардаанд, агарчанд аз ҳамдигар тафовут доранд, қайдҳои ҳар яке орӣ аз ҳақиқат ва холӣ аз фавоид нестанд. Он чи муаллифоне ба монанди Аҳмад ибни Насруллоҳи Дайламӣ, Муҳаммад Юсуф, Абдулқодири Бадовунӣ, Ҳиндушоҳи Астарободӣ, Мирзо Такобнӣ, Гупомӯи Ҳиндӣ, Шиблии Нӯъмонӣ дар атрофи доираҳо ва ҳолоти адабии Ҳиндустон дар асарҳои худ нуқтаи назари хешро гуфтаанд, бо он чи муҳаққиқин ва мусташриқини муосири хориҷӣ, аз қабили Ян Рипко, Роҷр Сюри, Ҳирмон Эте, Ризозода Шафақ, Насруллоҳи Фалсафӣ, Алӣ Асғари Ҳикмат, Доиулислом, Яҳёи Оринпур, Содиқи Китобдор, Муҳаммад Садри Ҳошимӣ, Шамси Лангрудӣ дар ин боб қайдҳо кардаанд, муқоиса бишавад, маълум мегардад, ки аз ҳамдигар чандон ҳам мутафовит нестанд, ҷуз дар чанде аз нуқоти дуввумдараҷаи марбут бад-ин мавзӯъ.

Доираи адабие, ки дар Ҳиндустони асрҳои XVI-XVII фаъолият мекард ва ҳолоти адабие, ки дар ин кишвар мустақарр буд, агарчанд чун доираҳои адабии Эрон ва Мовароуннаҳр як таърихи тӯлониро дар худ надошт, дар ин муддати кӯтоҳе, ки арзи вуҷуд кард, дар даврони худ

бесобиқа буд. Хусусан дар замони салтанати Акбар-подшоҳи сарзамини Ҳинд ва аъқоби ӯ, ба монанди Ҷаҳонгиршоҳ ва Шоҳиҷаҳон ин доираи адабӣ вусъат ва шӯҳрати беназири худро пайдо кард, ки инро аксари аз тазкиранависони ин даврон ва муҳаққиқони муосир таъкид кардаанд. Дар айёми салтанати Акбаршоҳ буд, ки дар бузургтарин шаҳри маркази кишвар- Агра мансаби «маликушшуароӣ» ба расм ва пайравии шоҳони эронӣ бо фармон ва ибтикори султони мазбур таъсис дода шуд ва Акбаршоҳ бо таъсис ва ташкили ин мансаб дар тамомии манотиқи ҷаҳони форсигӯйи он рӯз шӯҳратманд гашт, ки ин нуқта дар китобҳои таърихӣ ба такрор ёдовар шудааст. Аз ҷумла, муаррих ва тадқиқгари маъруфи эронӣ Алӣ Асғари Ҳикмат дар «Сарзамини Ҳинд»-и худ дар ин бобат овардааст: «Акбар нахустин подшоҳест, ки ба расм ва тақлиди салотини эронӣ мансаби хосе ба номи «маликушшуаро» дар дарбори худ барқарор сохт ва аввали ҳама Ғазолии Машҳадӣ ба ин мақому мартабат ноил гашт ва сипас ин мансабро ба шоире ҳиндинажод, яъне Абулфайзи Ногурӣ, мутахаллис ба Файзӣ ато фармуд»(45, 89).

Яке аз сифатҳо ва хислатҳои хуби салотини Темуриёни Ҳинд, ба хусус Акбаршоҳ, дар он зоҳир гаштааст, ки дар ниҳоди онҳо ҳисси миллатгароӣ ва қавмбадбинӣ набудааст. Ин шоҳон, ки аксаран бархӯрдор аз фазлу дониш будаанд, дар азиздошт ва ҳурмати шоирони чи худиву чи бурунӣ ва чи туркзабону чи дигар миллат, хусусан форсизабонон, эҳтимоми зиёд меварзидаанд, ки исботи ин фикр далоили дар боло оварда мебошанд. Аввалин мансабдории «маликушшуароӣ»-ро ба шоири эроние ба номи Ғазолӣ шоиста донистаанд ва баъди ӯ ин мансабро ба ҳиндие ба номи Ногурӣ эҳдо намудаанд; сипас, боз ба шоири бурунмарзие ва ин амали ҷавонмардонаи салотини темурии Ҳинд барҳақ бозгӯкунандаи ҳиммати баланд ва ниҳоди бекудурати онҳо дар баробари аҳли илму адаб буд.

Фирӯзкӯҳӣ, ки маҷмӯаи «Девони Соиб»- ро мураттаб сохтааст, дар муқаддимае, ки бар ин девон навиштааст,

дар бораи азиздошти Темуриён аз шуарои эронӣ чунин қайд кардааст: « Маликушшуароҳои дарбори темурӣ, ба ғайр аз Шайх Файзӣ (ки ҳиндӣ буд,) ҳамагӣ эронӣ ва ҳама ҷо мӯҳтарам буданд»(23,35).

Чун мансаби «маликушшуаройӣ» дар ҳама билоди марказии кишвари Ҳиндустон, марокизе аз қабили Агра, Гулбарга, Беҷопур, Аҳмаднагар, Гулканда ва Ҳайдаробод таъсиси расмӣ ёфт, доираҳои адабие, ки ҳанӯз аз даврони салтанати Бобур Мирзо ва писараш Ҳумоюн арзи вуҷуд мекарданд, шакли тозатар ва васеътаре бар худ гирифтанд ва ҳолоти адибоне, ки дар ин доираҳо фаъолият мекарданд, дигаргунатар ва фараҳмандтар шуд. Шумори шоироне, ки дар ин доираҳои адабӣ амал мекарданд, мутааддид шуд. Масалан, шумори танҳо он шоироне, ки ҳанӯз аз ҳангоми таъсиси мансаби «маликушшуаройӣ»-и Ҳинд аз Эрон ба Агра, яъне пойтахти ин давлат ҳиҷрат карда буданд, тибқи қайди Шайх Абулфазл бинни Муборак, бар шаст расида буд ва чуноне ки ин муаррих, ки ҳам вазири Акбаршоҳ буд, дар асараш овардааст, шаст шоири қайдгардида танҳо ононе буданд, ки илму дониши васеулмашраб доштанд ва хостгору ҷӯяндаи мансаби «маликушшуаройӣ» буданд, то чӣ расад бар он шоироне, ки дар илму дониш поинтар буданд ва танҳо ҷой гирифтан дар доираи адабии дарборро орзу мекарданд (2, 345-400).

Дар ин бора Амир Фирӯзкӯҳӣ дар муқаддимаи бар «Девони Соиб» навиштааш чунин қайд кардааст: «Теъдоди шуарои дарбори Акбарӣ ва касоне, ки аз Эрон ба фиристодани ашъори худ мавриди муҳаббати ӯ қарор мегирифтанд, чандин буд, ки шумурдани онон одамиро мутаҷҷиб месозад (23, 120).

Аз Мовароуннаҳр ҳам шоирони зиёде ба сабабҳои гуногун тарки ватан мегуфтанд ва аксари онҳо рӯ сӯйи Ҳинд мекарданд. Мувофиқи нишондоди Малеҳои Самарқандӣ, танҳо он шоироне, ки вазъи бади рӯзгор ононро аз ватан нохушнуд мекард ва зиндагидориро бар онҳо танг мена-

муд, ки дар натиҷа ба Ҳинд мусофират ихтиёр карданд, ба 15 мерасад (43, 34).

Соли 1680 вақте ки Абдулазизхон - ҳокими Бухоро аз тоҷу тахт даст кашида, ба нияти зиёрати ҳаҷ рӯ ба Арабистон мениҳад, дар савоҳили Баҳри Шӯр аз касолат вафот мекунад ва дар натиҷа он шуарои дарборӣ, аз қабили Надири Дастури Насафӣ, Амир Шараф Ҷалоли Китобдор, Хоҷа Самеи Содот, Ломеи Насафӣ, ки бо ӯ ҳамроҳ буданд, дубора ба ватан нарафта, озими Ҳиндустон мешаванд (114, 28). Аз ҷамъи ин шоирон танҳо Самеи Содот дубора ба Бухоро меояд ва дар доираи адабии дарборӣ фаолият мекунад.

Шоирони дигаре ба монанди Ғубор, Мулло Муқайяди Балхӣ, Мунъими Бухорӣ, Насими Маҳрам, Нашъа ва Мирсаид Ҷалол бо баҳонаи саёҳат, дарвешгарӣ ва зиёрати Каъба тарки ватан мекунанд ва ба Ҳинд мераванд (79, 25).

Дар даврони салтанати Бобур Мирзо, Ҳумоюн ва хусусан Акбаршоҳ ва писараш Чаҳонгиру наберааш Шоҳиҷаҳон хайли шуаро ва донишмандон аз Эрони Сафавӣ ва Мовароуннаҳри давраи Шайбониён азми муҳоҷират ва истиқомат бар диёри Ҳинд мекарданд ва ин орзуи таваттун ҷустан дар кишвари мазбур дар ҷамъияти шоирони он даврон сурати омро бар худ касб кард, то он ҷо ки ин бисёрӣ ва тазоюди муҳоҷирати шуаро ба Ҳиндустон барои шеър ва шоири он рӯз ташбеҳ ва мустаори «касрат», «бисёрӣ» ва «тааддуд»-и бурун аз зарфияти ҳисобро бар худ гирифта буд, ончунон ки Соиби Табрезӣ ташбеҳи «касрати савдои ёр»-ро аз «тазоюди муҳоҷирати шоирон» сохтааст, дар ин байте, ки мегӯяд:

*Ҳамчу азми сафари Ҳинд, ки дар ҳар дил ҳаст,*
*Рақси савдои ту дар ҳеч саре нест, ки нест* (23, 55).

Чӣ иллатҳо мавҷуд буда, ки шуарои мустаиди Эрон ва Мовароуннаҳр ба ҷиҳати қабули дарбори Темуриён ба Ҳинд муҳоҷират мекарданд ва чӣ кашише ин шоиронро ба сӯйи билоди мазбур ҷазб мекардааст. Ин матолиб баҳсу далоили мушаххаси илмиро тақозо доранд.

Тазкиранигороне, ки дар ин мавзӯъ қаламфарсоӣ кардаанд ва муҳаққиқону мусташриқоне, ки дар ин бобат мубоҳисаҳо намудаанд, иллатҳо ва сабабҳои инкишофи доираҳои адабии Ҳиндустон, ҳолоти фараҳманди адибони ин билод, мӯҷиботи рӯйоварии шуарои бурунӣ бар ин кишварро бо далоили гуногун дар асарҳои худ зикр ва истинбот кардаанд. Агар тазкиранигорон ин матлабро бо роҳи зикр, ёдоварӣ ва сабти таърихӣ дар тазкираҳои худ баён карда бошанд, адабиётшиносон ва муаррихони муосир, ки аксаран хориҷианд, дар болои ин матлаб ба ҷиддият қарор гирифта, бо далоили гуногун ва нигоҳҳои борикбинона дар ин мавзӯъ тадқиқоте анҷом додаанд.

Кулли далоилеро, ки тазкиранигорон, муҳаққиқон, адабиётшиносон ва мусташриқон дар атрофи иллатҳо ва сабабҳои инкишоф ва рушди доираҳои адабии Ҳиндустон, авзоъ ва ҳолоти шеъри форсӣ ва шоирони форсигӯ дар тазкираҳову рисолот ва мақолоти худ овардаанд, ба тариқи хулоса дастабандӣ кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, қабл аз он ки оид ба ин мавзӯъ муфассал баҳс бикунем, омилҳои инкишоф ва сабабҳои такомули доираҳои адабӣ дар Ҳиндустон, мӯҷиботи камол ёфтани шеър ва шоирии форсӣ дар ин сарзаминро ба тариқи зайл намоёнидан мумкин аст:

1. Истиқрори комили сиёсии Ҳинди нимаи дуюми асри XVI ва нимаи аввали асри XVII

2. Рағбати салотини темурии Ҳинд ба шеъру шоирӣ, фозилӣ ва донишмандии онон дар фанни шеър

3.Ҳурмат ва азиздошти салотини темурӣ аз шоирон ва фозилон, орифон ва файласуфон;

4. Нуфуз ва интишори забон ва адабиёти форсӣ дар Ҳинд, мақоми давлатии забони форсӣ дар ин кишвар

5. Истиқлоли андеша, озодии мазҳаб ва озодии шахсӣ дар ҳама манотиқи Ҳиндустон

6. Андеша, ҳаёт ва мазҳаби чаҳорчӯбӣ дар Эрони Сафавӣ

7. Таассуби динӣ ва мазҳабӣ дар Мовароуннаҳри давраи Шайбониён

8. Беэътиноии шоҳони сафавӣ бар ашъори мадҳиявӣ ва ирфонӣ, таассуби онон бар ин гуна ашъор

9. Ҳурмат ва азиздошти шоҳони сафавӣ дар ҳаққи танҳо уламо ва фуқаҳо

10. Рағбати шоҳону умарои сафавӣ бар ашъоре аз навъи қасоид дар шаъни расули акрам, шоҳи вилоят, авлоди атҳори ӯ ва аимаи маъсумин

11. Камтар ба шеъру шоирон пардохтан ва бештар ба тарвиҷи мазҳаби шиа кӯшидани дудмони Сафавиён

12. Иллати қаҳт ва манъи шеъри ирфонӣ ва фалсафӣ дар Эрони Сафавӣ

13. Вазъи бад ва тоқатфарсои зиндагонии шуарои ғайридарбории Мовароуннаҳр

14. Бадбиниву ситамкории умарои Мовароуннаҳр нисбат ба шоирони асил ва боистеъдод

15. Рафтори беэҳтиромона ва раво дидани азияту шиканҷа нисбат ба шуаро аз ҷониби Сафавиён

16. Адами шинохти дақоиқи забониву шеърӣ ва нукоти борик ҳам дар Эрони Сафавӣ ва ҳам дар Мовароуннаҳри Шайбонӣ

17. Зиёдии шуаро дар Эрони Сафавӣ

18. Касрати шуаро дар Мовароуннаҳр

19. Касодии иқтисодии шуарои эронӣ ва иқтизои шароити тоқатфарсои онҳо

Ростӣ, ин ҳама далоиле, ки дар мавзӯи мазкур оварда шуд, аз рӯшантарин ва муҳаққақтарин далелҳоест, ки пажӯҳандагони таърих ва адаби форсӣ бо мӯшикофиҳову борикбиниҳои қобили таваҷҷӯҳе андар ёфтаанд.

Он чи ки дар бобати авзои сиёсию иҷтимоии Ҳинд дар боло гуфта шуд, дигар хоҷати такрорро надорад. Дар ин бора ҳаминро ба таври хулоса бояд гуфт, ки дар даврони мазкур Ҳиндустон аз аввалин давлатҳое буд, ки дар он як оромию истиқрори сиёсӣ ҳукмфармоӣ мекард ва ҳамчунин, ин давлат аз муқтадиртарин ва сарватмандтарин давлатҳо маҳсуб мешуд. Ин авзои орому пурҷамъият ва иқтидори сиёсиву иқтисодии Ҳинди Темурӣ сабабҳои

такмил ва иршоди илму фанро сабаб мегардид, аз ҷумла, инкишофи адабиёт ва шеъру шоирӣ, ки лозимаи тараққии он ҳамин ҳокимияти оромӣ ва ҳаёти мураффаҳ дар саросарии билоди мазкур буд. Шояд ҳамин сулҳу оромӣ боис шуда бошад, ки хонадони Темуриён дар Ҳиндустон тавонистанд сесад соли тамом ҳукмронӣ намоянд ва дар ин се қарни тулонӣ мустақарр бимонанд, аз ҳангоми ҳуҷуми Бобур Мирзо ба Ҳинд то истилои инглис.

Ин оромии тӯлонӣ сабаб шуд, ки мардум дар Ҳиндустон ҳаёти озод ва пурфараҳ аз сар гузаронад, ҳаётеро, ки дар чаҳорчӯби сиёсиву иқтисодӣ ҷой надошта бошад. Чунонки аз кутуби муҳаққиқон бармеояд, дар Ҳиндустони ин даврон, хусусан дар нимаи аввали асри XУII, андеша, мазҳаб ва диёнат озод будааст ва ҳеч яке аз ин мафоҳим дар чаҳорчӯби сиёсӣ қарор надоштааст, бар хилофи Эрони Сафавӣ ва Мовароуннаҳри Шайбонӣ, ки дар ин ду давлат ҳаёти халқ дар чаҳорчӯби мазҳабӣ ва динӣ қарор дошт. Дар Эрони Сафавӣ мазҳаби ташайюъ ҳукмрон буд ва дар Мовароуннаҳр мазҳаби тасаннун ва пӯшида нест, ки ҳукмронии мустабидонаи мазоҳиб рӯҳи ҷамъият ва андешаву истиқлоли мазҳабии ононро мунҳасир месозад ва ҳаёти ӯро дар чаҳорчӯб қарор медиҳад ва истиқлоли андешаронии озодро аз онҳо рафъ месозад. Шояд ҳамин беҳуқуқӣ дар андешаи озод ва ҳамин адами истиқлол дар ибрози андеша буд, ки дар Мовароуннаҳр шоирону носирони баноме ба монанди Камолиддин Бинои, Мавлоно Ҳилолӣ ва Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дучори сарнавишти талху тоқатфарсо шуда, аз роҳи иттиҳом мавриди куштори душманони андешавиашон қарор гирифтанд (дар ин куштор Восифӣ сарфи назар аст) ва он шоироне, ки ба ҷиҳати андешаашон тӯҳматзада шудаанд, ба билоди ҳамҷаворе чун Ҳинди Бобурӣ ва Туркияи Усмонӣ рӯ сӯйи гурез ниҳоданд. Аз ҷумлаи ин шоирони фироркарда Зуҳурии Хуҷандӣ мебошад, ки шояд ба сабаби ҳамин ҳаёти тоқатфарсо Мовароуннаҳрро тарк гуфта бошад. Ҳамон Зуҳурие, ки Ризозода Шафақ дар асари маъруфи худ ӯро дар радифи

Соиби Табрезӣ, Файзии Даканӣ, Урфии Шерозӣ ва Назирии Нишобурӣ гузоштааст (107,559).

Ҳамин фазои номусаффо дар иҷтимои Мовароуннаҳри Шайбонӣ ва ҳамин рафтори ноҷавонмардонаи умарои хонадони мазкур будааст, ки шоирони мустаиде, аз қабили Лутфуллоҳи Шокир ва Неъмати Самарқандӣ, ки дар силки шуарои дарборӣ фаъолият мекарданд, рафтуоро аз дарбор батамом барканданд ва гӯшаи узлат ихтиёр карданд (114,28). Неъмати Самарқандӣ, ки аз мулозимпешагон ва маддоҳони Субҳонқулихон буд, баъд аз оне ки дигаргуние дар рӯҳи ӯ ба вуҷуд меояд ва батамом тарки давлату дарбор ва молу мукнат карда, рӯ ба тасаввуф мениҳад, аз тарафи дарбориён кушта мегардад (111,28; 79,25).

Ин чаҳорчӯбӣ ва мунҳасирии андеша ва адами истиқлоли андешавию мазҳабӣ дар Эрон аз ин бадтар буд. Дар Эрон мазҳаби шиа ҳокими ягона буд ва уламову фақеҳони муташайеъ, ки аламбардорони сарсахти давлат буданд, дар пойдориву истиқлоли ин мазҳаб аз ҳеч кирдори нашоистанӣ ва итобу иттиҳоме нисбат ба андешаи ғайр ва озод сар намепечиданд. Ин матолиб дар китобҳои муҳаққиқони чи эронӣ ва чи аврупоӣ ба таври рӯшан қайд ёфтаанд.

Тибқи нишондоди Шамси Лангрудӣ (120, 23) ва Бостонии Поризӣ (56, 48) дар рисолоташон, Мир Имод- хаттоте, ки санъати ӯ дар ҳама акноф иштиҳор ёфтааст, танҳо бо баҳонаи ин ки аҳли тасаннун будааст, кушта мешавад. Тибқи зикри Абдулқодири Бадовунӣ (1, 170), ҳукумати Сафавӣ ба иттиҳоми уламои шиӣ Ҳаётии Гелониро ба баҳонаи ин ки нуқтавӣ аст, сазовори қатл донист, ки дар натиҷа ӯ маҷбур шуд ба Ҳиндустон гурезад. Авҷии Натанҷӣ ба гуноҳи илми найранг доштанаш кушта шуд, Мулло Рӯҳии Ҳамадонӣ ба гуноҳи сурудани шеъре забонаш бурида гардид, Мулло Мир Ҳайдари Муаммоӣ ба тӯҳмате зиндонӣ гашт, Шайх Баҳоӣ бо эҷоди ашъори ирфонӣ матъун гардид, Мулло Тоҳири Маҷлисӣ ба баҳонаи қабули андешаҳои ирфонӣ озор дода шуд ва

Мирдомод, ки шоири боистеъдоде буд, ҳатто ашъори худро пинҳон медошт ва ба касе намегуфт (120, 23-24).

Маълум аст, ки то асри Калим, Соиб, Урфӣ ва Толиб тасаввуф ва ирфон зиёда аз шашсад сол бар шоирии форсӣ ҳоким буд ва асбоби тазайюнот ва тақаддусоти он буд. Аммо, аз асри XVI ба баъд Сафавиён бар он сахт барошуфтанд, мутасаввифа ва урафоро ҳарчи метавонистанд, тааддӣ мекарданд, то ҷое, ки ҳар куҷо хонақоҳе дармеёфтанд, дар тахриби он камар мебастанд.

Агар дар мавзӯи таҳқиру озор ва беэҳтиромии шоирони эронӣ аз ҷониби давлати Сафавиён ва маснаднишинонишон суханони боло иктифо накунад, бовар ҳаст, ки ин навиштаи Шамси Лангрудӣ дар ин боб кифоят мекунад: «...бисёрӣ андешаи шиийи салотини сафавиро омили ин амр медонанд. Инон ба истинод ба ояи қуръонии «Ашшуаро ят- табиуҳум ал- ғовуна (сураи «Шуаро», ояи 224 - С.О.) мегӯянд: аз он ҷо ки шеър дар Ислом аз мункирот аст (чаро ки Қуръон шоиронро пайрави шайтон донистааст) ва ин амр ба вижа дар ташайюъ бисёр мавриди таваҷҷӯҳ буда, лизо табиӣ бувад, ки салотини сафавӣ, ки шиимазҳаб буданд, эътиное ба шеъру шоирӣ накунанд (120, 20).

Ин андешаҳои мутаассибонаи мазҳабӣ, ки дар чаҳорчӯби ташайюъ қарор доштанд, барои шеъри ирфонӣ ва шоирони ирфонпеша мояи озор ва безорӣ гашта буд, ки бад-ин ҷиҳат шеъри ирфонӣ ва шоири ирфонӣ ҳамчунин билодро барои худ бисёр танг медид ва роҳи муҳоҷират ё фирор меҷуст, ба билоде, ки андар ҳавои он нафаси тоза бикашад. Ин гуна билод дар он давра қабл аз ҳама Ҳиндустон буд, билоде, ки таассуботи мазҳабӣ дар он ҷое барои худ намеёфт, маконе ки, ба қавли Калими Кошонӣ, дар бозгашт аз он ҷуз пушаймонӣ ва ҳасрат чизе ба истиқболат намеояд:

*Асири Ҳиндаму з-ин рафтани Беҷо пушаймонам,*
*Куҷо хоҳад расондан парфишонӣ мурғи бисмилро.*
*Зи ишқи Ҳинд з-он сон чашми ҳасрат бар қафо дорам,*
*Ки рӯ ҳам гар ба раҳ орам, намебинам муқобилро* (8, 99).

Ҳиндустоне, ки барои шоирони ирфонпешае чун Калими Кошонӣ ҳар шаҳри он азиз аст ва ҳар макони он ҳукми ин маъниро дорад, ки Калим мегӯяд:

*Шамими хулд гадои диёри Кашмир аст,*
*Шукуфтагӣ гули хори баҳори Кашмир аст* (8, 138).

Ҳиндустон дар асри ХУII аввалин давлатест, ки бо вуҷуди сохтори исломие, ки дар сиёсати он ҳукмрон буд, бисёр демократитар аз давлатҳои ҳамҷавори худ будааст. Ҳам дар сиёсат ва ҳам дар иқтисоду тиҷорат ба давлатҳои ғайриисломие чун Рум, Визонт ва Рус дасти кушод доштааст. Ҳама ақвом ва миллатҳо метавонистаанд, ки ба осудагӣ дар ин кишвари афсонавӣ зиндагонӣ ва савдову тиҷорат бикунанд. Ин кишвар дар сиёсати мазҳабӣ ва иделогӣ ба монанди Сафавияи Эрон ва Шайбонияи Мовароуннаҳр мутаассиби сахтгиро набудааст. Андеша, мазҳаб, идюлогия ва фикр дар ин билод нафаси тоза мекашидааст. Оё, худ ин нишони равшане аз озодандешӣ ва демократӣ будани ин давлат нест, ки дар он салотин ва маснаднишинони дарборӣ аз ақвоми турк (яъне: ворисони Темур ва Бобур) буданд, забони давлатӣ форсӣ буд, кишвар сарзамини ҳиндувон ва дар доираи адабии дарбор намояндагони миллатҳои гуногуне, аз қабили ҳунуд, форсҳо, туркон ва арабҳо фаъолияти эҷодӣ мекарданд. Шояд ин вусъати майдон ва гуногунрангии доираи адабии марокизи Ҳинд сабаб шуда бошад, ки ҳама шоирони бурунмарзӣ хостгори тақарруб бар ин дарбор буданд.

Аҷибтар он аст, ки дар кишвари ҳиндувон забони форсӣ мақому мартабаи волоеро соҳиб шуда буд. Дар даврони салтанати Акбаршоҳ ва ворисони ӯ буд, ки забони форсӣ дар Ҳиндустон ба авҷи тараққӣ расид. Ризозода Шафақ дар ин бора навиштааст: «Забони форсӣ бо футӯҳоти муслимин дар Ҳинд ва муҳоҷарати порсиён дар қуруни аввалияи Ислом ва футӯҳоти Султон Маҳмуд шурӯъ ва бо салтанати Ғазнавиён ва Ғӯриён дар он диёр интишор ёфт ва баъд бо таъсиси салтанати муғул дар он мамлакат ба авҷи тараққӣ расид» (107,561).

Забони форсӣ танҳо мавриди истифодаи шуарои форсигӯе, ки аз Эрон ва Мовароуннаҳр ба Ҳинд муҳоҷират карда буданд, қарор намегирифт. Ҳатто, дигар мусалмонони ин кишвар ва ҳамчунин ҳиндувон ба ин забон такаллум мекарданд, ашъор ва таснифоти дигар ҳам эҷод менамуданд. Масалан, дуввумин маликушшуарои дарбори Акбарашоҳ шоири ҳиндуе ба насаби Ногурӣ буд, ки бо тахаллуси Файзӣ ашъори ғарро мегуфт. Дигаре Пондит Дунгармон ном шоири ҳиндинажод буда, ки ин байт аз ӯст:

*Дил хун нашудӣ, чашми ту ханҷар нашудӣ гар,*
*Раҳ гум нашудӣ, зулфи ту абтар нашудӣ гар* (45,90).

Дар «Тузук»-и Ҷаҳонгир ва «Акбарнома»-и Абулфазл бинни Муборак, Мирзо Манавҳадии Тавсанӣ ном шоири ҳиндиюласле бо ин рубоияш зикр гардидааст:

*Бе ишқи ту дар ҷигар лаболаб нор аст,*
*Бе дарди ту дар сарам саросар хор аст.*
*Бутхонаву Каъба ҳар ду наздам куфр аст,*
*Моро ба ягонагии эзад кор аст (45,90).*
*Ва низ ин байт аз шоир Тавсанӣ аст:*
*Ягона будану якто шудан зи чашм омӯз,*
*Ки ҳар ду чашм ҷудову ҷудо наменигаранд* (45,91).

Шоири дигари ҳинду бо номи Кришнодаси Браҳман дар даврони акбарӣ фаъолият мекарда ва ин шеър аз ӯст:

*Зоҳидо, каъбапарастӣ туву мо бутпараст,*
*Ту ба ин ақл мусалмониву ман барҳаманам* (45,91).

Ягона роҳи бор ёфтан дар дарборҳои умарои ҳиндӣ ва тариқи дарёфти маснад ва вазифае дасти тавоно доштан дар забони форсӣ ва назму насри он буд; барои он ки даврони мазкур муқтазии ҳамин ҳоҷот буд. Дигар ин ки забони форсӣ забони расмӣ ва давлатдорӣ ва сиёсати ҳамон рӯзгорон буд. Ва ин танҳо форс буданро тақозо намекард, чунки ҳар он касс, ки бар забону адаби форсӣ мусаллат мешуд, метавонист дасти хуши рӯзгорро ба даст орад, чӣ

бо роҳи носирӣ ва чӣ бо роҳи шоирӣ, новобаста ба миллият ва қавмият. Ҳамин ҳолоти озодманишии ҳукмрон будааст, ки дар дарбори Дорошукӯҳ шоири забардасти форсигӯйи ҳиндиюласле ба номи Чандр Баҳоки Бараҳман ба арсаи шӯҳрат медароянд, то он ҷо ки Дорошукӯҳ ӯро ба муншии хеш қабул мекунад. Ин Чандри шоир дар назму насри форсӣ дасти тавоно доштааст ва «Чаҳор чаман»-у «Мунашшаоти Браҳман» аз эҷодиёти ӯст (45,93,95).

Шуарои забардасти мовароуннаҳрӣ, ки ватани худро тарк гуфта, ба Ҳинд мусофират карда буданд, низ мавриди эҳтиром ва эъзоми салотини темурии ин билод қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, Надир Дастури Насафӣ аз ҷониби Аврангзеб ба мансаби қозигии шаҳри Кобул мушарраф гардид ва ҳам Абдурраҳмони Мунъим аз тарафи султони мазкур ба мансаби ҳазорӣ мансуб гардонида шуд (114,28).

Ин ҳама рафтори салотини темуриро ҷуз аз икром ва эъзоми онон нисбат ба шеър ва забони форсӣ дигар ба чизе наметавон талаққӣ намуд.

Ростӣ, чӣ ҳолате дар доираҳои адабии Ҳиндустон ва муҳити ин сарзамини паҳновар ҳукмфармо будааст, ки ҷамъияти ин кишвар ҳамагӣ, новобаста ба қавмияту миллат, на танҳо дар омӯзиши забон ва адабиёти форсӣ эҳтимом меварзидаанд, дар эҷоди ашъор ва таснифот бадин забон кӯшишҳои зиёде низ ба харҷ медодаанд?!

Бино бар далелҳои истинботшудаи муҳаққиқони адабиёти форсизабони Ҳиндустон, рағбати салотини Ҳинд, қабл аз ҳама Акбаршоҳ, ба шеъру шоирии форсӣ ва эҳтироми бесобиқаи ӯ нисбат ба забон ва адаби форсӣ сабаб шудааст, ки аҳли адаб, ба хусус шуаро, аз мамолики ҳамҷавори Ҳинд ба самти ин кишвар рахти сафар барбанданд. Акбаршоҳ на танҳо як тан фозилу донишманд ҳисоб меёфтааст, ҳамчунин донандаи хуби илми шеъри форсӣ будааст, то он ҷо ки худи ӯ низ бо форсӣ ашъор эҷод мекардааст. Алӣ Асғари Ҳикмат мегӯяд: «Ӯ (яъне Акбар - С. 0.) ба шеъри форсӣ рағбат ва майли фаровон дошта ва аз худи вай ашъор ва абёт ривоят кардаанд. Аз ҷумла, ин рубоии мустазод аз ӯст, ки ҳокӣ аз таъсироти ниҳонӣ ва

майлу шавқи вай ба ватани қадими ӯ (Осиёи Марказӣ) мебошад:

*Умрам ҳама дар фироқу ҳиҷрон бигузашт,*
*Бо дарду алам,*
*Ин умри гаронмоя чӣ арзон бигузашт,*
*Дар ранҷу ситам.*
*Умре, ки бишуд сарфи Самарқанду Ҳарӣ,*
*Бо айшу тараб,*
*Афсӯс, ки дар Агра вайрон бигузашт,*
*Бо ғуссаву ғам»* (45, 89).

Ҳамин эҳтиром ва эъзози Акбаршоҳ дар баробари шеъру шоирии форсӣ буда, ки ӯ аз байни Темуриёни Ҳинд аввалин шуда, дар дарбораш мансаби «маликушшуароӣ» -ро таъсис дод ва ҳамин муқаддас доштани ӯ аз забони форсӣ буд, ки ин забон дар он давронончунон интишор ва иштиҳор ёфт, ки ба қавли муаллифи «Таърихи Фиришта», «кофирон ҳам ба хондан ва навиштани хатти форсӣ мепардохта...» (60, 449).

Ҳамин ҳолатро Шиблии Нӯъмонӣ низ таъкид кардааст, ки салотини темурии Ҳинд, аслан, худ дорои табъи мавзун ва наққоди сухан буданд ва ба ақидаи ӯ, ин ки салотини мазкур шуароро дар гирди худ ҷамъ мекарданд, на бад-он ҷиҳат буда, ки аз ин роҳ шӯҳратманд гарданд, балки ин ба ҷиҳати ҷозиба ва шавқи шеърдониву дақоиқфаҳмӣ дар ашъор будааст (121,ч. 5, 174- 175).

Чун шоирони эронӣ ва мовароуннаҳрӣ ба хубӣ дарёфтанд, ки салотини Ҳинд маҷзуб ва дӯстдори шеъру адаби муқаддаси форсиянд, ба эҳтимоми тамом рӯ сӯйи дарбори онҳо ниҳоданд ва дарбори ин салотинро, агарчи аз ҳайси забон ва нажод бар онҳо бегона буд, бас наздиктар ва азизтар аз дарбори шоҳони билоди худ дарёфтанд ва онро ба дарборҳои эронӣ риҷҳон ҳам ниҳоданд. Худ ин воқеист, шоире, ки дар ватани худ озору азият мекашад ва дар кишвари бегонае бар хилофи ин ҳурмату такрим мебинад, бе ҳеч ваҷҳе ин кишварро, агар ҳам барои ӯ бегона бошад, аз ватани маълуфии хеш пасттару хортар намедо-

над ва баръакс онро тарҷеҳ мениҳад, он ҳам шоире, ки машраби ирфон дорад ва ҳама ҷоро ватан ва мулки Худо медонад. Калими Кошонӣ, ки ҳама умр саргардон буда, мегӯяд:

*Дар хоки Ватан тухми муроде нашавад сабз,*
*Беҳуда Калим ин ҳама саргарми сафар нест* (8,73).

Шоире, ки дар Ватани хеш ҳамвора мавриди кулфат ва нокомиҳо қарор бигирад, мунтазири ҳеч оромие дар ин улфатгаҳи хеш нест, ончунон ки Калим гуфта:

*Дудем ба гулхани замона,*
*Моро ором дар Ватан нест* ( 8, 98).

Салотини Ҳинд ҳам, чун диданд шоирони мустаиде, аз қабили Калими Кошонӣ, Урфии Шерозӣ, Салими Теҳронӣ, Толиби Омулӣ бо вуҷуди машраби баланди шоирӣ ба ҷиҳати таассуби умарои сарзаминшон дар Ватани маълуфии хеш дами озоде намекашанд, ононро ба хушӣ ва ҷавонмардӣ истиқбол ва эъзом карданд, то он ҷо ки онҳоро ба ҳадоёи гаронқадр сарбаланд гардонданд. Дар «Сабки ҳиндӣ»-и Шамси Лангрудӣ омадааст, ки «Ҳаётии Гелонӣ, ки ба ҷурми нуқтавӣ будан аз Эрон фирор карда буд, ба дастури Ҷаҳонгир ҳамвазнаш зар гирифт (120, 19).

Боз ҳамин муаллиф ба нақл аз «Маҷмаъ-ул- хаввос»-и Содиқии Китобдор меорад, ки Мир Ашкии Қумӣ аз шоирони боистеъдоди эронӣ, ҳангоме дар назди умарои ҳиндӣ мақбулулқавл гардид ва аз эшон ба ҳисоби 100 000 сикка ҳадя дарёфт кард, аз фарти шодӣ даргузашт (120, 20).

Дар доираҳои адабии Ҳиндустон на танҳо шоирон қабули хуш меёфтанд, ҳамчунин, салотини дарборҳои мазкур дар тарбияти носирону таърихнависон кӯшишҳо ба харҷ медоданд. Ин ҳолат ба он сабаб гардид, то осори насрии таърихии пурарзише ба арсаи вуҷуд биёянд, осоре ба монанди: «Таърихи Алфӣ»-и Аҳмад ибни Насруллоҳи Дайламии Татавӣ- писари қозӣ Татаи Ҳиндӣ, «Мунтахаб-ут- таворих»-и Муҳаммад Юсуф ибни Шайх, «Мунтахаб-

ут- таворих»-и Абдулқодири Бадовунӣ, «Гулшани Иброҳимӣ» ё «Таърихи Фиришта»-и Муҳаммад Қосими Ҳиндушоҳи Астарободӣ, «Оини Акбарӣ» - (таърихи муфассали Акбаршоҳ ва Темуриёни Ҳинд) -и Абулфазл ибни Муборак, вазири донишманди Акбаршоҳ ва бародари Файзии шоир.

### 3. Ҳаёт ва мероси адабии Калими Кошонӣ

**Тарҷумаи ҳол**. Калими Кошонӣ аз ҷумлаи он шоиронест, ки ҳанӯз дар даврони хаёташ шӯҳрату овозааш аз доираи он маконе ки дар он зиндагонӣ мекард, бурун баромада буд. Ҳамин шӯҳрати бармаҳалаш боис шудааст, ки тазкиранигорону муаррихони муосири ӯ дар бобати ҳаёт ва эҷодиёти ӯ навиштанро дареғ надоштаанд. Ва ин маълумоти онон барои муҳаққиқон ва мусташриқоне, ки дар чигунагии таърих ва адабиёти асрҳои ХУІ- ХУІІ Ҳиндустон тадқиқот бурдаанд, дастмояи хубе шуд, то онҳо дар хусуси мушаххасот ва дақоиқи шахсияти Калим ва фаолияти адабии ӯ афкору мулоҳизоти хешро баён намоянд.

Бо он ки бисёре аз маълумоти марбут ба ҳаёт ва эҷодиёти Калими Кошонӣ мушаххас ва муфассал дода шудаанд, шигифт он аст, ки соли таваллуди ин шоири шӯҳратманди эронинажоди доираи адабии форсизабони Ҳиндустон дар ҳама тазкираҳо ва осори муҳаққиқин ба таври мубҳам ва ноаниқ нишон дода шудааст. Бояд ҳамин адами маълумоти аниқ дар соли таваллуди шоир бошад, ки устод Партави Байзоӣ ба ин хулоса омадааст: «Таърихи таваллуди вай маълум нест ва арбоби тазкира дар маҳалли ӯ низ тардид карда...». Дар бораи соли таваллуди Калим дар тазкираҳои Мирзо Муҳаммади Насрободӣ, Гупомӯи Ҳиндӣ ва Муҳаммад Афзали Сархуш сухан нарафтааст. Дуктур Забеҳуллоҳи Сафо дар ин хусус бо чунин маълумоти умумӣ иктифо кардааст: «...аз шоирони маъруфи садаи ёздаҳуми ҳиҷрист» (60, 250).

Партави Байзоӣ ҳам доир ба таърихи таваллуди Калими Кошонӣ ба як фикри аниқе наомада, ба таври умумӣ

гуфтааст, ки муосири шоҳ Аббоси Кабир аст (8, чим).

Аз тазкираи Гупомӯи Ҳиндӣ чунин маълумоте ба даст меояд, ки Калим нахустин сафареро, ки ба Ҳиндустон кардааст, он муқорин ба аҳди салтанати Ҷаҳонгир, ки солҳои 1014 то 1037 ҳ- ро дар бар мегирад, будааст (4, 116). Ин ақидаро Забеҳуллоҳи Сафо низ таъкид кардааст.» Ба тахмини Шамси Лангрудӣ «Калим дар нахустин сафараш ба Ҳинд беш аз 24 сол дошта...» (120, 99). Ин тахмини Лангрудӣ шояд ношӣ аз нигоҳи ӯ дар соли вафоти шоир бошад, ки он дар ҳама кутуби тазкиранигорону муҳаққиқон соли 1061 ҳ. қ. қайд гардидааст.

Ба ақидаи Партави Байзоӣ ва Шамси Лангрудӣ, Калим ба ҳангоми нахустин сафар, ки аз Ҳинд ба дилшикастагӣ ба Эрон мурочиат мекард, 38-сола будааст, ки ин сафари ӯ аз Ҳинд ба ватан дар соли 1028 ҳ. қ. (1614 м.) ба вуқӯъ пайвастааст. Соли мазкурро худи Калими Кошонӣ ҳам дар қитъае бо номи «Таърихи мусофирати Калим аз Ҳинд ба Ироқ» чунин қайд кардааст:

*Толиб зи ҳавопарастии Ҳинд,*
*Баргашт, сӯйи матолиб омад.*
*Таърихи таваҷҷӯҳи Ироқаш,*
*«Тавфиқ рафиқи Толиб» омад* (8,78).

Яъне, мисраи охирин таърихи мусофирати шоир аст, ки ба ҳисоби абҷад соли 1028 ҳ. қ. ва баробар ба 1614 милодӣ аст.

Агар битавон бар ақидаи ин ду муҳаққиқи зикршуда бовар ҳосил кард, ки Калим дар нахустин мурочиаташ аз Ҳинд ба ватан, ки бо гуфти худи шоир дар соли 1028 ба вуқӯъ омада ва дар он замон 38- сола будааст, метавон таърихи таваллуди шоирро соли 990 (1582) тахмин кард.

Бисёрии тазкираҳо ва кутуби марбут ба ин мавзӯъ ному насаби ӯро Калими Кошонӣ гуфтаанд. Дар «Луғатномаи Деҳхудо» омадааст: «Маликушшаро Абӯтолиб Калими Кошонӣ» (44, коф). Дар «Таърихи адабиёти Эрон»-и Забеҳуллоҳи Сафо низ бо ин ном омадааст, ба иловаи исми «Мирзо», ки шояд нисбате эҳтиромӣ ба ӯ бошад.

Дар «Муқаддимаи Партави Байзоӣ бар девони шоир» омадааст, ки «дар замони ҳаёт дар Эрон ва Ҳинд маъруф ба Толибои Калим» будааст(8,чим). Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ бар ӯ лақаби эҳтиромии «Халлоқулмаонии сонӣ»-ро сазовор доштааст, дар ҷое, ки мегӯяд: «Фақир ӯро «Халлоқулмаонии сонӣ» гуфтаам» (10, 221). Чун дар ҳама ахбори қидам ва муосир ин мавзӯъ кушода аст, дар он суханро зиёдат намекунем ва ҳамин қадар меорем, ки номи шоир Абӯтолиб буда, Калим- тахаллуси шоирии ӯ, Мирзо ва Толибо- нидои эҳтиромонае нисбати ӯ, халлоқулмаонӣ лақабе, ки Насрободӣ ба вай дода ва Кошонӣ нисбати ҷуғрофиёӣ аз зодгоҳаш мебошад.

Дар хусуси ватани аслӣ ва зодгоҳи Калими Кошонӣ ҷуз Тоҳири Насрободӣ боқӣ ҳама, аз ҷумла: Лутфалибеки Озар, Шиблии Нӯъмонӣ, Алӣ Акбари Деҳхудо, Забеҳуллоҳи Сафо, Шарифуннисои Бегими Ансорӣ ва Шамси Лангрудӣ Калимро аз шаҳри Кошон медонанд. Вале Насрободӣ дар ин бора чунин гуфтааст: «Аслаш аз Ҳамадон аст, аммо чун дар Кошон бисёр буда, ба Кошӣ шӯҳрат дорад»(10, 220). Вай дар истинод бар ин матлаб ин шеъри Калимро ҳам меорад, ки гуфта:

*Дар домани Алванд дигар ғунча шавад гул,*
*Зинҳор магӯед Калим аз Ҳамадон нест* (8, 110).

Аз навиштаҳои Партави Байзоӣ маълум мегардад, ки Лутфалибеки Озар Калимро аз ҳайси таваттун ва зодгоҳ Кошонӣ медонистааст, дар истинод бар ин байт:

*Калим осоиши айши ватанро*
*Барои аҳли Кошон мегузорад* (8,чим).

Аз муҳаққиқони муосир фикри Партави Байзоӣ аниқ маълум нест, ки ӯ шоирро Ҳамадонӣ медонад ва ё Кошонӣ. Шояд ин аз он ҷиҳат аст, ки ӯ ҳам фикри Насрободиро дар «Муқаддима»-аш меорад ва ҳам ақидаи Лутфалибеки Озарро. Аммо, аз навиштаҳои зерини Партави Байзоӣ тахмин меравад, ки ӯ баҳсро дар болои ин масъала намехоста, ки шеъре ҳам бад-ин маънӣ аз худи Калим

иқтибос меорад: «Чунин менамояд, ки дар замони ҳаёти ӯ низ баҳс дар миён буда ва худ низ исроре дошта, ки надонанд аҳли кучост, зеро дар мақтаи ғазале мегӯяд:

*Ман зи диёри суханам, чун Калим,*
*На Ҳамадониву на Кошониям»*(8, чим).

Ба гумони банда, Партави Байзоӣ, ки муҳаққиқе дақиқназар аст, медонистааст, ки Калим аслан аз Кошон аст, аммо нахостааст ин мавзӯъро дар баҳс биниҳад, чун медониста, ки диёри бузургмардон инҳисорӣ нест ва бузургон бурун аз марзу буманд ва арзиши онҳо болотар аз ин мавзӯъ аст.

Ба андешаи ин ҷониб, Калим, аслан, аз Кошон аст. Бо он ки Насрободӣ наздиктарин кас ба замони ӯст, зодгоҳи шоирро Ҳамадон гуфтааст, дигар ҳама ононе, ки дар ин боб маълумот додаанд, ӯро Кошонӣ гуфтаанд. Худи Калим ҳам дар девонаш хештанро аслан Кошонӣ нишон додаст. Аз ҷумла, дар байте, ки дар боло оварда шуд, «ватан»-ро дар баробари «Кошон» чун муродиф қарор додааст, чун ду лафзе, ки аз ҳайси маънӣ нагусастаниянд. Бадин ҷиҳат, мешавад қабул кард, ки шоир аслан Кошонӣ аст.

Масъалаи дигаре, ки мехоҳем онро матраҳ бикунем ва эзоҳ бидиҳем, ин сол ва маҳалли вафоти шоир аст. Аз мӯътамадтарин асноде, ки битавон соли вафоти Калими Кошониро аз он ҳосил кард, қитъаи таърихие мебошад, ки шоири муосири Калим ва дӯсти наздики ӯ- Муҳаммад Тоҳир Ғании Кашмирӣ дар рисои Калим эҷод кардааст. Қитъа ин аст:

*Ҳайф, к-аз девори ин гулшан парид,*
*Толибо, он булбули боғи наим.*
*Рафту охир хомаро аз даст дод,*
*Беасо тай кард ин раҳро Калим.*
*Ашки ҳасрат чун намерезад қалам,*
*Шуд сухан аз мурдани Толиб ятим.*
*Ҳар дам аз шавқаш дили аҳли сухан*
*Чун забони хома мегардад дуним.*

*Умрҳо дар ёди ӯ зери замин*
*Хок бар сар кард Қудсиву Салим.*
*Оқибат аз иштиёқи якдигар*
*Гаштанд ин ҳар се дар як ҷо муқим.*
*Гуфт таърихи вафоти ӯ Ғанӣ:*
*«Тӯри маънӣ буд рӯшан аз Калим»* (8, яб).

Мисраи охири қитъа, ки бозгӯйи моддаи таърихи вафоти Калим аст, ба ҳисоби абҷад соли 1061 ҳ. қ.- ро нишон медиҳад, ки ба соли 1651 милодӣ мутобиқ аст.»

Бад-ин тартиб, оид ба ин мавзӯъ метавон натиҷа гирифт, ки Мирзо Абӯтолиб Калими Кошонӣ соли 990 ҳ. қ. (1582 м.) дар Кошон таваллуд ёфта, соли 1061 ҳ.қ.- 1651 милодӣ дар Кашмири Ҳиндустон, дар синни 71-солагӣ вафот кардааст.

**Чанд сухан оид ба саргузашти зиндагонии Калим.** Он чи тазкиранигорону муҳаққиқони муосир дар бобати саргузашти Калими Кошонӣ навиштаанд, ҳамаи онро метавон ба ду қисм тақсим кард. Аввал, он қайдҳое, ки ба таври номуфассал ва номураттаб оварда шудаанд. Ба ин гурӯҳ қайдҳои олимоне ба монанди Насрободӣ, Фахруззамони Қазвинӣ ва Алӣ Акбари Деҳхудо дохил мешаванд. Ба гурӯҳи дуюм қайдҳои Аллома Шиблӣ, Гупомӯи Ҳиндӣ, Муҳаммад Ҳамиди Лоҳурӣ, Забеҳуллоҳ Сафо, Партави Байзоӣ ва Шамси Лангрудӣ мансуб мешаванд, ки нисбатан фарогир ва ҷомеъанд.

Доир ба давраи кӯдакӣ ва синни хурдсолии Калим дар ҷое маълумоте пайдо нест ва ягон тазкиранигор ва муарриху муҳаққиқе дар таснифоти хеш қайд накардааст, ки ин шоир ҷавонӣ ва аҳди шубоби худро чӣ гуна ва аслан дар куҷо гузаронидааст. То аввалин сафараш ба Ҳинд, саргузашти моқаблаш мавҳум ва мубҳам аст. Дар хусуси аҳволи аҳди шубобаш танҳо ин маълумот дар «Подшоҳнома» оварда шудааст: «Калим сароғози ҷавонӣ ба Шероз шитофта, донишомӯзӣ фаропеш гирифт ва лахте ба расме улум ошноӣ ба ҳам расонд». Шояд танҳо ҳамин маълумоти муаллифи асари зикршуда мӯҷиб шуда бошад, ки

Забеҳуллоҳ Сафо, Алӣ Акбари Деҳхудо ва Шамси Лангрудӣ ин нуқтаро, ки Калим таҳсилоти ҷавониро дар Шероз ба анҷом расондааст, дар осори хеш қайд кардаанд. Танҳо Забеҳуллоҳ Сафо, илова бар Шероз, Кошонро низ қайд мекунад, ки маълум нест ӯ ин маълумотро аз кадом маъхазе дарёфт кардааст: «Ва донишҳои замонро дар Кошон ва Шероз омӯхт» (60, 450). Аммо, Деҳхудо танҳо номи Шерозро қайд кардааст (44, коф).

Ҳангоме ки Калим таҳсилоти аҳди ҷавонии хешро дар Шероз ба охир мерасонад, ба аҳди салтанати Ҷаҳонгир рӯ сӯйи диёри Ҳинд мениҳад (с. 1014- 1037 ҳ. (1606- 1629 м.) Ин нуқтаро муаллифи «Натоиҷ-ул-афкор» (4, 610), «Луғатномаи Деҳхудо» (44, коф) ва «Таърихи адабиёти Эрон» (60, 450) низ қайд кардаанд.

Бо истифода аз соли таваллуди шоир метавон замони «нахустин сафар»-и ӯро ба диёри Ҳинд тахмин кард, ки камтарини он 24 - солагии ӯст, чун аз 1014 ҳ. (1603 м.), ки замони ҷулуси Ҷаҳонгир аст, 990 (1582 м.), ки соли таваллуди шоир аст, тарҳ гардад, 24 ҳосил хоҳад шуд. Дар ин бобат метавон бар ин ақида омад, ки Калим дар ин давр беш аз 24 сол доштааст.

Ба иттифоқи муаллифони «Натоиҷ-ул- афкор» ва «Тазкираи Насрободӣ», Калим дар нахустин сафараш ба Ҳинд (1606-1629 м.) мусоҳиб ва мулозими Шоҳнавозхони Шерозӣ будааст. Ин Шоҳнавозхон «писари Рустам писари Шоҳ Исмоили аввал» (60, 450) ва вазири Иброҳими Одилшоҳи Сонӣ будааст.

Дар ҳамин солҳои мулозимат ва хидматталабии Шоҳнавозхон будааст, ки Калим дар роҳи Беҷопур аз ҷониби навкарони ҳамин ҳоким ё Ҷаҳонгир - султони Ҳиндустон ба тӯҳмати ҷосусӣ ва ё «ба хаёли он ки ҳомили номае бошад» (8, бо), мавриди сӯизанн қарор мегирад ва дастгиру боздошт шуда, тафтиши баданӣ карда мешавад ва дар зиндони Шоҳидкори Беҷопур маҳбус мегардад. Дар ин бобат худи Калим қитъае дорад бо номи «Ҳангоме ки дар Беҷопур мавриди сӯизанн қарор гирифта ва ба ҳабс афтодааст.» Ин қитъаро, эҳтимол меравад, ӯ ба

Шоҳнавозхон - ҳокими Беҷопур навиштааст. Ин қитъа, ки ҳасбиҳолист, бисёр олӣ аст ва дар ин ҷо овардани он аз фоида холӣ нахоҳад буд:

*Фалакқадро, намепурсӣ, ки гардун*
*Чаро озурд моро бе муҳобо.*
*Чаро зад роҳи бемори ғамеро,*
*Ки меояд ба даргоҳи Масеҳо...*
*Ба азми сайри Беҷопур гаштем,*
*Раҳӣ бо ахтаре хуш даштпаймо...*
*Вале охир зи чашми захми гардун*
*Аҷоиб санги роҳе гашт пайдо.*
*Ба чанги зоҳид аз ин уфтодем,*
*Чӣ гӯям, то чиҳо карданд бо мо.*
*Ҳама андар таҷассус мӯшикофон,*
*Ҳама дар кунҷковӣ зеҳни доно.*
*Ба сарҳадди адам гар ҷой гиранд,*
*Нахоҳад рафт кас берун зи дунё.*
*Яке гӯяд дуздонанду бошад*
*Ба зиндон чанд гоҳ занҷирфарсо.*
*Дигар гӯяд, ки ҷосуси фалонанд,*
*Ки аз тафтиши мо гаштанд расво.*
*Яке мегӯяд: «Инонро биковед,*
*Ки шояд номае гардад ҳувайдо.*
*Зи бас тафтиш аз ҳам мегушуданд,*
*Магар дар бори мо будӣ муаммо.*
*Ба ҷурми ин ки мемонад ба нома,*
*Кашиданд устухонҳоро зи аъзо.*
*Дар ин ғавғо зи тарси худ дариданд*
*Малоик номаи аъмоли моро.*
*Ба ғайр аз сарнавишти бад, ки кам бод,*
*Навишта ҳамраҳи мо нест асло.*
*Хати пешониям аз хокмолӣ,*
*Бишуд, арна вуболе буд моро.*
*Кунун дар чанги эшон мубталоем,*
*Намедонем чора ҷуз мадоро.*
*Чу мижгон пеши чашмам истода,*
*Сиёҳон рӯзу шаб баҳри тамошо.*

*Зи баҳри поси мо ҷамъи дигаршон,*
*Чу мӯ истода доим бар сари по.*
*Барои забти мо пар баста мурғон,*
*Ҳама ҳампушт ҳамчун мавҷи дарё.*
*Аҷаб дорам, ки бо он манъи ҷода,*
*Чунон бехост омад то ба он ҷо.*
*Набошад ор, агар хоки даратро*
*Зи нақши ҷабҳаи ҳар бесару по.*
*Ишорат кун, ки чун иқбол гардем.*
*Ба хоки остонат ҷабҳафарсо* (8, 68).

Эҳтимол меравад, ки ба воситаи Шоҳнавозхон Калим аз банд ва таҷассус озод мегардад.

Насрободӣ дар тазкирааш қайд кардааст, ки Калим баъд аз фавти Шоҳнавозхон, ки маълум нест кай фавтидааст, дар хидмат ва мулозимати Олиҷоҳ Мирзо Муҳаммад Алии Мирҷумла- ҳокими Гулканда шитоб кард, чун дар ин авқот ҷуз ин ду ҳокими мазкур дигар шиноси давлатманде дар диёри Ҳинд надошт, ки тавонад такофуи бартарафкунии камбудиҳову нодориҳо ва таъмини амнияти шахсии ӯро дар ин кишвари бегона бикунад. Шамси Лангрудӣ ба хидмати Мирҷумлаи Шаҳристонӣ рафтани Калимро марбут ба сафари дуввуми шоир ба Ҳиндустон медонад (120, 103).

Аммо маълум нест Калими ҷавон дар муқоиса бо шоирони борикбини дигар дар хидмати Мирҷумлаи Шаҳристонӣ эътиборе ёфтааст, ё на. Зиндонӣ ва таҷассус шудани Калим дар рӯҳ ва виҷдони ин шоири ҷавон ва ҳанӯз камшинохта ангезаи манфие ба вуҷуд овард ва меҳри ӯро бар ин диёри бегона камтар кард.

Дар ҳамин вақтҳо буд, ки Калим боз ба як воқеаи шиддатноктари манфие бархӯрд ва шояд ҳамин воқеа бошад, ки меҳри ӯро нисбат ба Ҳинду Беҷопур ва Гулкандааш батамом аз қалб бизудуд ва Калим бо ғаму андӯҳ тарки ин кишвар намуд. Ин ҳодиса, мувофиқи нишондоди баъзе муҳаққиқон, ба соли 1028 ҳ. қ. иттифоқ афтодааст.

Ангеза ва сабаби ин рухдод ҳисси нуфузталабии Калими ҷавон дар иртибот бар роҳёбии ӯ ба дарбори Ҷаҳонгиршоҳ- султони Ҳиндустон будааст.

Ин рухдодро Шамси Лангрудӣ чунин қайд кардааст: «...Калим дар нахустин сафараш ба Ҳинд ҷавонтар аз он буд, ки битавонад ба дарбори Ҷаҳонгиршоҳ, ки пур аз мунтақидини тезу зирак буд, роҳ ёбад. На ин ки Калим кӯшише барои вуруд ба дарбор накард, қудрати нуфуз ба он ҷоро низ надошт.

Маъруф аст, ки рӯзе Калим бо тамоми диққат ва неру шеъре сохт ва ба уммеди муваффақият ва пирузӣ онро ба ҳавзаи фарҳангии дарбори Ҳинд фиристод. Байте аз шеър чунин буд:

*Зи шарм об шудам, к-обро шикасте нест,*
*Ба ҳайратам, ки маро рӯзгор чун бишкаст.*

Нурҷаҳонбегим - суглии Ҷаҳонгиршоҳ, ки шеърро хонд, бе диранг гуфт: «Ях карду шикаст». Дар «Миръот-ул-хаёл» омадааст, ки пас аз ин воқеа Толибо тарки мушоира намуд» (120, 102).

Бо ин сабаб, Калими номуваффақ ҷиддан тарки Ҳинд гуфт ва рӯ сӯйи ватан ниҳод. Дар ин бора худи шоир қитъае дорад, ки дар «Муқаддима» -и Партави Байзоӣ бо номи «Таърихи мусофирати Калим аз Ҳинд ба Ироқ» омадааст. Қитъа чунин аст:

*Толиб зи ҳавопарастии Ҳинд,*
*Баргашт, сӯи матолиб омад.*
*Таърихи таваҷҷӯҳи Ироқаш*
*«Тавфиқ рафиқи Толиб» омад* (8, 28).

Ибораи «Тавфиқ рафиқи Толиб», ки таърихи аз Ҳинд ба ватан рафтани шоир аст, ба ҳисоби абҷад соли 1028 ҳ,қ. мебошад, ки мутобиқи соли 1600 м. аст.

Ба гуфтаи Насрободӣ, ӯ ду сол дар ватани маълуфияш бимонд ва боз рӯ сӯйи Ҳинд кард (10, 220).

Шамси Лангрудӣ қавли Партави Байзоиро дар истинод ба қитъаи мазбур фасеҳу дуруст ва қобили қабул намешу-

морад ва мегӯяд, ки Калим аз Ҳинд ба андӯҳ ва нафрат нарафтааст. Ба ақидаи ӯ ва бо далел бар абёти зайл, Калим, баръакс, аз тарк гуфтани Ҳиндустон ғамгин ва пушаймон будааст ва ҳасрате дар дил доштааст:

*Зи шавқи Ҳинд з-он сон чашми ҳасрат бар қафо дорам,*
*Ки рӯ ҳам гар ба раҳ орам, намебинам муқобилро.*
*Асири Ҳиндаму з-ин рафтани Беҷо пушаймонам,*
*Куҷо хоҳад расондан парфишонӣ мурги бисмилро.*
*Ба Эрон меравам нолон, Калим аз шавқи ҳамроҳон,*
*Ба пойи дигарон ҳамчун ҷарас тай карда манзилро* (8, 99).

Ба ақидаи Лангрудӣ, Калим ин байтро низ дар ҳамон соле гуфта, ки тарки Ҳинд карда буд.

Ба фикри мо, ақида ва далели овардаи Байзоӣ наздиктар ба ҳақиқат ва дурусттар ба назар мерасад.

Забеҳуллоҳи Сафо дар ҷое ишора мекунад, ки «...беш аз ду сол ва чанде дар Эрон мемонад» (60, 450). Мондани Калим дар Эронро, агар муҳаққиқи мазбур «ду солу анд» гуфта бошад, Шиблӣ «ду солу ним» (121, 173) ва Лангрудӣ «камтар аз се сол»(120, 103) нишон додаанд, ки ҳар серо дар ин бобат метавон муттафиқ ҳисоб кард. Деҳхудо саргузашти аз ин ба баъди шоирро ба таври умумӣ қайд кардааст.

Тибқи нишондоди Забеҳуллоҳи Сафо, Партави Байзоӣ ва Шамси Лангрудӣ, Калим дар соли 1030 ҳ.қ., ки чиҳил сол дошт, боз аз сари нав азми сафари Ҳинд кард. Дар ин вақт ӯро Мирҷумлаи Шаҳристонӣ мутахаллис ба Рӯҳуламин, ки тавассути Ҷаҳонгиршоҳ ба Ҳинд бозоварда ва мансабдор шуда буд, ба хидмати худ талабид. Ин Мирҷумла бо Калим аз он мусофирати пеш аз ду солаш ба Ҳинд шиносоӣ дошт. Калим дар мулозимати Мирҷумла худро шахсияте эътирофшуда пайдо кард ва нуфузи шоирӣ дарёфт намуд. Ҳудуди ҳафт сол аз мулозимати Калим дар рикоби Рӯҳуламин сипарӣ мегашт, ки Ҷаҳонгиршоҳ дар соли 1037 ҳ.қ. (1629 м.) аз ҷаҳон даргузашт ва ба ҷойи ӯ дар тахти салтанатӣ писараш Шоҳиҷаҳон ҷулус кард. Шоҳиҷаҳон низ мисли падараш

дӯстдор ва тарбиятгари шеъру шоирон буд ва фазои он доираи адабӣ, ки тахти ҳимояи Ҷаҳонгир фаъолият мекард, ба ҳангоми ҷулуси Шоҳиҷаҳон гармтар гардид. Беш аз як соли маликушшуароии Қудсии Машҳадӣ мегузашт, ки Калим як рубоие суруд ва саранҷом ин рубоии ӯ вайро абадан ба дарбор пайваст, ки Калим 47-умин соли умри хешро мегузаронд. Аммо, ин чӣ рубоие буда, ки сабабгори тақарруб ва пайванди ҳамаумраи шоир бо дарбори салтанатӣ шуда, дар ҷое қайд нагаштааст, ҷуз ин қадар маълумоти нокифояи «Тазкираи шуарои Кашмир», ки Лангрудӣ дар асари худ иқтибос кардааст: «Калим бо як рубоӣ ба дарбори Ҳинд роҳ ёфта ва вобастаи дарбор шуд» (120, 103).

Дар ин ҳангом буд, ки овозаи Калим дар дарбори салтанатии Шоҳиҷаҳон интишор ёфтан гирифт ва ҳам дар ҳамин айём буд, ки Калимро тавассути як қасидааш ба зар вазн намуданд. Партави Байзоӣ дар девони шоир ин қасидаро бо номи «Дар мадҳи Шоҳиҷаҳон ва таъриф аз бархӯрди ду ид» овардааст ва онро чунин шарҳ додааст: «Дар тазкираи « Калимоти шуаро», ки ба соли 1093 (1682 м.), яъне андаке баъд аз фавти Калим таълиф шуда, навиштааст: «Вақте ки хондгори Рум дар таҳиятномаи ҷулуси воло (яъне, Шоҳиҷаҳон- С. О.) таҳрир намуд, ки шумо худро Шоҳиҷаҳон мулаққаб кардаед. Агар мулки мо ва Эрон ва Тӯрон ва ғайра дохили ҷаҳон аст, шумо подшоҳии он ҷо надоред. Беҳтарин номҳо назди худо Абдуллоҳ ва Абдурраҳмон ва Абдурраҳим аст, аз ин асмоъ ихтиёр кунед. Подшоҳ баъди мутолиа дар фикр шуда, ба Осафхони Муинуддавла маслиҳат карданд, ки бояд ин лақаби хитобро тағйир дод. Калим хабар ёфта, қасидае дар мадҳ гузаронид ва ин мазмунро ба ин байт ҷавоб дод:

*Ҳинду ҷаҳон зи рӯйи адад чун баробар аст,*
*Бар шаҳ хитоби Шоҳиҷаҳон з- он муқаррар аст.*

Подшоҳ хушвақт шуд ва ҳамин байтро дар ҷавоб навиштанд ва Калимро ба зар санҷиданд (8, 45).

Пас аз ин воқеа Калим бо дарбор ва Шоҳиҷаҳон он қадар наздикӣ пайдо кард, ки султон ҳар куҷо мерафт, ӯро дар хидмати худ мебурд ва шоир дар эҷоди ашъор он қадар табъи баландро дарёфт кард, ки ба қавли Забеҳуллоҳи Сафо: «саранҷом хитоби маликушшуароӣ дарёфт кард» (60, 450) ва ба қавли Насрободӣ «дар хидмати Шоҳиҷаҳон ниҳояти қурб ба ҳам расонид» (10, 220).

Бо он ки Калими Кошонӣ аз синни чиҳил ба баъд шароити хуберо дар зиндагонӣ доро буд, мутааҳил набудааст.

Дар ҷое аз тазкираҳо ва нишондоди муҳаққиқин пайдо нест, ки ӯ зану фарзанд доштааст ё на. Танҳо ду муҳаққиқи муосири эронӣ: Партави Байзоӣ ва Шамси Лангрудӣ, ки маълум нест маълумоти марбут ба мавзӯи мазкурро аз куҷо дарёфт кардаанд, дар ин бобат андешаронӣ кардаанд.

Партави Байзоӣ оид ба ин мавзӯъ ба хулосае меояд, ки «Калим мутааҳил низ набуда ва оила надошта» (8, яб). Ин муҳаққиқ Афзали Сархушро наздиктарин тазкиранавис бо замони Калим меҳисобад ва мегӯяд, ки Афзал 32 сол пас аз вафоти Калим тазкираи хешро нигоштааст «ва агар Калим дорои авлод мебуд, менавишт авлодаш, масалан, дар Кашмир сукунат доранд» (8, яб).

Шамси Лангрудӣ ҳам бар ин ақидаи Байзоист ва мегӯяд: «Дар бораи тааҳҳул ва издивоҷи Калим мадраке дар даст нест ва аз завоҳири амр чунин бармеояд, ки ӯ набояд издивоҷ карда боша» (120, 103).

Банда ҳам дар ин ақида бо онон ҳамфикрам ва дар бархӯрд ва натиҷагирии куллӣ аз девони Калими Кошонӣ бар он ақидаам, ки шоир дар ҳаёти худ муваффақ бар таоҳул нашудааст. Ин адами муваффақият дар оиладорӣ ва надоштани фарзанд аз муҳаррикоти бориз ва ҷиддӣ дар бекасии ӯ будааст.

Бар болои ин дарду ранҷуриҳои мутааддиди бекасӣ, ки Калим ҳамвора аз он дар шиква будааст, дарди дигаре ҳамеша бо ӯ буда, ки то охири умр шоир аз он шикоят ва нола мекардааст. Бар болои он ҳама дардҳои ҷонгудоз, ки

ҳомили рӯҳи ӯ буда, ин дард, ки шоир дар умри худ билкулл натавонист онро дармон бидиҳад, ҳомил бар ҷисму тани вай шуд.

Дар тазкираҳо ва кутуби таърихӣ ин бемории ва касолати ӯ низ қайд гаштааст. Масалан, Мулло Тоҳири Насрободӣ дар тазкираи худ, ҳарчанд ба кадом маризӣ гирифтор шудани Калимро сареҳан нишон надода бошад ҳам, қайд кардааст, ки «дар охир кӯфте ба ҳам расонида, рухсати таваттуни Кашмир ёфта...»(10, 221).

Шиблии Нӯъмонӣ ҳам ишорае аз бемории шоир кардааст, аммо он куллӣ аст ва мушаххасу аниқ нест (121, 178). Аммо, Забеҳуллоҳи Сафо, ки маълум нест ӯ ин мадракро аз куҷо дарёфт кардааст, мегӯяд, ки Калим дар интиҳои умр ба бемории дарди по, ки ӯро азоб медод, гирифтор шуд ва муҳаққиқ ин абёти шоирро далел бар ақидаи хеш медонад:

*Рӯзгорам баски дорад нотавон аз дарди по,*
*Чун дами теша- ст бар ман утфи домони қабо.*
*Шом агар азми нишастан мекунам монанди шамъ,*
*Рафта-рафта субҳ хоҳам бо замин шуд ошно* (60, 450- 451).

Партави Байзоӣ ҳам дар муқаддимааш овардааст: «Дар авохири кор ба воситаи ибтилой ба амроз аз хадамоти дарборӣ канора гирифт» (8, ё).

Шамси Лангрудӣ дар натиҷагирӣ аз маълумоти тазкиранависон ва муҳаққиқини мазбур ва бо дарназардошти он абёте, ки шоир дар онҳо аз бемориҳои худ шикоят кардааст, ба чунин хулоса омадааст, ки Калим дар солҳои охири умр мубтало бар касолати сахте чун таб, ларза, обила ва дарди по будааст (120, 104).

Бо ин ҳама, возеҳтарин маъхаз дар ин бобат ашъори пурмӯҳтавои худи Калим аст. Дар эҷодиёти шоир қасидае бо номи «Шиква аз дарди по ва нотавонӣ» (8, 25) ҷой дорад, ки дар он Калим бо тамоми иқтидори шоириаш аз бемории дарди по нолидааст. Дар шиносоӣ бо мӯҳтавои ин қасида маълум хоҳад шуд, ки Калим аз дарди худ бисёр дар азоб будааст:

*Рӯзгорам баски дорад нотавон аз дарди по,*
*Чун дами теша-ст бар ман утфи домони қабо.*
*Оҷиз аз бархостан чун шӯълаи чӯби тарам,*
*Меравад дудам ба сар, то он ки мехезам зи ҷо.*
*Пай ба мақсад аз ҷаҳонгардӣ намебурдам магар,*
*Дар замингирӣ биёбам Юсуфи гумгаштаро.*
*Як ҷаҳон дарду алам з- оинаи зонуи ман*
*Менамояд, оҳ аз ин оинаи гетинамо...*
*Ҳар кафи хоке ба рӯйи нақши пои ман нишаст,*
*Барнахезад, гар ҳама тӯфон барангезад сабо.*
*Ранги сиҳҳат дар саропойи вуҷуди ман намонд,*
*Бар сари нохун агар, эй кош, мондӣ з-ин ҳино...* (8, 25- 27).

Ҷуз ибтилои дарди по Калим ба бемории табу ларз низ гирифтор будааст, ки шоир дар ду қитъаи худ ба ин ишорат кардааст. Ин ду қитъа ҳар ду бо номи «Шикоят аз табу ларз» дар девони вай ҷой доранд (8,65- 71). Аз мазмуни ин ду қитъа низ маълум мегардад, ки Калим аз ин беморӣ дар ҳолати ногувору безорӣ монда будааст. Қитъаи аввал бо ин абёт сар мешавад:

*Рӯзгоре шуд, ки бо табларз ҳампироҳанам,*
*Қисмати ман гашта ин аз сарду гарми рӯзгор.*
*Вақти рафтан месупорад худ ба ман табларзи хеш,*
*Дод амонатдории дарди ту моро итоб* (8, 65- 66).

Қитъаи дигар бо ин байт ибтидо меёбад:

*Сарваро, з-ин меҳмони пуртааб, яъне ки таб,*
*Чанд рӯзе шуд, ки тасдеъи фаровон мекунам* (8, 71).

Аз соли 1037 ҳ. қ. (1629 м.) то соли 1044 ҳ. қ. (1636 м.)- муддати ҳафт сол ӯ дар дарбори Шоҳиҷаҳон, дар шаҳри Агра- пойтахти салтанати Ҳиндустон ба сар мебурд. Аммо, чун дар соли 1044 ҳ. қ. дар мулозимати Шоҳиҷаҳон ба шаҳри Кашмир рафт, он ҷоро дигар абадан натавонист тарк гӯяд, зеро ки меҳри ин шаҳр дар қалбу ҷони шоир ҷой гирифта буд, то он ҷо ки дар васфаш ин суханро раво донистааст:

*Шамими хулд гадои диёри Кашмир аст,*
*Шукуфтагӣ гули хори баҳори Кашмир аст* (8, 130).

Тоҳири Насрободӣ сабаби дар Кашмир таваттун хостани Калимро иборат аз бемор гардидани ӯ дар ин айёми пиронсолӣ медонад, дар ҷое ки гуфтааст: «Дар охир кӯфте ба ҳам расонида, рухсати таваттуни Кашмир ёфта...(10, 21).

Дар ин бора Партави Байзоӣ чунин мегӯд: «Дар авохири кор ба воситаи ибтилой ба амроз аз хадамоти дарборӣ канора гирифта ва ба иҷозаи подшоҳ ба Кашмир рафта ва ба гӯшагирӣ ва инзиво пардохта ва дар ҳамон ҷо даргузаштааст» (8, ё).

Забеҳуллоҳи Сафо бошад, ҳамин қадар мегӯяд, ки Калим он ҷоро хуш доштааст ва бад-ин ҷиҳат аз шоҳ иҷозаи сукунат талабидааст. Ҳамчунин ӯ маълумот медиҳад, ки дар он айём низ шоир «муқаррарии солонае аз дарбор дошт ва ...шоири баргузидаи Шоҳиҷаҳон ва ситоишгари ӯ буд ва дар он ҷо ба назми «Подшоҳнома» ё «Футӯҳоти Шоҳиҷаҳонӣ» иштиғол дошт ва ҳангоме ки Шоҳиҷаҳон ба с.1055 ҳ. қ. (1644 м.) дубора ба Кашмир рафт, Калим қасидае дар таҳнияти мақдами подшоҳ гуфт ва хилъату дувист ашрафӣ ба расми сила гирифт» (60, 451).

Шамси Лангрудӣ бар ин ақида аст, ки ризомандии Шоҳиҷаҳон дар хусуси дар Кашмир мондани Калим дастури ӯ ба шоир ҷиҳати танзими «Подшоҳнома» будааст. Банда ақидаи Партави Байзоиро дар ин боб саҳеҳ ва дуруст мешуморам.

Ба ҳар ҳол, Калим то охири умр дар ҳамин шаҳр бимонд ва дар ин муддат «Подшоҳнома»-и худро муштамил бар 15 000 байт эҷод кард ва ҳам дар ин макон ба соли 1061 ҳ. қ. баробар бо 1650 милодӣ вафот кард.

Абӯтолиб Калими Кошонӣ аз зумраи он шоиронест, ки тавонист аз худ як мероси арзандае дар назм ба маврус гузорад; меросе, ки метавон гуфт дар ҳама давру замонҳо арзандаву мондагор хоҳад монд. Ва ин мероси шеърии ӯ

ба қадре қобили таваҷҷӯҳ ва таассур аст, ки «баъд аз чаҳорсад сол имрӯз ҳам тозагӣ дорад» (120, 25).

Мероси шеърии Калим, ки муштамил бар анвои гуногуни назм аст, ҳамеша мавриди таъриф ва тавсифи мунтақидин ва тазкиранигорон қарор мегирифтааст ва дар ҷое аз маохиз пайдо нест, ки Калим ва шеъри ӯ маҳалли танкир ва тардид гузошта шуда бошад. Бар хилофи он, наққодон ва суханфаҳмон ҳама ҷо лаб аз таърифи ӯ мекушоянд. Дар «Подшоҳнома» бо чунин алфозе бар Калим ва шеъри ӯ арзишгузорӣ шудааст: «Калими Ҳамадонӣ либоси назмаш бар қолаби маонӣ зебост ва зевари истиороташ бар пайкари мазомин зиннатафзо..., ба остони муаллимӣ расида, дар зумраи бандагон даромад» (120, 25).

Калими Кошонӣ аз он шоиронест, ки қариб дар ҳама анвои шеърӣ табъозмоӣ кардааст ва ростӣ, дар кадом навъе, ки ӯ ба эҷод кӯшида, аз ӯҳдаи танзими он ба хубӣ баромадааст. Ҳамин аст, ки Шиблӣ дар ин бобат гуфтааст: «Калим дар тамоми аснофи шеър ворид аст, қасоиди зиёд ва низ маснавиёти адида дорад. Девони ғазалиёт алоҳида аст» (121, 176). Ин олими дақиқбин, дар мавриди арзишгузорӣ аз шеъри Калим, ӯро шоири дастболо дар ҳама анвои шеърӣ эътироф кардааст.

Ин ки дар баъзе аз тазкираҳо ва осори муҳаққиқин омадааст, ки Нурҷаҳонбегим- маликаи дарбори темурӣ, шахсе бисёр фозил ва нуктафаҳм аз ин байти Калим:

*Зи шарм об шудам, к- обро шикасте нест,*
*Ба ҳайратам, ки маро рӯзгор чун бишкаст,*

нӯктагирӣ карда, ӯро шоире номустаид ҳисоб кардааст, албатта, марбут ба шоирии даврони шубоби Калим аст. Хоҷа Ҳофиз, ин шоири баландпоя ҳам, дар овони ҷавонӣ, чунонки аз тазкираҳо маълум гашта, ҳамин минволро доштааст.

Ашъори Калим иборатанд аз қасоид, муқаттаот, ғазалиёт, тарҷеъбанд, маснавиёт, рубоиёт ва як достони дар баҳри мутақорибисмусаммани мақсуру маҳзуф суруда,

ки Насрободӣ «Подшоҳнома», Забеҳуллоҳи Сафо «Зафарномаи шоҳӣ» ва Партави Байзоӣ «Шаҳаншоҳнома»- аш хондаанд (10, 220).

Чунин ба назар мерасад, ки ҳам девони шоир ва ҳам он достоне, ки вай ба ҷиҳати футӯҳоти Шоҳиҷаҳон навиштааст, ҳанӯз дар айёми ҳаёти ӯ мудавван ва мураттаб гаштаву нусхабардориҳо шудааст. Ин матлабро тазкиранигорон низ бозгӯ кардаанд. Масалан, чун муаллифони «Калимот-уш-шуаро» ва «Тазкираи Насрободӣ» оид ба теъдоди абёти шоир ишорат кардаанд, нишон медиҳад, ки девон ва умуман ашъори шоир куллан мавриди истифода ва бозҷӯйии муосиронаш қарор гирифта будааст.

Бо вуҷуди эътирофи тазкиранигорон аз Калим дар ин бобат онҳо дар теъдоди мушаххас ва аниқи абёти шоир ба тавофуқ нарасидаанд, чун он чи ки соҳиби як тазкира мегӯяд, тазкиранигори дигар дар ин бора назари дигар дорад. Чунончи, Муҳаммад Афзали Сархуш дар «Калимот-уш-шуаро» шумори ашъори Калимро иборат аз 30 000 байт гуфтааст ва нишон надодааст, ки ин сӣ ҳазор, ҷуз аз девону «Подшоҳнома»-и ӯ, боз муштамил бар чӣ достонест.

Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ дар ин бобат ақидаи дигар дорад. Вай гуфтааст: «Ашъори ӯ аз маснавӣ ва ғайра қариб ба бисту чаҳор ҳазор байт мешавад» (10, 21).

Албатта, намешавад ба таври аниқ истинбот кард, ки он 6000 байти зиёдае, ки Афзали Сархуш ишорат кардааст, дар ҳақиқат моли Калим аст ё на ва агар ҳам моли ӯ бошад, пас чи асаре буда, ки муштамил бар ин 6000 байт аст.

Муаллифи «Майхона» дар бораи Қудсии Машҳадӣ овардааст, ки ӯ маснавие бо номи «Зафарномаи Шоҳиҷаҳонӣ» навишта ва чун умри ӯ такофуи итмоми онро накарда, ин асарро Калими Кошони ба охир расонидааст (12, 820- 824).

Партави Байзоӣ, ки девони Калимро тартиб додааст, дар нигоҳ ба ин ишораи Фахруззамони Қазвинӣ, ба хулосае омада, ки он 6000 байти зиёдае, ки Мулло Афзали

Сархуш дар ишорат бар теъдоди ашъори Калим нишон додааст, шояд ҳамин шумори абёти «Зафарномаи Шоҳиҷаҳонӣ» бошад, ки дар тазкираи «Майхона» нишондод шудааст, ки албатта, ин ақидаи ӯ тахмин аст.

Забеҳуллоҳи Сафо низ, куллан ва гумонгуна ишорате дорад, ки мегӯяд: «Маҷмӯи шеърҳои ӯро 24 000 байт гуфтаанд» (60,450).

Бо он ки Шамси Лангрудӣ феҳрасти мукаммал ва муфассале дар бобати осори хаттӣ ва чопии Калим, ки дар манотиқи гуногун ба табъ расидаанд, дар асари худ овардааст, ӯ ҳам дар бораи теъдоди аниқи ашъори шоир чизе нагуфтааст.

Ба ҳар ҳол, Партави Байзоӣ дар ин бора кӯшиши судманде ба харҷ додааст, ки қобили ишорат ва таваҷҷӯҳ аст. Ӯ мегӯяд: «Девони комиле, ки инак аз назари хонандагон мегузарад, шомили 8668 байт аз аснофи шеър мебошад» (8, яд). Ва ҳам ӯ дар бораи маснавии Калим, ки дар футӯҳоти Шоҳиҷаҳон навиштааст, мегӯяд: «...Маснавии «Шоҳаншоҳнома»-и Калим низ, ки нусхае аз он дар китобхонаи олии «Мулк» мавҷуд аст, ҳовии тақрибан 15 000 байт аст, ки бо ин байт шурӯъ мешавад:

*Илоҳо, ба сӯйи худам роҳ деҳ,*
*Дили рӯшану ҷони огоҳ деҳ.*

Ин маснавиро Калим дар аҳволот ва футӯҳоти Шоҳиҷаҳон пардохта ва гӯё ҳанӯз ҳам ба чоп нарасидааст» (8, яд).

Шояд ин гуфтаи Мулло Тоҳири Насрободиро дар бобати теъдоди ашъори Калим дар истинбот бар нишондоди Партави Байзоӣ, ки дар ин боб бо ҷиддият кӯшиш кардааст, битавон қабул кард, яъне мавҷудияти 24 000 байт дар ашъори шоир.

Ростӣ, бандаро ҷуз қабули ин ишорати Насрободӣ ва Байзоӣ дигар чора нест; чун девони Калимро дар Тоҷикистон ба нудрат метавон дарёфт кард, ҷуз нусхаи ксерокопӣ ё рӯчопие, ки дар даст дорам ва як нусха аз девони шоир, ки дар шӯъбаи «Рӯдакӣ»-и Китобхонаи Мил-

лии ба номи Фирдавсӣ маҳфуз аст ва як нусхае, ки аз ҳамин девон дар шӯъбаи китобхонаи ба номи «Индира Гандӣ»-и Интститути осори хаттии Тоҷикистон ҳифз карда мешавад, ки ин ҳар се ҳам ҳамон девони мураттабсохтаи Байзоист, то чӣ расад ба «Шоҳаншоҳнома»-и шоир, ки ба гуфти мураттиби мазкур «ҳанӯз ҳам ба чоп нарасидааст.»

Теъдоди шеърҳои Калим, аз рӯйи девони тартибдодаи Партави Байзоӣ, ба тариқи зайл аст:

1. Қасоид, муштамил бар 31 адад, ки бо қасидае ба унвони «Дар мадҳ ва манқабати ҳазрати амиралмӯъминин Алӣ алайҳассалом» оғоз мешавад ва байти аввали он чунин аст:

*Субҳи пириро шафақандуд кардӣ аз ҳино,*
*Қомати хамро кӣ меорад бурун аз инҳино* (8, 1).

Қасидаи мазкур аз 62 байт иборат аст.

2. Муқаттаот, шомили 51 қитъа дар мавзӯоти гуногун, аз қабили «Шиква аз нотавонии асб», ки номи аввалин қитъаи ин муқаттаот аст ва он бо ин байт сар мешавад:

*Худойгоно, асбе, ки додаӣ ба Калим,*
*Зи нотавонӣ ҳаргиз нарафта рӯ ба насим* (8, 64).

Қитъаи мазбур аз 9 байт иборат аст.

3. Ғазалиёт, ки шумори он ба 585 мерасад ва мавзӯоти ҳархела, бахусус фалсафӣ ва ирфониро дар бар мегирад ва аввалин ғазал бо ин байт оғоз меёбад:

*Фазли гули рӯи ту ҷавон сохт ҷаҳонро,*
*Ҳусни ту аз ин боғ бурун кард хазонро* (8, 89).

Ғазали мазкур аз 8 байт иборат аст.

4. Тарҷеъбанд, ки якто ва бо номи «Соқинома», бо ин байти мубтадо:

*Соқӣ, хабарат нест, ки айёми баҳор аст,*
*Ин бехабарӣ муждаи сад бӯсу канор аст* (8, 325).

Ин тарҷеъбанд аз 82 байт иборат аст.

5. Таркиббанд, ки ду адад аст ва аввали он ба унвони «Дар рисои Ҳоҷ Муҳаммадҷони Қудсӣ ва таърихи фавти ӯ» эҷод шуда ва бо ин байт ибтидо меёбад:

*Чун нанолам, ки хазон гашт гулистони сухан,*
*Рафт дар мавсими гул равнақи бустони сухан* (8, 328).

Ин таркиббанд дорои 130 байт аст.

6. Маснавиёт, ки дорои 22 маснавии хурду бузург дар мавзӯоти гуногун буда, аввали он номи «Китобаи қасри «Дилафрӯз» ва таърихи бинои он»-ро дорад ва бо байти зер сар мешавад:

*Зиҳӣ дилнишин қасри ороста,*
*Ба боғи ҷаҳон сарви навхоста* (8, 337).

Ин маснавӣ шомили 39 байт аст.

7. Рубоиёт, ки 88-тост ва бо ин рубоӣ оғоз мешавад:

*Ҳарчанд ки марди қавлу феълаш табаҳ аст,*
*Бардоштани парда зи кораш гунаҳ аст.*
*Расво шавад ин ки медарад пардаи халқ,*
*Зар қалб дарояду маҳак рӯсияҳ аст* (8, 408).

Бад-ин минвол, девони мураттабсохтаи Партави Байзоӣ дарбаргирандаи 31 қасида -иборат аз 1455 байт, 51 қитъа-шомили 399 байт, 585 ғазал - дорои 5062 байт, 1 тарҷеъбанд -иборат аз 82 байт, 2 таркиббанд -иборат аз 130 байт, 22 маснавӣ -шомили 1564 байт ва 88 рубоӣ - дорои 176 байт буда, дар маҷмӯъ 8862 байтро ташкил медиҳад.

Ғайр аз девоне, ки Партави Байзоӣ мураттаб сохтааст, нусхаҳои чопӣ ва хаттии девони шоир дар китобхонаҳои Ленинград, Тошканд, Лакҳнав, Ҳайдаробод, Истанбул, Панҷоб, Теҳрон ва Душанбе нигоҳ дошта мешаванд.

Мувофиқи нишондоди феҳристҳое, ки дар Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд, дар Институти шарқшиносии АИ Ленинград панҷ нусхаи чопи сангии девони Калими Кошонӣ таҳти рақамҳои ишоратии 1606-А75, 1607-А76, 1608-А974, 1609-В4478,

B4478[1] ва дар Институти шарқшиносии АИ Тошканд як нусхаи чопи сангии девони шоир зери рақами 719[2] ҳифз карда мешавад.

Дар Институти шарқшиносӣ ва осори хаттии АИ Тоҷикистон чаҳор нусхаи чопи сангии девони Калим таҳти рақамҳои ишоратии 968-1953\1, 969-620, 970-1949, 971-521 маҳфуз ҳастанд, ки мутааллиқ ба асрҳои XVII-XVIII-XIX мебошанд. Аммо, аз он ҷиҳат, ки нусхаҳои зикршуда нокомил, номураттаб, фусурда ва саҳифаҳои онҳо даридаанд, аз онҳо ҷиддан наметавон дар навиштани рисола истифода кард.

Дар натиҷагирӣ аз боби мазкур ҳаминро метавон хулоса кард, ки:

1. Ҳиндустони охири асри XVI ва нимаи аввали асри XVII, барҳақ, маҳд ва аз марокизи адаб ва фарҳанги форсӣ гардида буд. Он ҳолоти нисбатан осуда ва мураффаҳе, ки дар сиёсати онрӯзи ин сарзамин ҳоким буд, он авзои дилхушкунандае, ки бар зиндагонию маишати аҳли адаб фармонфармойӣ мекард ва он ҳусни аҳамият ва эҳтироми бесобиқае, ки бар забону адаби форсӣ аз тарафи салотину умаро ва дастгоҳи салтанатии ин кишвар карда мешуд, ҳама аз пайи якдигар боис гардиданд, ки дар Ҳиндустон як маҷмаъ ё иҷтимои бузурге аз аҳли адаби форсигӯ, бахусус шуаро, ташкил ва бунёд гардад.

2. Озодманишӣ, демукротихоҳӣ ва адами таассубе, ки дар фазои сиёсати ин кишвар ҳукмрон буд, дарвозае гардид, ки аз ҳама билод ва мамолики ҳамҷавору дурдаст аҳли адаб ба Ҳиндустон ворид мешуданд. Аз ҷумла, Калими Кошонӣ, ки аз Эрони дурдаст, бе нигоҳ бад-он ки салтанати Ҳинд дар мазҳаби тасаннӯъ аст, бар ин кишвар

---

[1] Ниг.: Персидские и таджикские рукописи Института народов Азии Академии наук СССР, том2, каталог , Под редакцией Н.Д. Миклухо-Маклай. - М: Наука, 1964, стр. 222.

[2] Ниг.: Собрание восточных рукописей Академии наук Узбекской ССР, Том 8. Под редакцией и при участии проф. А.А. Семенова и Д.Г. Вороновского. - Тошкент: Фан., 1967, стр. 638.

ворид шуд ва бо он ки худ аҳли ташайюъ буд, чӣ басо дар ин билод фазои озод ва мураффаҳеро дарёфт наму.

3. Фалсафаманишӣ ва ирфонниҳодии ҳам умаро ва салотин ва ҳам қисмати аъзами мардуми гуногунқавми Ҳиндустон мӯҷиб гардид, ки шуарои форсигӯйи файласуф ва ориф аз Эрону Мовароуннаҳр рӯ ба ин сарзамин ниҳанд ва дар фазои андешаҳои мазкур нафас кашанд. Масалан, Калими Кошонӣ, ки аз оғоз то интиҳои ғазалиёти ӯ иборат аз ҳамчунин андешаҳоест.

4. Як хидмати мустаҳсане, ки мусофират ва муҳоҷирати шуаро адо бинмудааст, ин аст, ки ба ин иллат дар адабиёти форсӣ ирфон ва андешаи фалсафӣ аз нав эҳё гардид ва дигар фазои Ҳинд барои орифони форсинажод танг ва мутаассиб нагардид, балки сабаб гардид, то шоирони андешаманду мутафаккире мисли Калим аз худ мероси арзандаи шеърие ба маврус гузоранд.

## Боби II

# МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ ЛИРИКАИ КАЛИМ

Калими Кошонӣ аз зумраи он шоиронест, ки дар эҷоди ашъор ба аксари мазомин ва мавзӯоти ҳаётӣ назар андӯхтааст. Аммо, аз он ки ин шоири баландназар дар оинаи ашъор ва ақоидаш бисёртар чун марде фалсафагиро ва ирфонпеша ҷило ёфтааст, ба ин ҷиҳат, мазомин ва мавзӯоте, ки ӯ бештар дар атрофи онҳо ба фикр фурӯ рафтааст, иборатанд аз шикоят, шиква, танқид аз авзои рӯзгор, ҳасби ҳолоти нобасомон, ишқу муҳаббати ирфонӣ, фалсафаи ҷаҳону инсон, мазомини ахлоқӣ, тарбиявӣ ва васфи зебоиҳои табиат.

Бояд қайд кард, ки ин ҳама мавзӯоте, ки дар боло зикрашон рафт, аслан Калим бад-онҳо аз нуқтаи назари фалсафӣ ва ирфонӣ дида андӯхтааст, чӣ дар сар то интиҳои ашъори ӯ ақоиди ирфонӣ бештар аст аз афкори ғайриирфонияш. Аз ин рӯ, он арзишеро, ки Калим ба ҳама мавзӯот ва мазомини мастур дар осори хеш медиҳад, онро аслан аз дидгоҳи арзишгузошти ирфонӣ ва фалсафии ӯ истиқбол кард, зеро ки Калим аз шумори он шуарои ирфонпеша аст, ки на танҳо ба ҷаҳон аз назаргоҳи фалсафӣ нигаристааст, дунёву табиати пурфанни онро низ ба ирфону фалсафа ғӯтавар сохтааст.

### 1. Оҳангҳои иҷтимоӣ дар лирикаи шоир.

Инсони комил ҳар кадар доираи биниш ва назаргоҳи қалбиаш аз дунёву асрори он ва иҷтимоъу мардум вусъат пазируфт, ҳамон қадар норозигӣ, шиква ва ғаму андӯҳи ӯ бештар мегардад. Ба хусус, агар инсон шоире мутафаккир бошад.

Калими Кошонӣ ҳам, бе ҳеч тардид, аз ҷумлаи камолёфтатарин мардон аст, аз мисоли чунин шоиронест, ки дар биниши дунё ва иҷтимоъ назаре вусъатпазир дошта-

аст. Чун ашъореро, ки Калим дар мавзӯоти иҷтимоӣ, аз ҷумла дар шиква ва шикоят аз дунё, аз иҷтимоъ, бахти носозгор, дар танқид аз замона ва ҳасби ҳолоти тоқатфарсои худ эҷод кардааст, бихонем, ба осонӣ маълум хоҳад шуд, ки ин шоири ҳассос дар дарки дақоиқи ҳаётӣ то чӣ андозае борикбин ва нуктагир будааст. Оё метавон ҳадс зад, ки шоир байти зерро ба ин маънӣ бо чӣ натиҷагирие аз авзои замона гуфтааст, он ҳам бо шикваи тамом ва навмедии зиёд:

*Дар чор мавсимаш набувад рангу бӯ Калим,*
*Ин олами фусурда, ки назди ту гулшан аст* (8, 145).

Дар таърихи адабиёти форсизабони Ҳиндустон камтар шоиреро метавон пайдо кард, ки ҳаёташ мисли Калим иборат аз саргардониҳои зиёд, тираруӯзиҳову бадбахтиҳо ва ғаму дардҳо буда бошад. Шояд аз ҳамин ҷиҳат бошад, ки он муҳаққиқоне, ки дар бораи Калим чизе навиштаанд, дар ин нуқтаи назар ӯро бо Хоҷа Ҳофиз бисёртар муқоиса кардаанд.

Аз ашъораш маълум нест, ки Калим аз ҳаёти худ дар ин дунё, аз сарнавишти хеш, аз иҷтимоъе, ки ӯ андар он ба сар бурдааст, хушнуд ва ризоманд бошад. Дар бархӯрди тамом бо эҷодиёти ӯ низ наметавон он нуқтаи дақиқеро дарёфт кард, ки шоир чизеро аз ёддошти сурурангези хеш хотиррас бишавад; он чи дар ҳасби ҳолоти худ гуфтааст, ҳамагӣ иборат аз хотироти шуми ваянд. Он чизе ки дар бораи овони хурдсоливу навҷавонии шоир дар тазкирае барнамехӯрад ва худи Калим ҳам, ақаллан, ишораи мавҳуме дар ин хусус намекунад, эҳтимол ва тахмин меравад, ки даврони мазбур аз баддидатарин ва сияҳрӯзтарин айём дар сарнавишти ӯ будаанд. Ҳанӯз дар синни бисёр ҷавонӣ (24- солагӣ) азми диёри Ҳинд ва тарки ватану ҳама кардан нишоне аз ин ҳаёти тира ва ғамандуди шоир аст.

Калими Кошонӣ, ки саропойи ашъори ӯ иборат аз андешаҳои озодманишӣ, ирфонӣ ва тасаввуфиву фалсафӣ аст, бе ҳеч шакке, бо вуҷуди ҳамин авзоъе тарки Эрон гуфт, Эроне, ки дар ин вақт фарзандони мустаиди хешро

наметавонист рӯҳи тоза бубахшад, Эроне, ки аз Аттору Мавлавӣ рӯй гардонда буд.

Калими Кошонӣ, бо вуҷуди он ки табъи баланде дар эҷоди ҳама гуна ашъор дошт, натавонист дар Эрони худ ба муваффақияту комгорӣ ноил гардад. Ва шояд ҳам битавон гуфт: аз аввалин сабабҳои дар ватани худ ноком гардидан ва тарки он гуфтани Калим ҳамин рӯҳи озоди ӯ будааст. Аз ашъори ӯ бармеояд, ки рӯҳи ин шоир огоҳ ва саршор аз ирфону фалсафа будааст. Ва оё ин шоире, ки бе будиши ирфону рӯҳи озод зиндагиро дар худ маъние намебинад ва бо лоқайдӣ мегӯяд:

*Мо зи огозу зи анҷоми ҷаҳон бехабарем,*
*Аввалу охири ин кӯҳнакитоб уфтодаст* (8, 19),

бо он ки медонад ислому таълимоти он дар боби «оғозу анҷоми ҷаҳон» матолибе дорад, метавонист дар Эрони муташайеи мутаассиб рӯзгори хушро умедвор бишавад?!

Табиист, ки шоироне чун Калим на танҳо дар дарбори онвақтаи Эрон, умуман дар Эрон, бо он ҳама паҳномандиаш, наметавонистанд роҳи хушеро дарёбанд. Таҳрикот ва таассуботи ақидавӣ на танҳо рӯҳи ононро шикаста буд, зиндагонии онҳоро аз ҳайси иқтисодӣ низ рӯ ба касодӣ меовард, онҳоро ба фақру тангдастӣ рӯбарӯ мекард.

Аз бисёр шеърҳои Калим маълум мегардад, ки ӯ дар ватан дарди фақру нотавонӣ мекашидааст.

Аз як байти ӯ аён мешавад, ки фақирӣ бо тамоми ташаддудоташ бар ӯ бархӯрд кардааст, то он ҷо ки вай аз фарти нотавонӣ хостгори марг ҳам шудааст. Аммо, чун шоир ҳиммате бас баланд ва ниҳоде орӣ аз такаллуф доштааст, худро таскин медиҳад ва тасаллӣ мебахшад, ки хостани марг ҳам ғайри такаллуф чизе дигар нест:

*Зи дарди фақр дило гайрате агар дорӣ,*
*Махоҳ марг, ки хоҳиш ба ҷуз гадоӣ нест* (8, 118).

Аз байти дигари ӯ маълум мегардад, ки ҳангоми дар Эрон буданаш ҳамватанони ӯ ба вай дар дилашон кинае меварзиданд:

*Гар чунин шӯъла кашад кинаи ёрони ватан,*
*Чун шарар дар сафарам умр ба сар хоҳад рафт* (8, 123).

Шояд ин кинаи ашхоси мутаассибе аз қабили уламо ва фақеҳон бошад, ки маълум аст ҳеч намехоҳанд андешаи шоироне чун Калим шуюъ кунад. Шояд ҳасади шоирони доираи адабии дарбори Сафавиён бошад, ки доштани табъи баланди Калимро дар дил мепарвариданд ва дахлҳои беҷое бар шеъри шоир мекарданд, чунончи дар як байташ гуфтааст:

*Дахли беҷо ҳама ҷо дар суханам меояд,*
*Ин магас лозими ширинии гуфтори ман аст* (8, 122).

Гумон меравад, номусоидӣ болои номусоидӣ сабаб мегардад, ки Калим-ин шоири мутафаккиру андешаманди Эрон ба ҷиҳати дарёфти шароити мусоид ва фаро овардани маскане, ки битавон дар он дами озод даркашид ва ибрози андешаи озод кард, ҷиддан ватани худро тарк гӯяд.

Мутаассифона, дар аввалин сафаре, ки ӯ ба Ҳинд кард, ин шароитро,ончунон ки ӯ мехост, натавонист пайдо бикунад. Дар айёми нахустин мусофираташ буд, ки ӯ ва ҳамсафаронашро дар сарҳади Беҷопури Ҳинд бо гумони ҷосусӣ дастгир карданд. Ин воқеаро худи Калим дар як қитъааш ҳикоят кардааст. Чунонки аз байти аввали он қитъа:

*Фалакқадро, намепурсӣ, ки гардун*
*Чаро озурд моро бемуҳобо* (8, 68),

маълум мегардад, ӯро азобу шиканҷаи зиёде медиҳанд.

Бояд гуфт, ки дар сафари нахустинаш ба Ҳиндустон Калим шароити хуберо баҳри зиндагонӣ дарнаёфтааст. Бар болои ҳамаи ин, он истеҳзо ва таконе, ки хоҳиши ба дарбори Шоҳиҷаҳон роҳ ёфтанаш дар пай овард, ӯро ба воситаи Нурҷаҳон - маликаи дарбор дар доираи шоирони

дарборӣ роҳ надод (121, 301) ва мунҷар ба тарки мушоира кардани ӯ гардид.

Ин ҳама воқеоти сафари нахустинаш дили ҷавони ӯро аз зиндагонӣ ва иҷтимоъ сард ва хаста кард.

Маҳз дар мусофирати дуввумаш Калим тавассути як рубоияш ба дарбори Шоҳиҷаҳон роҳ пайдо мекунад. Муддати зиёде нагузашта ин шоҳ мансаби «малик-ушшуароӣ»- ро бар ӯ арза дошт ва дигар ин шоиреро, ки солҳои мадиде азият мекашид, бо унвони «Маликушшуаро Калим» ном мегирифтаанд. Муддати дигаре нагузашта Шоҳиҷаҳон Калимро ба воситаи як байташ ба зар вазн мекунад.

Оё метавон гуфт, ки Калим пас аз бархӯрд бо ин муваффақиятҳо зиндагонии осоишта ва босурурерo аз сар гузаронда? Ин нукта дар ҳеч ҷое аз девони шоир зикр нагаштааст. Баръакс, дар сар то пойи ғазалиёти шоир шикваву шикоят, ранҷурӣ аз иҷимоъ ва ҳасби ҳолоти нобасомони ӯ мукаррараран ёдоварӣ мешаванд. Дар ҳама ҷойи девонаш абёте ба ин маънӣ ҷой доранд, ки шиквaву ранҷуриҳои ӯро бозгӯ мекунанд:

*Зи поям даҳр хоре барнаёвард,*
*Ки бахтам сад бало бар сар наёвард.*
*Аҷал аз шермардон ҳар киро бурд,*
*Ба ҷояш даҳр ҷуз духтар наёвард* (8, 319).

Мазомини асосӣ ва аввалдараҷаи ашъори Калим, ба вижа ғазалиёти ӯ, саропо мамлу аз мавзӯоти ғамоваре чун бекасӣ, шиква аз тирагии бахт, шикоят аз ёрону дӯстон, танқид аз иҷтимоъ ва замонаи нобасомон, ғамгинӣ аз нифоқ ва ҷидолҳо, ноумедӣ аз зиндагонӣ ва андӯҳ аз саргардониҳову оворагардиҳои ҳамаумрӣ мебошад. Калиме, ки қариб нимаи умри хешро дар ҳаёти дарборӣ ва мансаби волои «маликушшуароӣ» гузарондааст, бо ин ҳама, то охири умри хеш ҳамеша ғамгин ва навмедона зиндагӣ ба сар мебурдааст.

Мафҳуми «ғам» дар ашъори Калим мақоми аввалдараҷаро ишғол мекунад, ҳамчунон ки ин мафҳум

дар девони Хоҷа Ҳофиз мартабаи волои худро дорад. Наметавон гуфт, ки «ғам»-и Калим дар ҳақиқат ҳамон «ғами ҳофизӣ»-ст, чаро ки Хоҷа дар ин бобат ғами болотареро соҳиб аст, ки аз он метавон танҳо ба «ғами ишқ» унвон кард. Аммо мафҳуми «ғам» дар ашъори Калим мазмуне фарохтарро молик аст ва ин бештар иртибот дорад ба ғами диёру ватан, ғами рӯзгор, ғам аз ёрону дӯстони бевафо, ғам аз тирарӯзӣ ва бадтолеӣ, ғам аз саргардониҳои ҳамешагӣ ва низ ғаме болотар, ки он аз тахайюл ва андешаи фалсафиву ирфонии шоир буруз карда ва аз чарху фалаку сарнавишт ва ҷуз инҳо чошнӣ гирифтааст. Дар болои ҳамин мафҳум аст, ки шахсияти Калим хусусиёти мушаххас ва ҷиддии худро пайдо мекунад ва худро аз доираи он шуарои дарборие, ки дар вуруд ва бархӯрд ба ҳаёти дарборӣ ба шодхориву лоқайдӣ тан дармедиҳанд, бурун мекашад. Калим он шоирест, ки ғам аз ӯ ҳеч гоҳе канора нагирифта ва ҳамвора дар ҳар вақту ҳар куҷое бо ӯ будааст. Гӯё ин ғам дар баробари ӯ ҳамчун як шахси душманест, ки ҳамвора дар пайи адовати ӯст ва ё чун дуздест, ки ҳамеша мекӯшад бахти ӯро, ки он ҳам нест, аз «ҷайб»-и умри ӯ дар ҳолати хобидагӣ ба яғмо бибарад:

*Ғамро, Калим, шодӣ аз бахти хуфтаи мост,*
*Пайваста дузд хушдил аз хоби посбон аст* (8, 142).

Ин ғами зиёд, ки шикваву шикоёт ва ранҷуриҳои зиёдеро дар пай меорад, шахси ӯро бо ҷисмаш афгор ва хаста мекунад, дар натиҷа, ӯ илоҷи таскини худро ҷуз аз гиря намеёбад. Бояд гуфт, ки дар ҳамин ҳолоти гиря аст, ки шахси ӯ аз шахсияти Ҳофиз ва Мавлавӣ ва урафои бузурге чун онон ифтироқи худро каме пайдо мекунад. Ғами ин урафо ғаме батамом рӯҳӣ ва осмонӣ аст, ба ин ҷиҳат гиряи онон мӯҷиби тулӯи бахт ва уммеди висоли эшон намегардад. Аммо, гиряи Калим, аз пайи худ, метавон гуфт, чизеро ба бор биоварад, агар ки гираҳи он ба теғе, филмасал теғи бахт, кушуда гардад:

*Гираҳи гиря ба теғ аз гулӯям во нашавад,*
*Нахли нокомаму уқдаи ғам бори ман аст* (8, 122).

Бовар бар он ки гиряи шоир ба теғе дигар во нахоҳад шуд, навмедиву нобовариҳои ӯро ба бор меоварад ва шахси ӯро аз дунё ва иҷтимоъу мардум нохушнуд мегардонад.

Ин мафҳуми «навмедӣ» ё «ноумедӣ»-ву «нобоварӣ» низ дар сар то сари ашъори Калим ҷойи махсус дорад. Ин ҳам мафҳумест, ки бо он ки Калим дар бархӯрд бо дарбор каме онро аз ёд бурда буд, чун шахсияти ӯ болотар аз шодхорҳои дарборӣ будааст, натавонист батамом аз он инфисол ҷӯяд; чун навмедӣ ҳамвора дар пайи рӯҳи бузурги ӯ будааст; балки метавон гуфт, ин навмедӣ аз аввал то охири умри ӯ якҷо бо рӯҳи вай дар танаш мезистааст. Дар кишти умеди Калим ҷуз ин «навмедӣ» дигар ҳосиле набуда, ончунон ки худи ӯ мегӯяд:

*Нест моро донае ҷуз коҳ дар кишти умед,*
*Он ҳам аз бахти забунам гоҳ ҳасту гоҳ нест* (8, 144).

Чунонки гуфта шуд, «ғам» ва «гиря»-и Калим сирфан на мафоҳимест, ки дар Ҳофиз ва Мавлавӣ ва урафои дигар будааст. Бояд гуфт, ки Калими Кошонӣ, пеш аз ҳама, як ориф ва як файласуфи ирфонӣ аст. Аммо, фарқияти асосии ӯ аз орифони мазбур дар он аст, ки шахсияти онон ба дараҷаест, ки машғалаҳо ва ранҷуриҳои иҷтимоӣ наметавонистаанд рӯҳи ононро водор ба шикоят ва шикваву нолиданҳо бикунад, чун онҳо ғами бузургтар ва шикоёти болотареро аз он доштаанд. Аммо, Калими Кошонӣ, ки дар дараҷаи пойинтаре аз пирони бузурги худ қарор дорад, иҷтимоъ ва ранҷуриҳо тавонистааст ӯро мазбут ва мусаххар созад.

Ҳаёти тоқатфарсои мардум, ба хусус шоирону олимон дар Эрони Сафавӣ, ки ин сарзамини зодбум ҳеч гоҳе аз ёди Калим нарафтааст, натоиҷи мусофиратҳои ӯ, ки оворагардиҳою саргузаштҳои талхи ӯро ба бор овардаанд ва касолату бемории тоқатшикани обила ва табларзаву дарди по, ки то вопасин лаҳазоти умраш бо ӯ буданд,

ҳасадбарӣ ва кинаварзии дӯстону ошноёнаш ва бузургтару саъбтар аз ҳама: бекасии ҳамаумрӣ ва бенасиб будан аз ҳаёти оилавӣ, рӯҳи ӯро нохушнуд, шиквапазир ва шикоятгар аз ичтимоъ гардондаанд. Калим мебинад, ки дар ҳақиқат дар ҳеч чое касе аз пайи кори худ нест, ҳама ҳамвора дар пайи хусумат ва кинаварзии дигаронанд, ниҳоли дӯстӣ, ошноӣ ва муҳаббати инсонҳо ҳама чо фусурда аст ва ба чойи он дар кишти ниҳоди ҳама тухми бадбиниву азиятдиҳӣ ва кинаварзиву ҳасадбарӣ реша давондааст. Ин аст, ки бо фарёд мегӯяд:

*Бар тавсани иродаи худ кас савор нест,*
*Дар дасти ихтиёр инон гусастааст!* (8, 120)

Шиква, шикоят ва норозигии шоир аз нобаробарии чамъият оғоз мешавад. Албатта, ин андешаи Калим аз ҳаёти сахти тодарборӣ ва саргардониҳои пурвоқеаи ӯ маншаъ гирифтааст. Ӯ бо қаҳр фарёд мебардорад, ки чаро фалак коми ташналабонро мартуб намесозад; чаро гурӯҳеро, ки зиндагониро иборат аз пӯшидани либоси фохир медонанд, бо бузургӣ ном мебаранд; чаро он ашхосе, ки дар тачаммул ба сар мебаранд, аз ҳоли фақирон худро ноогоҳ менамоянд; чаро онҳое, ки аз илми ҳақиқӣ баҳрае надоранд, бо пӯшидани хирқаву либосҳои сӯфиёна худнамойӣ мекунанд ва дар охир, чаро гурӯҳе аз мардум дар оташи ҳирс месӯзанд:

*Ба захми тири чафо марҳами итоб чарост,*
*Намак ба рӯйи намак бар дили кабоб чарост?!*
*Фалак ба ташналабон қатраро шумурда диҳад,*
*Ба ошиқон карами ашки беҳисоб чарост?!*
*Тамоми насли бузургон, агар накӯ бошанд,*
*Зи баҳрзода тунуկзарфии ҳубоб чарост?!*
*Зи завқи фақру фано бехабар чӣ медонад,*
*Ки чугз мӯътакифи хонаи хароб чарост?!*
*Ту дар канори касе дар наёмадӣ ба хаёл,*
*Камар ҳамеша дар огӯши печутоб чарост?!*

*Газак зарур набошад шароби ғафлатро,*
*Дилат бар оташи ҳирс ин қадар кабоб чарост?!*
*Калим, мурғи дили болу пар шикастаи мо,*
*Ҳамеша дар қафас аз чангали уқоб чарост?!* (8, 121)

Ин нобаробариро Калим, беш аз ҳама, дар шахси худ ташхис мекунад. Шикваву шикояти ӯро дар ин бобат метавон воқеӣ ва баҷо шумурд. Ӯ, бо он ки баъдан дар дарбор ҷои худро ёфт, ҳеч аз паи молу мукнат ва тафохуроти зоҳирӣ нарафта будааст. Насрободӣ дар тазкираи худ оид ба хисоли Калим гуфтааст, ки он чи аз тарафи Шоҳиҷаҳон ва дигар бузургмардон ба вай инъом мешуд, ҳамаро «сарфи фуқаро ва аҳли камол мекард» (10, 220). Мураттиби девони Калим низ ба ин ақидае омадааст, ки «аз тарзи баёни соири арбоби тазкира низ маҳсус аст, ки вай ҳеч вақт соҳиби молу маноле набуда» (8, хо).

Оё мешавад бовар кард, ки Калим -ин шоири хоксор ва бетакаллуф ва бе молу манол тавонад дар баробари он ҳама таҷаммулоти дарборӣ - чи мансабдорону чи шоирони он- рӯйи хушу муомалаи хубе бинад ва ҳам метавон бовар намуд, ки аҳли дарбор ба ин марде, ки аз оммаи мардум фарқе дар сурат надошт, нигоҳ ва назари пок ва беолоиш ва хуше дошта бошанд.

Бе ҳеч шакке, ҳамин хисоли ҷавонмардонаи шоир аз аввалин сабабҳои гурез ва канорагирии ёрон аз ӯ ва мухолифату ҳасадбарӣ ва ҳаросати дӯстонаш мебошанд, ки дар баробари таҷаммулот ва тафаххуроти зоҳириашон виқори зоҳирии хешро аз даст медод. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки худи Калим мегӯяд:

*Ҳар кас маро шинохт, зи ҳамроҳиям рамид,*
*Нашнохтааст соя ҳанӯзам, ки бо ман аст* (8, 145).

Аз чанд тазкира ва кутуби таърихӣ фаҳмида мешавад, ки Калим ҷуз аз ватани худ дар дарбори Шоҳиҷаҳон низ мухолифон ва ҳасудоне доштааст. Ин ашхос бо он кина ва ҳасаде, ки дар дил мепарваридаанд, ҳамвора дар пайи газандрасонӣ ва нешзанӣ ба шоир будаанд. Чун иқтидоре

бар газанди ҷисмонӣ надоштанд, аз он ки Калим аз наздиктарин шоирони Шоҳиҷаҳон буд, бар шеъри ӯ менигаристанд ва ҳамвора дар пайи нуктагирӣ ва дахолат аз суханони ӯ буданд.

Як чизе, ки то вопасин лаҳзаҳои умр фарооварди ғаму дард ва ҳомил бар равони ӯ гардид, саргардониҳои ҳамаумрӣ ва ғурбати ҳамешагии ӯ аз ватан буд. Дар ҳақиқат, оё як шахс, ки умраш батамом сарфи мусофират ва саргардонӣ бишавад ва бар болои ҳамаи ин пояш барои ҳамешагӣ аз хоки ватан канда бигардад, метавонад ба осонӣ таҳаммули ин ҳама дардҳои тоқатшиканро дар худ дошта бошад?

Ин таҳаммулро ҷуз аз одамие, ки ниҳоди инсоният аз ӯ салб шуда бошад, дигаре наметавонад бар дӯши худ гирад. Калим чи қадр дарднок менолад:

*Рафт умрам дар сафар чун мавҷу натвонам, Калим,*
*Гӯшаи амне дар ин дарёи бесоҳил гирифт* (8, 85).

Калим чунон шоире набудааст, ки бо вуҷуди дасти хуши рӯзгорро дар диёри Ҳинд ба даст овардан ва ахзи мансабу давлат ғаму ғурбати ҳамешагӣ аз дил ва равони ӯ зудуда гардад. Ин ҳолат аст, ки ӯ ҳама умр хештанро ошуфта ва парешон эҳсос мекунад, то он ҷо ки мегӯяд:

*Қисмат ин буд, ки чун мавҷ ба дарёи вуҷуд,*
*Ҳар куҷо рӯ ниҳам, аҳвол парешон гузарад* (8, 172).

Ӯ, ки мегӯяд: «Чу ман мабод овораи ҳазор ватан» (8, 152), оё ин на нишоне аз ғурбати ватани ӯст, оё ин на нидое аз фурқати Эрони ӯст?!

Бо он ки дар мавориди зиёде Калим аз Эрону зодбуми хеш ба талхӣ ва ҳатто ҷое ба танаффур ёд мекунад, ин баёнгари он нест, ки ӯ битавонад барои ҳамешагӣ дил ва ҷони худ аз ватану диёр бигсилад. Инсони комил ҳар қадар камоли ӯ бештар бишавад, ба ҳамон андоза эҳсосоти ҳубби ватан ва фурқату ғурбаташ аз ватан зиёдтар мегардад. Ҳар қадр дуриву ғурбат зиёд шуд, ба ҳамон миқдор дилу ҷони ӯ ғампазиру андӯҳпарвар мешавад. Ка-

лимро ҳам ин вазъият то охирин лаҳазоти умраш бо ӯ будааст. Аз ашъори вай изҳори ғурбату фурқаташ аз ватан мукаррар ба чашм мерасад ва то дами интиҳои ҳаёташ ӯ ба умеди диёри маълуфии хеш ба сар мебурдааст:

*Марҳам ба доғи ғурбати мо кай ниҳад ватан,*
*Гавҳар надидаем, ки дигар ба кон расад* (8, 231).

Бо он ки дар диёри Ҳинд ҳаёти Калим мунтаҳӣ бар шароити хубе гардид ва шахси ӯ мавриди эҳтиром ва эъзози умарову ҳокимони ин минтақа қарор гирифт, вай боз ҳам ин диёрро бегона эҳсос мекард ва борҳо аз он ба унвони қафас ёд менамуд. Масалан, дар ин байт:

*Калим аз Ҳинд дилгирӣ надорад,*
*Пас аз улфат қафас ҳам ошён аст* (8, 131).

Дар ин байт Ҳиндро ба таври возеҳ қафас гуфтааст:

*Ман, ки дур аз ватанам, айш таманно накунам,*
*Ба қафас, то нарасам, болу паре во накунам* (8, 267).

Ростӣ, баройи шахсе чун Калим, ин нукта пӯшида наметавонад буд, ки ашхосу риҷоли мутаассиб ва фақеҳону олимон чизи дигарест ва хоки диёру остони он чизе дигар, ки болотар аз ҳама чиз аст. Аммо, чӣ кунад Калим, ки шахси ӯ ҷуз аз таҳаммули ғурбату андӯҳи гаронвазни он дигар коре наметавонад бикунад, чун «Дар дил бадали ҳубби ватан меҳри ғарибист (8, 291). Ин меҳри ғарибӣ, бояд гуфт, ки барои Калим сангинтарин ҳамле дар дили ӯ будааст, ки то интиҳои зиндагонияш аз бардошти он дар нолаву фарёд ва шевану дилфигорӣ мезистааст.

Бар болои ин ҳамли гарон, боз як чизи дигаре, ки мӯҷиби тазоюди ғам ва андӯҳ дар шахси Калим гардид, танҳоӣ ва бекасӣ буд, ки аз бисёрии ашъораш маълум мешавад. Танҳоии Калим, ки он ҷуз аз надоштани ёрону дӯстони содиқ, ҳамчунин нишоне аз надоштани зану фарзанд низ ҳаст, то вопасин лаҳзаҳои умр якҷо бо ӯ будааст. Чӣ шеъре беҳтар ва муассиртар аз ин хоҳад буд дар табйини ҳолати талхи бекасӣ, ки Калим гуфтааст:

*Бекасонем, гузаре бар сари мо кас накунад,*
*Магар аз гиря гаҳе бигзарад об аз сари мо.*
*На тазарвем, на товус, чӣ дар мо дидааст,*
*Ки парад дидаи мо аз паи дому пари мо.*
*Рӯйи гарме чу набинем, ба кас во нашавем,*
*Нахли мумем, ба ҷуз шӯъла начинад бари мо...*
*Пеши ин ҷавҳариёне, ки дар ин бозоранд,*
*Қимати ришта фузунтар бувад аз гавҳари мо* (8, 92).

Чунонки дида шуд, Калим аз бекасиҳову танҳоии худ, ки то вопасин лаҳзаҳои ҳаёташ ҳомил бар хушнудӣ ва рифоҳи ӯ будаанд, дар эҷодиёти хеш шикваҳои зиёд кардааст.

**2. Ирфони Калим.**

Пеш аз он ки дар хусуси ирфони Калим маълумот бидиҳем, хубтар хоҳад буд, ки худи ирфон ва вижагиҳои онро ба таври мухтасар мавриди баррасӣ қарор бидиҳем.

Он чи муҳаққиқин дар бобати ирфон ё фалсафаи тасаввуф нигоштаанд, шумори онҳо аз ҳадди ҳисоб бурун аст. Ин тариқаи дониши маънавӣ ҳанӯз аз даврони пайдоишаш то ҳоли ҳозир мавриди тадқиқ ва таҳқиқоти қисмате аз аъзами муҳаққиқин ва мусташриқин қарор гирифтааст.

Ирфон он дониш ва маърифатест маънавӣ, ки ҷуз аз тариқи қалб ва рӯҳ, яъне ботин, дарёфт кардани ҳақиқат ва илми ҳақиқиро аз роҳи дигаре мункир аст ва иқрор дорад, ки ҳама гуна илм, ақл, бурҳон, истидлол ва амсоли инҳо дар пайдо кардани ҳақоиқи ашё ва ҳақиқати аслӣ оҷиз ва дасткӯтоҳ аст. Устод Абдулҳусайни Зарринкӯб ирфонро чунин таъриф кардааст: «Ирфон тариқаи маърифат дар назди он даста аз соҳибназарон аст, ки бар хилофи аҳли бурҳон дар кашфи ҳақиқат бар завқ ва ишроқ бештар эътимод доранд то бар ақл ва истидлол» (37, 9).

Он даста аз ашхоси соҳибназар, ки дар андӯхти чунин маърифати маънавие даст ёфтаанд ё бар ҳадди камолоти ин дониш муваффақ гаштаанд, ориф ном доранд. Орифон касоне ҳастанд, ки ба дунёву дунявиён ва ҳатто уқбо бо

чашми қалб менигаранд ва ҳар арзишеро, ки ҷаҳону ҷуз он дар назари ориф пайдо мекунад, аз дидгоҳи арзишгузории қалбии ӯ буруз менамояд. Яъне, эътирофоти дунё ва уқбо дар баробари ориф танҳо мубтанӣ бар рӯҳ ва қалби вай аст.

Ирфон аз аввалин вазоифе, ки дар назди ориф мегузорад, ин аст, ки ӯ пеш аз он ки ба дунё ва уқбо арзише гузорад, бояд ба худ бингарад. Баъд аз ин, чун ҳуввияти комили хешро дарёфт кард, ҳақ дорад аз дидгоҳи ботин ба дунё бингарад. Сипас, чун аз худии хеш ва дунё маърифати комиле пайдо кард, мустағрақи иродаи зоти худовандӣ хоҳад гардид (100, 21- 31; 86, 66).

Аз мушаххасоти маърифати орифон ин аст, ки онҳо ҳарчанд ақлу бурҳон ва истидлолу баҳсро дар шинохти Худо ва ҳақиқати офаридаи ӯ таъйид мекунанд, онро ҷоиз ва раво намешумуранд; чун иддао доранд, ки бурҳони фалосифа ва баҳси мадраса боиси залолат ва шикасти рӯҳи солики роҳи ҳақиқат аст. Орифон мӯътақиданд, ки истидлолоту мубоҳасоти зиёда роҳ ба мақсуд нахоҳанд бурд ва он ҳама қилу қоле беш нестанд. Дар ташхиси ҳақиқат ва дарёфти ҳақ бояд дар тасфияи қалб ва тазкияи рӯҳ кӯшишҳо ба харҷ дод; бояд ба ботин пардохт, ки ҷуз аз ботин дигар бо ҳеч воситае натавон аз асрор ва румузи офариниш огоҳие пайдо кард. Ба ботин пардохтан дилу ҷон ва нафсу ирода аз ҳама чиз бартофтану баркандан аст. Барои ориф «ҳар гуна дилбастагӣ ба мосавиюллоҳ мазмум аст, хоҳ дилбастагӣ ба олами дунё бошад ва хоҳ ба олами охират, яъне: ба биҳишту неъматҳои он» (100, 19).

Мақсуди урафо аз тарки дунё ва наамоти он танҳо даст ёфтан бар шинохти ҳақиқат, яъне Худойтаолост. Ва манзури онон аз тасдиқи тавҳиди Худо чун дигар мусалмонони қишрӣ, ҳатто олимону фақеҳон ва зоҳидон, танҳо ин нест, ки Худо дар зоти худ яктост ва мавҷуде бо ӯ иртиботе надорад ва он зотро натвонад шинохт ва дар идроки он оҷиз аст. Балки ин ҳама тасдиқоти онон дар боби тавҳиди Худой, иртиботи Ӯй ва идрокаш ранги батамом дигаре дорад. Агар мусалмонони қишрӣ ва уламову ҳакимон

мӯътақид бар даст наёфтан ва нашнохтани худоянд, орифон мӯътарифанд, ки ҳақтаолоро тавассути тасфия ва тазкияи ботин метавон дарёфту бишинохт ва барои он ки дар ин бора маърифате пайдо бинмойӣ, бояд дил аз ҳама неъматҳои дунявӣ (ва ҳатто уқбой - С.О.) барканӣ. Чунки «мумкин нест ду навъи ишқ дар як қалб биғунҷад» (32, 4). Яъне, лозимаи шинохти ҳақиқат, ба гуфтори орифон, ишқ аст ва муҳаббат бар Худой, ки албатта, он бо иродаи зоти Борӣ ва ба воситаи риёзатҳои зиёд якҷо бо музакко ва мусаффо гардондани дарун ва ботин барои ориф муяссар мегардад. Ҳамин будиши ишқи Ҳақ дар қалб ва равони ориф аст, ки ӯ дар ҳама ашё таҷаллиёти анвори илоҳиро дарк ва эҳсос мекунад, албатта, бо чашми қалб. Ин аст, ки ӯ дар ҳама чиз худойро мебинад ва ҳама ашёро партаве, нуре, заррае аз зоти илоҳӣ дармеёбад. Ориф, чун ба ин дараҷае расид, ки гуфта шуд, ҳуввияти хешро дар аҳадияти Худой мустағриқ мебинад ва дар зоти ӯ фонӣ мешавад ва дар мақоми фанофиллоҳ мерасад. Ин аст, ки ӯ дар ин мақом қоил ва мӯътақид бар «ваҳдати вуҷуд» мегардад. Дар ин ҷост, ки ориф бо истиғроқи лоҳадд дар дарёи вуҷуд, агар ба пешу пас нангарад ва бепарвой бикунад, нидои «аналҳақ» ва «субҳона мо азимушшаъни" дармедиҳад ва асбоби эъдоми хешро дар дасти мутаассибини дӯкондор фаро мениҳад. Дар дарёфти «ваҳдати вуҷуд» ва муяссар бар «фанофиллоҳ» гардидан, ориф салосили инъиқодоти хешро дарҳам мешиканад, аз қайди убудият бурун мебарояд, вуҷуди хешро мустаҳлик ва мустағриқ дар зоти илоҳӣ дармеёбад ва ба эҳсосоти қалбияш ҳисс мекунад, ки дар ӯ улуҳият вуҷуд дорад ва дар ҳолати таҷаллӣ аст. Ин аст, ки дар тахайюл ва тафаккури ӯ инкоре бар гуфтаи уламо ва муташариа тавлид мешавад ва эътиқоди ононро, ки ҳеч чизе ҷуз Худо ҳақиқат надорад, таъдил мекунад ва мӯътақидоти куфргунаву шатҳомези хешро фаропеши онон мениҳад, ки: ҳақиқат танҳо дар Худо нест ва манзур аз ваҳдат- ягонагии танҳо зоти борӣ нест, балки мо, ки партаве аз анвори вайем, низ ҳақиқати ӯем, ки ҳақиқате дорем ва ваҳдат ин аст, ки анвори худовандӣ дар қулуби

мо таҷаллӣ мекунад ва убудияти моро дар улуҳияти хеш ғарқ месозад ва нест мегардонад, яъне моро аз мо мераҳонад ва худоӣ мебахшад.

Даст ёфтан бар ҳақиқати ирфонӣ ба осонӣ муяссар намегардад. Ориф дар он на танҳо вазифае дар назди худ мегузорад, ки чашм аз тамомии неъмати дунявӣ дарҳам бипӯшад, ҳамчунин мекӯшад, ки дар бурун аз ин дунё низ нангарад. Яъне, уқборо низ, ки мақсуд аз он биҳишт ва неъматҳои беҳисоби он аст, сарфи назар бикунад, то ба воситаи ҳамаи ин асбоби ҳиҷоби хешро дар роҳи висол ва ваҳдати ирфонӣ фароҳам наёварад. Ин нукта, ки боре Робиаи Адвия нидо дар дода буд: бадтарини халқ он аст, ки баҳри даст ёфтан бар биҳишт итоати холиқ бикунад (78, 150), ҳамин иддаои урафоро таъйид мекунад.

Ҳамчунин, гуфторе аз урафо боис шудааст, ки мусалмонони қишрӣ ва муташариаи мутаассиб дам аз такфири онон заданд ва бо назардошти ин ки ин гуфтаҳо батамом хилофи шаръанд ва мухаллил дар имон бар аҳадияти худоянд ва ҷуз куфру томоте нестанд, бисёре аз урафоро сазовори эъдом ва илҳод донистаанд. Ҳамин аст, ки ҳанӯз аз даврони пайдоиши ирфон ва тасаввуф орифон ва мутасавифа ҳамвора мавриди лаъни муташариа ва мутаассибин қарор мегирифтанд, ки саргузашти пурмоҷарои Мансури Ҳаллоҷ, Боязид, Шиблӣ, Аҳмади Ғазолӣ, Айнулқуззот... то Ҳилоливу Насимӣ ба ин мисоланд.

Дар асрҳои XVI-XVII ҳам дар Эрони Сафавӣ орифон ҳамчунин шароити номусоид ва нофорамеро бархурд карданд, ки он мунҷар бар фирор ва тарк кардани онҳо аз Эрон шуд. Калими Кошонӣ ҳам, ки машрабе орифона дошт, бад-ин гироишот буд, ки саҳеҳ надонист дар иҷтимои мутаассиби Эрон бошад.

Дар бархӯрди комил бо ашъори Калим, ба вижа ғазалиёти ӯ, ки асоси фикрати ӯянд ва дар ҳамин навъи шеърӣ андеша ва ақидаи ӯ муайян мегардад, метавон бе ҳеч тардиде натиҷа гирифт, ки ин шоир машрабе орифона доштааст, ҳарчанд маълум нест, ки вай дасти иродати пире гирифтааст ё на. Агар ин байти ӯро битавон далеле бар

бепирӣ ё бероҳбарии вай дар тасаввуф ҳисоб кард, ӯ, дар ҳақиқат, иршодгаре дар роҳи маърифати ирфонӣ надоштааст:

*Азбаски дар ин бодиям роҳбаре нест,*
*Хизри раҳи худ мешумарам реги равонро* (8, 88).

Дар нигоҳ ба мӯҳтавои мазомини ахлоқӣ, ҳикматӣ, фалсафӣ ва ишқии ғазалиёти Калим метавон истинбот кард, ки андеша ва ақидаи ӯ ношӣ аз назаргоҳи тасаввуфӣ ва ирфонист. Масалан, дар ин байт, ки мегӯяд:

*Ҳар кас ба қиблае кард рӯйи ниёзи худро,*
*Ҳинду санам парастад, ман сарви нози худро* (8, 100),

ба ҳеҷ ваҷҳе наметавон мавзӯи онро ҷуз аз ишқи ирфонӣ ба дигар навъе аз ишқ илқо кард.

Мавзӯи ишқ ва муҳаббат аз марказитарин ва беҳтарин мавзӯот дар эҷодиёти Калим, хусусан дар ғазалиёти ӯ, ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки шоирии Калим асосан тавассути ҳамин «ишқ» ва «ғами он» ҷилваи дурахшони худро дарёфт кардааст ва агар гӯем, ки ҳамин «ишқ» буд, ки ба шеъри ӯ ва шахси ӯ як ноираи ирфоние ато кард, сухани ботиле нахоҳад буд. Шеъри Калим сухани ишқ аст ва шахси ӯ танҳо ошиқ аст, ошиқи ориф. Бад-ин ҷиҳат, ишқ ва муҳаббати Калим, пеш аз ҳама, ишқ ва муҳаббате ирфонист. Ва бисёр аҷиб хоҳад буд, ки ин шоири баландпоя, бо он ки нимае аз ҳаёти хешро дар дарбор ва ҳатто қадре аз онро дар мансаби «маликушшуаройӣ» сипарӣ кардааст, боз марде ориф аст.

Дар бархӯрди тамом ба мӯҳтавои мавзӯоти ашъори Калим метавон пай бурд, ки шахси ӯ, пеш аз хама, чун марди орифе ҷилвагарӣ мекунад. Ин аст, ки он ишқ ва он муҳаббате, ки шоир аз он сухан мегӯяд, мазмуне болотар ва осмонитар аз онро дорад, ки битавон онро ишқе суварӣ ва «маҷозӣ» ё заминӣ номид. Албатта, наметавон инро ҳам инкор кард, ки ишқи заминӣ ё «маҷозӣ» дар ашъори ӯ вуҷуд надорад ва ноираҳои ҷазаботи ин ишқи маҷозӣ дар андешаҳои ӯ батамом ҷилвагар нестанд. Аммо, бояд қайд

кард, ки дар баробари он ишқи ирфоние, ки сар то интиҳои ғазалиёти Калимро фаро гирифтааст, ишқи заминӣ сурат ва намову ҷилваи худро аз даст додааст. Агар ҳам метавон дар девони ӯ ҷо-ҷо ва гоҳе мафоҳимеро дар заминаи ишқи заминӣ пайдо кард, ин низ баёнгари он нест, ки шахси Калим вобастаи ҳамчунин ишқе буда бошад. Аз қисмати аъзами ашъори дар ин мавзӯъ сурудааш пайдост, ки шоир мубассит ва муқайяд бар ин гуна ишқе набудааст ва шахси ӯ болотар аз он аст, ки битавон гуфт ошиқ ва ё дилдода дар ишқи суварист. Ва ин ҳам, ки ӯ гоҳе ва ҷо-ҷо дар ашъори худ аз ишқи заминӣ сухан мегӯяд, бештар мунҳасир аст ба ишқи ватан, муҳаббати диёр, ғурбат аз сарзамини улфӣ ва фурқат аз пайвандону ақрон, ки дар ҳақиқат онро halметавон ба ишқ ва муҳаббати аслӣ унвонӣ кард. Ишқи урафое чун Калим намиранда ва поянда аст ва чароғи охирату бозхост аст, аммо ишқи маҷозӣ, ба андешаи худи орифон, дар ин дунё миранда аст, чи аз он ному нишоне боқӣ нахоҳад монд, то чи расад ӯро бар дунёи болотар аз он.

Метавон гуфт, он ишқе, ки Калим дар ғазалиёти худ аз он сухан мегӯяд, ишқи заминӣ ва воқеӣ нест, чун дар сар то интиҳои ҳамин навъи шеъриаш, ки аз олитарин анвои ғиноии девонаш маҳсуб мешавад, ноираҳои ишқе ҷуз аз навъи ишқи табиӣ ва маҳсус, ки аз он танҳо метавон ба ишқе мовароуттабиӣ ва илоҳӣ унвон кард, ҷилвагар мегарданд. Чунончи шоир дар ин байт, бидуни шак, ишқи илоҳиро сабаби «ҷилваи зуҳур», яъне хилқати инсоният шумурдааст:

*Ошиқ ба нури ишқ кунад ҷилваи зуҳур,*
*Бе офтоб зарра ҳувайдо намешавад* (8, 199).

Чунонки мебинем, ишқе, ки дар байти мазбур сабаби офариниши инсон маҳсуб дониста шудааст, ҳамон аст, ки Хоҷа Ҳофиз дар байти зер мегӯяд:

*Дар азал партави ҳуснат зи таҷаллӣ дам зад,*
*Ишқ пайдо шуду оташ ба ҳама олам зад* (25, 144).

Мусалламан, ишқи Хоҷаро касе наметавонад инкор бикунад, ки осмонӣ ва илоҳӣ нест.

Калим худ низ гоҳе дар байни ин ду ишқ тафриқа мегузорад. Барои ӯ ишқи «маҷозӣ» ҳавасе беш нест, ки дар паяш батолате дорад. Ба андешаи ӯ, ишқи «ҳақиқӣ» - »зоришинос» будан аст ва маънии зорӣ аз истилоҳоти мутасавифа муноҷот бар боргоҳи борист, яъне илтиҷои ориф дар шабзиндадориҳои ӯст. Гиря ва зорие, ки ошиқи маҷозӣ, яъне ҳаваскорон мекунанд, обе беш нест, чун онон дар тааллуқоти нафсонии хеш мунҳасир мондаанд ва дили онҳо фусурда аст ва мунаввар аз алтофи илоҳӣ ё ишқи ҳақиқӣ нест. Ин дар гиряи ошиқони ҳақиқӣ аст, ки сузу гудоз ҷой дорад:

*Ишқ аз ҳавас ҷудо куну зоришинос бош,*
*Дар гиряи фусурдадилон об дохил аст* (8, 146).

Шояд ин байти ӯ ишорае низ ба мусалмонони қишрӣ, аз ҷумла зоҳидон бошад, чун дар назари орифон ин тооту ибодоти зуҳҳод, ки мақсуд аз он даст ёфтан бар наамоти биҳиштист, ҳирсу оз ва ҳавасе беш нест. Ба андешаи орифон, тооту ибодоти зиёд соликро дар банди тааллуқот во медорад ва дили онҳоро аз Холиқ тира ва бокудурат мегардонад. Аз ин ҷиҳат аст, ки ишқи Калим намои ғайритабиӣ, яъне ишқи ҳақиқиро бар худ касб мекунад, чаро ки дар он ҳирсу оз ва ҳавасе ҷой надорад. Ин ишқест, ки сарчашмааш муҳаббати илоҳӣ буда, бурун аз ҳадди тавсиф мебошад. Маъшуқи азалӣ ташрифоти худро на ба ҳар бандааш мушарраф ва арзонӣ медорад. Ин ишқ шаръи хоссаи худро дорад ва аз он набояд бар сари ҳар маҳфиле сухан ронд ва асрори маъшуқро набояд бар сари ҳар кӯе ифшо кард. Чаро ки қаҳру итоби маъшуқ бад-ин васила фароҳам хоҳад омад, ки бас мӯҳлик аст. Ин маъшуқ на онест, ки битавон бо сухани фораму чизе хуш қаҳри ӯро таскин дод. Агар ошиқон табъи нозофарин ва қаҳролуди ӯро ба чизе харида метавонистанд, оё Мансури Ҳаллоҷ аз ин варта ҷони худ ба саломат намебурд? Ва оё на «Он ёр, к-аз ӯ гашт сари дор баланд, Ҷурмаш он буд, ки

асрор ҳувайдо мекард?» (25). Ин ишқи ҷонфарсо, ки дар он ҷуз аз хун хурдан дигар чизе ҷоиз нест, шариате дорад сахт ботаассуб, ки ин аст: адами кӯшиш ва ғайрат дар дам задан аз асрори он:

*Ҳаст дар шаръи муҳаббат расму оине дигар,*
*Хӯрдани хун ҷоиз асту дам задан дастур нест!* (8, 132)

Дар ҳамин нуқта аст, ки ишқи Калим ва дигар орифон аз ишқи маҷозӣ инфисоли худро пайдо мекунад. Агар хотимаи ишқи зоҳир ҳама шодкомиҳо ва ҳаёте масарратпазир бошад, интиҳои ишқи орифон сӯзу дарди зиёдтар ва марг аз ин дунёст. Ошиқ дар ин ишқ ҳамон вақте ба маъшуқи хеш даст хоҳад ёфт, ки аз ин ҳаёт батамом даст бишӯяд, чаро ки висоли ҳақиқиро метавон танҳо дар он дунё ба даст овард: чун сӯзу гудози ошиқ дар ин дунё каронанопазир аст:

*Ба роҳи ишқ, ки ҳаргиз ба сар намеояд,*
*Ба ғайри гум шудан аз роҳбар намеояд* (8, 239).

Ин аст, ки орифи ошиқ зиндагонии худро дар ин дайри дудар ҳамвора якҷо бо яъсу навмедӣ ва андӯҳу шикастагӣ мегузаронад. Ӯ ба воситаи сафое, ки аз таҷаллиёти анвори маъшуқ дар қалбаш ҳосил кардааст, ин ҳама маъюсиву шикастагиро, ки аз ғурбат ва фурқат ҳосил кардааст, бардошт мекунад.

Ӯ медонад, ки он чи аз неку бад дар дафтари сарнавишти вай мастур омада, ҳама бо дархости Худованд аст ва бар хилқат набояд алами норизоият барафрошт, зеро ки ин дар мазҳаби ишқ куфр ва бевафоие беш нест. Дар вафои ёр Мансур ва Насимӣ бояд шуд, ки санги ситамро бар бевафоӣ ихтиёр кардаанд. Ин аст, ки Калим бо як мардонагие ба амсоли соликони дилбохтаву сарсупурдаи маломатия нидо дармедиҳад:

*Ошиқи дилбохта бок надорад, Калим,*
*Санги ситам, гӯ бибор, шиша чу дар бор нест* (8, 128).

Калим, гӯйӣ, ба ҳангоми эҷоди байти боло дар марҳалаи талаб, ки аз аввалин мароҳили ҳаштгонаи асфори мутасавифа ва урафо ба шумор меравад, қарор доштааст. Ин марҳала, ончунонки Маҳдии Тавҳидипур нигоштааст, «иборат аст аз маърифат ба ҳақ ба далел ва виҷдон,...гом дар ин роҳ тавъам бо ранҷи бисёр ва мусталзими кӯшиши фаровон аст» (78, 114). Дар ин марҳала маъшуқи азалӣ аз орифи ошиқ сӯзу дард ва азобу шиканҷа талаб мекунад, то дар тақвияти имон ва вафо маъшуқ ӯро биозмояд, то иродат ва боварии маъшуқро фароҳам биёрад ва шарафманд гардад, то анвори ишқ дар қалби шӯридаи ӯ таҷаллӣ бикунад. Ин аст, ки Калим ҳамвора дар дили худ завқи талабро доштааст:

*Ҳеч гаҳ завқи талаб аз ҷустуҷӯ бозам надошт,*
*Хӯшачин будам ман он рӯзе, ки хирман доштам* (8, 268).

Шояд ҳамин завқи талаб, яъне дархости муҷозоти маъшуқ ва азобу шиканҷаҳои ӯ, ки мунтаҳӣ ва мунҷар бар танаввури таҷаллиёти зот дар қалби ориф мегардад, боис шудааст, ки Калим дар ҳаёти шахсии худ ва дар сохтмони беҳзистии хеш он қадар ҳам кӯшишу пофишонӣ накардааст ва зиндагонии фақиронаву хоксоронаро бар тафреҳоту хушиҳои ҳаётӣ риҷҳон ниҳода будааст. Ӯ дар ҷое гуфта, ки дар роҳи ишқ, агар метавонӣ, аз хеш бигзар:

*Дило, бори вуҷуд аз хеш афкан,*
*Дар ин раҳ коре охир пеш афкан* (8, 295).

Чаро ки бори вуҷуд низ алоиқ ва ҳиҷоби роҳ аст ва ин ғубор ва саддест барои дидани чеҳраи ҷон, ончунонки Хоҷа Ҳофиз мефармояд:

*Ҳиҷоби чеҳраи ҷон мешавад ғубори танам,*
*Хушо даме, ки аз ин чеҳра парда барфиканам* (25, 160).

Аммо, тарки вуҷуд гуфтан ҷуз аз тарки ҳаёт, яъне ихтиёри марг, дигар чорае надорад!

Ориф ва сӯфӣ, ки тамомии ранҷҳо ва шиканҷаҳои маъшуқро мутаҳаммил аст ва аз маъшуқ бар болои ин та-

лабгори муҷозот аст, дар ин роҳ тарки вуҷуд ва маргро ҳам нишоне аз ҳақорат дар ишқи маъшуқ мепиндорад ва ҳатто қабули онро нишони пастиву залолат ва гадоӣ дар баробари аҷузаи дунё мепиндорад. Аз ҳамин нуқтаи назар аст, ки Калим мефармояд: «Маҳоҳ марг, ки хоҳиш ба ҷуз гадоӣ нест!» (8,118).

Ба ин ҷиҳат аст, ки ошиқ бо он ки ихтиёри марги ҷисмониро нишоне аз ҳақорат ва бевафоию гидя медонад, марги дигареро қабул дорад, ки бас сангинтар аз аввалӣ аст ва ин марг миронданн нафс ва рӯҳ аст аз ҳар чи, ки ранги тааллуқ пазирад.

Дар асри IX сӯфии шӯридае ба номи Ҳотами Асамми Балхӣ мезист, ки қабули чаҳор навъи маргро бар ошиқони Худой арз дошта буд:

1. Марги сафед, яъне гуруснагӣ
2. Марги сиёҳ, яъне бурдборӣ дар ҳангоми парешонии рӯзгор
3. Марги сурх, яъне тасаллут бар шаҳавоти нафсонӣ
4. Марги сабз, яъне пӯшидани либоси хашан ва забар (32, 4).

Бе ҳеч шакку шубҳа зиндагонии орифон ва сӯфиён аз рӯйи ҳамчунин қавонине сангин мудовамат мекард.

Ҳамин аст, ки Калим аз дидгоҳи ирфонии хеш талқин мекунад, ки ин ҷаҳон аз наамоти худовандист, ту дар он ифтихори меҳмонӣ дорӣ, бинобар он муқайяди он мабош, фиреби ин боғи ҷаҳонро махӯр! Туро, ки худоят болу паре ато карда ва озодият бахшидааст, оё дар банди ин аҷузаи даҳр будан равост?:

*Дар кӯйи дӯст бошу муқайяд ба ҷо машав,*
*Парвонаро ба боғи ҷаҳон ошён куҷост* (8, 138).

Зиндагонии Калим намогари рӯшанест аз тарки тааллуқот гуфтани ӯ; ӯ то вопасин лаҳазоти умраш ҳаёте фақргунаро ихтиёр карда буд. Дар ҷо-ҷо аз ашъори шоир маълум мешавад, ки ӯ айшҳову шодкомиҳои ҷавониро ба ҷиҳати «ишқ» тарк гуфта будааст:

*Огаҳ аз айши ҷавонӣ нашудам дар ғами ишқ,*
*Ҳамчу он ид, ки бар мардуми зиндон гузарад* (8, 173).

Метавон байти мазбурро далеле бар ишқи ирфонии Калим ҳисоб кард, зеро ӯ дар ҳеч ҷое аз ашъори худ, ақаллан байте, ки нишондиҳандаи ишқи воқеии ӯ бошад, надорад. Аз ин ҷо метавон натиҷа гирифт, ки Калим ҳанӯз аз айёми ҷавонӣ дар роҳи ишқи ирфонӣ гом ниҳода будааст.

Аз як байти шоир маълум мегардад, ки Калим мушарраф бар «водии ҳайрат» ҳам гаштааст, ки аз мароҳили шашуми солик дар ишқи ирфонӣ аст. Ҳайрат ва ё сукр барои солик ҳангоме даст медиҳад, ки қалбу дили ӯ батамом аз алоиқ канда шавад ва ишқу муҳаббат дар вай ончунон ҷой гирад ва вуҷуди ӯро мусаллат созад, ки бар қувваи инсонию нафсонияш чира гардад. Дар ин ҳолат аст, ки ориф аз фарти бехудӣ мутаҳайир ва саргардон мемонад ва намедонад чи коре бикунад ва ӯ «медонад ва намедонад, мебинад ва намебинад, намедонад дар хоб аст ё бедорӣ, на сабри фироқ дорад, на шикеби дидор ва он чи омӯхта ва андӯхта, аз даст медиҳад. Дар ин вақт солик худро фаромӯш намуда ва шабу рӯз дар оташи иштиёқ ва ҳасрат месӯзад ва орому қарор аз дасти вай салб мегардад ва намедонад чи кунад ва ваҷду тараб эҳсос менамояд. Солик, пас аз таҳаммули заҳамоти бисёр ва риёзоти фаровон, мумкин аст мавриди раҳмати ғайримутаноҳии Ҳақтаоло воқеъ гардад ва аз ин дарёи ҳайрат ва ин гирдбоди бало раҳоӣ ёбад ва аз худ бегона ва ба Ҳақ ошно шавад» (78, 128). Яъне, ончунон ки худи Калим мегӯяд, ошиқ дар ин водӣ ба он ҷое мерасад, ки солҳо дар орзӯи он буд ва солҳо фурқати онро мекашид:

*Ошиқ аз ҳайрат дар ин водӣ ба ҷое мерасад,*
*То нагардад роҳ гум, кай раҳнамое мерасад* (8, 192).

Дар ҳамин водӣ аст, ки иттиҳоди ориф ба Ҳақ фароҳам оварда мешавад ва Ҳақтаоло ба анвори субҳонияш дар қалби ориф мутаҷаллӣ мешаваду ӯро нуронӣ ва субҳонӣ

мегардонад. Чун ориф чунин ташрифотеро аз Ҳақтаоло дар худ эҳсос кард, бар ҳолате ҷунунӣ, ки худи онон ба сукр ва ҳайрат таъбираш кардаанд, дучор мегардад ва ба он ноирае, ки дар рӯҳ ва қалбаш мутанаввир гашта, худро дар мақоми улуҳият эҳсос мекунад ва вуҷуди хешро батамом мустағриқи вуҷуди лоязолӣ ва ломутаноҳӣ мебинад. Дар ҳамин ҳолат аст, ки ӯ он чи мегӯяд ва он чи рафтор мекунад, на бо хости ӯст ва на аз ҷониби ӯст. Агар ӯ натавонад дам даркашад, аз мақоми улуҳият сухан мегӯяд. Он «аналҳақ» гуфтани Мансури Ҳаллоҷ, он нидои «субҳони мо азимушшаъни»- дардодани Боязид, он «Бода аз мо маст шуд, не мо аз ӯ, Қолаб аз мо ҳаст шуд, не мо аз ӯ»-и Мавлавӣ ва он «Дӯш дидам, ки малоик дари майхона заданд»-и Хоҷа Ҳофиз, бе ҳеҷ шакке, фарооварди ҳолати ҷунунии сукр ва ҳайрат аст.

Пас аз ин лаҳзаи, ба қавли устод Абдулҳусайни Зарринкӯб, «зудгузари камдавом» (37, 38) ғайрат ва ҷасорати ориф зиёда мегардад ва ба хотири дастёбӣ бар он лаҳза ҳар шабу рӯз роҳи қурб ва висол мепояд ва аз он дар андӯҳ аст, ки ин иттиҳоди ӯ бо маъшуқаш ба зудӣ рафъ гаштааст ва аз он изҳори надомат мекунад:

*Ҳарфи шаби висол, ки умраш дароз бод,*
*Кӯтаҳтар аст аз он ки зи дил бар забон рассад* (8, 231).

Дигар ӯ парвое аз ҳаводис надорад. Ӯ, ки боре хешро дар мақоми улуҳият дарк кардааст, аз ҳеҷ хотире хавф намепазирад. Аз ин ҷост, ки Калим мегӯяд:

*Дар раҳи ишқ, ки обаш хуну хокаш оташ аст,*
*Меравам сар дар ҳаво, то пойи ҷуръат меравад* (8, 265).

Бояд гуфт, ки байти боло бар мисоли шатҳгуна аст ва нишондеҳи ҷиддият ва устувории бебозгашти Калим дар ишқи Ҳақтаолост, ки фарооварди он ҳамон ҳолати ҷунунии мазкур аст. Дар ҷое дигар Калим қалби худро дар баробари Каъбатуллоҳ ном мегирад ва бо гунае шатҳомез мегӯяд: ончунон ки Каъба барои асбобу олот нест, ин дили ман низ барои симу зар нахоҳад буд. Албат-

та, ин гуфтаи шоири орифро наметавон сухане кофирона ва мушрикона талаққӣ кард, чун дар бисёрие аз ашъораш ӯ нишон додааст, ки қалби ӯ мунаввар аз таҷаллиёти улвӣ гаштааст:

*Дил агар бувад махзан, нест баҳри симу зар.*
*Каъба хона аст, аммо на баройи асбоб аст* (8, 141).

Бояд гуфт, ки дил ва қалб дар назди орифон мақоми Каъбаро дорад, ба он сабаб ки он маҳалли муноҷот аст дар баробари Худо ва ҷойгоҳи иттисоли ошиқ аст бо маъшуқи азалӣ, ки ин иттисолро орифон ба «висол» таъбир кардаанд. Ин ки Шайх Саъдӣ гуфта: «Каъба чӣ равӣ, бирав дилеро дарёб», мисоле аз ҳамин улвият ва улуҳияти дил аст, албатта, дар иртибот бар маърифати ирфонӣ, ки ин маъниро Калим ҳам дар киноят аз «бӯстон» фаро оварда, дар он ҷое, ки мегӯяд: илоҷи ориф дар ишқи ӯ сайри бӯстон нест, яъне зиёрати Каъбатуллоҳ:

*Илоҷи ошиқи дилгир сайри бӯстон нест,*
*Ба чашми тангдилон ғунча кам зи пайкон нест* (8, 112).

Аз дидгоҳи қалбии орифонаи шоир, ошиқ маъшуқро бояд, қабл аз ҳама дар каъба ва парастишгоҳи дилаш зиёрат кунад, то зиёрати Хонаи Худо, ки назди онон намое аз зоҳирпардозист. Калим ин дили орифонаи худро дар ҷое чунин зебо тавсиф кардааст:

*Хилвати васли туро маҳрами маҳрум дил аст,*
*Чанд аз базми ту берун раваду ҷо гирад* (8, 230).

Оё касе аз ин сухани Калим зеботар таъриф ниҳодааст ин дили ошиқро:

*Мурғи дилам, ки рӯшан аз ӯ чашми дом буд,*
*Куштӣ ба ин гуноҳ, ки бе дона ром буд* (8, 233).

Калим мисли дигар орифон мартабаи улвии дилро қоил аст ва бовар дорад, ки дил махзани таҷаллиёти анвори илоҳӣ ва маҳалли ишроқи ишқи ӯст. Низ бовар дорад, ки ин ишқ номиро ва поянда аст. Ҳамин аст, ки ӯ ишқро бар

оби зиндагонӣ ё оби ҳаёт, ки мӯҷиби умри ҷовидон аст, тарҷеҳ медиҳад ва аз он ба унвони «оби ҳаёт» ном мебарад. Ба ҳамагон талқин мекунад, ки аз ин муҳит матарсед, ки шуморо ғарқ нахоҳад кард, балки касе ба он ғарқ хоҳад шуд, ки дар канори он бо нобоварӣ истодааст; чун намедонад, ки дар андар омадани он умри ҷовидонро ҳосил хоҳад кард ва пай намебарад, ки «қатра бо дарёст, дарё шавад». Касе дар ин муҳит ғарқа хоҳад шуд, ки огоҳ нест аз он ки «Ҳаргиз намирад он ки дилаш зинда шуд ба ишқ...»:

*Муҳити ишқ ҳама оби зиндагист, матарс,*
*Касест ғарқа, ки ӯ дар канор мемонад.*
*Ба роҳи ишқ, ки уфтодагист раҳбари ӯ,*
*Пиёда меравад, аммо савор мемонад* (8, 321).

Ин сухан бисёр аҷиб, аммо дуруст аст.

**Фалсафаи ирфон дар ашъори Калим**. Тафсири ҳастӣ дар фалсафаи ирфонӣ, ки иборат аст аз тафсири Худо, ҷаҳон ва инсон, аз муҳимтарин бахшҳои маърифати урафо ба шумор меравад. Назаргоҳи ирфон ва ориф бар Худо ва офаринишу хилқати он бас амиқтар ва бас фарохтар аз назаргоҳи диёнатҳо ва фалсафаҳост. Чаро ки ҳама адён ва макотиби фалсафӣ дар арзишгузорӣ ба ҷаҳону офаридгори он ва хилқат дар банди чаҳорчӯби ақоиди хеш муқайяд мондаанд. Аммо шуарои форсизабоне, ба монанди Мавлавӣ, Шайх Маҳмуди Шабистарӣ, Хоҷа Ҳофиз ва Калими Кошонӣ дар маърифати фалсафии Худо, ҷаҳон ва инсон биниш ва назаргоҳе, ки доранд, иборат аз фароҳам овардани ҳақиқати ҳама ақоид ва ҳама адён аст. Ба ин ҷиҳат, фалсафаи онҳо мутаҷаззӣ ва чаҳорчӯбиву маҳдуд нест, чун онҳо ҳақиқати ҳама адёну фалсафаро ҳурмат мениҳанд ва ақоиди мустаҳсани ҳар кадомро истиқбол мекунанд ва аз манобеъи фалсафии худ эътироф менамоянд.

Ин аст, ки муҳаққиқини ирфон ва тасаввуфи исломии эронӣ бар онанд, ки фалсафаи ирфон баҳаморандаи панҷ фалсафаи дунёст, аз қабили:

1. Зӯҳд ва тасаввуфи исломӣ
2. Раҳбонияти масеҳиён
3. Фалсафаи Эрони Бостон ва афкори Монӣ
4. Фалсафаи Юнони Бостон ва афкори афлотуниёни ҷадид
5. Фалсафаи Ҳинди Бостон ва афкори Буддо (78, 103; 33, 4-15).

Аз ин ҷиҳат, тамомии назариёт ва амалиёти орифон ва мутасаввифа дар атрофи ҳамин ақоид ва фалсафаҳо давр мезананд ва дар ковиш аз ҳамаи онҳо ҳақиқатеро барои худ пайдо мекунанд. Аз ҳамин нуқтаи назар аст, ки Хоҷа Ҳофиз мегӯяд: «Ҷанги ҳафтоду ду миллат ҳамаро узр бинеҳ…»

Фалсафаи ирфони Калим низ аз ҳамин чаҳор-панҷ асл сарчашма гирифтааст, ки дар шиносоӣ бо ақидаи фалсафии ӯ метавон бар тасдиқи ин фикр эътимод кард. Калим, ончунон ки аз ақоиди ирфонияш бармеояд, аз бисёрии афкори фалсафӣ огоҳии хубе доштааст. Ӯ, ки дар даврони салтанати Шоҳиҷаҳон мезист, муҳити иҷтимоии он давр боис шудааст, ки вай афкори фалсафии бисёре аз диёнатҳоро биомӯзад, зеро ки салотини темуриён то Шоҳиҷаҳон ҳама озодманиш ва демукротиталаб будаанд ва ба ин васила ба ҳама ойину кешҳо ҳурмат мениҳодаанд ва доираи интишору омӯзиши онҳоро вусъат дода буданд.

Ба ин ҷиҳат, таъсири ақоиди кешу ойинҳои гуногун, ончунон ки дар андешаи орифони мутақаддими Калим нақши боризе гузоштааст, дар афкори фалсафии ӯ ҳам таъсире намоён дорад, ки қобили таваҷҷӯҳ ва бозгӯӣ аст.

Худо дар маҳалли арзишгузории Калим аз дидгоҳи ирфонии ӯ баҳо гирифтааст. Бояд гуфт, ки имони Калим ва ҳадди бовари ӯ бас болотар ва жарфтар аз мусалмонони қишрӣ ва уламову фақеҳон ва мутакаллимон аст. Чаро ки инон дар қалби худ бо он ки бар Худо ва офаридгории ӯ имони комил доранд, ӯро обидона мепарастанд ва дар баробари зоти Борӣ чун бандае муқайяд қарор доранд ва ӯро орӣ аз шинохт ва худро муарро аз дарёфти ӯ мепиндоранд, ки аз ин ҷиҳат зоти ӯро бо сифоте чун қаҳҳор ва

ҷаббор ва ҷуз инҳо ном мегиранд ва асбоби дастнорасӣ ва нашнохтании худоро дар дасти худи ӯ месупоранд.

Аммо Худойи Калим, ки ношӣ аз ирфон ва назаргоҳи ишқии ӯст ва ношӣ аз таҷаллиёти анвори худист дар қалби ошиқи ӯ, дар биниши қалбии ӯ шинохти дигартаре дорад. Калим бар Худо аз нуқтаи болотаре назар медӯзад ва биниши ӯ монанди фақеҳон, уламо, мутакаллимон ва дигар мусалмонони қишрӣ аз назаргоҳе обидона сурат намепазирад. Ӯ, ки дар дил ишқе дорад, Худойи худро бо назари ҳамин ишқ аз дидгоҳе ошиқона парастиш мекунад. Ин аст, ки Худой дар дили ӯ чун ҷаббор ва қаҳҳор ҷой намегирад; ӯ, ки ӯро на ҳамчун ҷаббор ва қаҳҳор мепарастад ва ӯ, ки худро на дар бандагии тамом эҳсос мекунад.

Калими ориф бо шинохти ошиқонаи хеш худоро дар қалби худ, ки мунаввар аз таҷаллиёти субҳонист, дарёфт мекунад; ӯ ба завқи ишроқи ишқ дарёфта, ки Худой дар осмон нест, яъне ломакон аст:

*То кай, эй сар дар ҳаво, дар осмон ҷӯйӣ Худо»,*
*Завқи аз боло нишастан нест соҳибхонаро* (8, 101).

Ин аст, ки ӯ Худойро дар қалби хеш мепарастад ва ин қалб миёнҷиест дар ишқ байни банда ва Худо. Агар банда рӯҳ ва ҷисми хешро аз тамомии палидиҳо ва нопокиҳо тасфия диҳад, яъне аъмоли бади ҳайвоние, аз қабили хоҳишҳои шаҳвонӣ, бисёрхорӣ ва ситамгариро аз вуҷуди хеш дур созад, қалби ӯ ба иродаи Худой мунаввар мегардад ва офаридгор бо ин бандааш тақарруб меҷӯяд.

Як чизе, ки таълимоти ирфонии орифонро, аз ҷумла Калимро аз тарзи фикри дигар макотиб мумтоз мегардонад, ҳамин эҳсоси банда дар худ аз танаввурот ва таҷаллиёти илоҳист. Ҷомиаи ғайриирфонӣ, бо он ки худоро дар дилу ҷони хеш мепарастанд, бо ӯ ҳеч гуна тамос надоранд, чун тоот ва ибодоти онон аслан иборат аст аз даст ёфтан бар наамоти ухравӣ ва раҳоӣ аз мушкилоту заҳамоти тоқатфарсои он, яъне танҳо умед бастан бар подоши илоҳӣ. Аммо, орифон бар хилофи онҳо он ҳама заҳамотеро, ки дар адои маросими динӣ ба анҷом мерасонанд, онро асосан

ҷиҳати дастёбӣ бар висоли маъшуқи азалӣ ба амал меоранд. Ин аст, ки онон бо таҷорибi рӯҳонӣ ва заҳамоти ҷисмонии зиёд дарк кардаанд, ки Худойро метавон дар ҳамин дунё ҳам тамос гирифт ва ба худ овард, чунки худой худ дар китоб бар бандааш эълом дошта, ки ман аз раги гардан бар бандаи хеш наздиктарам.

Аз як байти Калими ориф фаҳмида мешавад, ки ӯ дар боби шинохти Худой ба унвони маъшуқи ирфонӣ, ҳамин андешаро доштааст:

*Гарчи хорам, иззатам ин бас, ки дар байъи ниёз,*
*Медиҳӣ худро ба ман, то ин ки бистонӣ маро* (8, 90).

Ба ин маънӣ, шинохти орифон, аз ҷумла Калим, аз офаридгор на ба тарзи шинохти ҷомиаи ғайриирфонист. Ориф он ҳама мутобиат ва адои маросими бандагие, ки мекунад, аслан на ба он ҷиҳат аст, ки бар наамоти ухравӣ, яъне биҳишт, оби таҳур, шароби кавсар, ҷӯйи ширу қасрҳои муҷаллал ва амсоли инҳо даст ёбад, балки баройи он аст, ки бар худи Худо даст ёбад, чун биҳишту наамоти нотакрори он барои ориф маъшуқи ӯсту бас. Калим мегӯяд, ки тоати муқайяд дар тааллуқот, ки барои ориф тамаъи подоши ухравӣ низ мебошад, тоати беҳуда ва абас аст:

*Бе қатъи тааллуқ абас аст ин ҳама тоат,*
*Сар, то набурида- ст, аз ӯ саҷда раво нест* (8, 140).

Ҳамин аст, ки барои ӯ найл бар моликулухро ё моликуддин назар ба наамоти ухравӣ бештар аст. Аз ин ҷост, ки шоир бо он ки медонад кишвари вуҷуди адам танг нест ва бекарона аст, боз онро тангно мегӯяд, ба ҷиҳати он набудани рағбате, ки дар ниҳоду тинати ӯ нисбат ба он ҷой доштааст:

*Чун кишвари вуҷуди адам гарчи танг нест,*
*Осудатар касест, ки ҷо бештар гирифт* (8, 152).

Албатта, ин ҳасрати висол ва завқи талаб аст, ки рағбат ва хоҳишҳои ухравиро аз дили Калим ба яксӯ мениҳад. Ӯ,

ки мехоҳад нафси дании хешро на ошиқии ҷоҳ, балки бандаи ишқ бубинад, ба ҳеч ваҷҳе хостгори тақайюдоти ухравӣ нест. Аз ин ҷост, ки дунёву охиратро ду нақши по хондааст:

*Дунёву охират ба роҳи ӯ ду нақши пост,*
*Дилбастагӣ ба нақши қадам дилпазир нест* (8, 132).

Қабули ин гуна ақоид дар боби охират бар мусалмонони ғайриориф ва ғайрисӯфӣ, ки бо маърифати ирфон ва мутасавифа ошноӣ ё дурусттар дилчаспӣ надоранд, бас сангин ва мушкил аст, чун дар худ наметавонанд тасаввур бикунанд, ки ориф баройи чӣ ва дар кадом ҳолате ин гуна калимотро аз хештан бурун мекунад, калимотеро, ки мӯҷиби такфири соҳиби он ва суизанни атрофиён мегардад. Калим боре ба як инҷизоботи қалбӣ дӯзахро ба хотири васлат дӯст доштааст, ки мегӯяд:

*Гар аҳли ризо роҳ ба фирдавс наёбанд,*
*Дар дӯзахашон шӯъла кам аз нур набоша* (8, 166).

Ин аст, ки ӯ ба андешаи шаккоконае мегӯяд, ки рӯзи маҳшар - рӯзи растохези мурдагон бозгашти ҷони ман ба танам танҳо барои дидори Ту(Худо)- ст:

*Рӯзи маҳшар бозгашти ҷон ба тан аз шавқи туст,*
*Варна мискин умри мо ин тангноро дидааст* (8, 105)

Масъалае дигаре, ки пиромуни он низ чанд сухан гуфтан лозим меояд, тафсири ҷаҳон аз дидгоҳи ирфонии Калим аст. Маъруфи Кархӣ - сӯфии асри IX-и Хуросон боре гуфта буд: «Банда меҳмони Худо дар ин ҷаҳон аст» (32, 4). Ин мардони бузург дар «меҳмонии банда» чӣ гуфтан мехоҳанд? Чаро онон бо ин ҳама маърифати фаровон дунёро ин қадр бад мебинанд ва бо он ки қисмате аз аъзами онон метавонистанд дасти хуши ин аҷузаи дунёро ба даст оранд, аз баҳри он гузаштаанд?

Аз суханони дар боби дунёву ҷаҳон баён кардаи Калими Кошонӣ маълум мегардад, ки ӯ дидори хуше ба он надоштааст, чун дар ҳама ашъоре, ки ба ин мавзӯъ бахши-

дааст, ҳамеша ин «аҷузаи ҳазордомод»- ро носазо ва нораво гуфтааст ва дар ҳама ҷойи ашъораш таъкид бар тарки он кардааст. Ӯ дунёро барои худ бисёр танг мебинад ва онро мисли хонае медонад, ки шабоҳат бар хонаи занҷир дорад ва чаҳор тарафаш бастааст, ки дар он уммеди фароғат нест:

*Якест хонаи занҷиру хонаи дунё,*
*Дар ин ду хона фарогат насиби меҳмон нест* (8, 113).

Албатта, ин тангної ва тақайюд барои он даста аз соҳибназарон маълум гашта, ки маърифати дунёро дарк кардаанд. Вагарна ин дунё барои афроди гумроҳ ва ҷоҳилу ситамгар бас фарох аст, ки дар он фароғат ва осоиштагие доранд ва ҳамеша бар коми онон мегардад ва ҳар яке аз онон ӯро арӯси худ мепиндорад ва ҳар рӯзе бо ӯ иде доранд:

*Бо ситамгорони гетӣ бад намегардад сипеҳр,*
*Иди қурбон аст доим хонаи қассобро* (8, 128).

Ин тавофуқи аҷузаи дунё бо мардуми ситамгар ва ҷоҳилу дун Калимро рӯҳан андӯҳгин месозад ва ин ҷаҳонро дар назари ӯ тамоман тира мегардонад. Ҳамин навмедӣ аз сипеҳри дун сабаб щудааст, ки ӯ тарки тааллуқоти вай мегӯяд. Ба андешаи орифонаи шоир, дунёву тааллуқоти он садд ва ҳиҷобе дар роҳи висол ва қурбати маъшуқи азалист ва ӯ аз ҳамин ҷиҳат таъкид мекунад:

*Бикан либоси тааллуқ, ки хори водии қурб,*
*Гирифта домани девонае, ки урён аст* (8, 128).

Ягона роҳе ҳам, ки мӯҷиби муваффақияти ҳар фарди соҳибназар мегардад, тарк гуфтани тааллуқоти на танҳо дунявӣ, ҳамчунин тааллуқоти худист, ки ба як сӯ ниҳодани он марди ориф ҳама мушкилотро низ бо ба як сӯ мениҳад:

*Гар зи хеш мегузарӣ, ҳар чӣ ҳаст мегузарад,*
*Пой чун зи сар кардӣ, баҳри ишқ поёб аст* (8, 141).

Тарки алоиқ ва наамоти ин дунё на танҳо мӯҷиби ғамозодии ориф мегардад, зиёда аз ин, боис бар дидавартар гаштани ӯ хоҳад шуд:

*Чашм аз ҷаҳон кӣ баст, ки он дидавар нашуд,*
*Қатъи назар кӣ кард, ки соҳибназар нашуд* (8, 166).

Бинобар ин, чашми инсон ҳар қадр ба рӯйи ин сипеҳри дун боз аст, ба ҳамон андоза биноии худро аз даст медиҳад ва қалби ӯро мамлу аз кудуратҳои нафсонӣ мегардонад. Дидаи ориф ҳар қадр бар дунёву алоиқи он боз бошад, ба ҳамон андоза роҳи нури худоиро аз қалби ӯ баста мекунад. Аз ин рӯ, Калим мегӯяд, ки солики роҳи ҳақ он фавоидеро, ки аз тарки алоиқ ва хостаҳои нафсонӣ ёфтааст, ин миқдор фоидаро бемор аз парҳез ҳам пайдо намекунад, чун бемор бо он ки парҳез медорад, боз ҳам дар банди нафс аст. Аз ин ҷиҳат, назди ориф дарёфти неъмат аз даст додани сармояи алоиқи нафс ва тааллуқоти дунявӣ аст:

*Назди мо суди сафар сармоя аз даст додан аст,*
*Роҳи мо ноамн хоҳад шуд, чу бе роҳзан шавад* (8, 171).

Бо он ки солик ба тарки алоиқ ва тааллуқот гуфтан аз неъматҳои ин дунё маҳрум мемонад, ба ивази он неъматеро дарёфт хоҳад кард, ки рӯҳи ӯро ҳама умр мунъим ва қалби ӯро ҳама вақт нуронӣ медорад ва ин неъмат биҳиштеро дар ин дунё ба ӯ фароҳам меоварад. Ин неъмат неъмати лоқайдӣ ва озодист:

*Имрӯз дар биҳиштӣ, агар бе тааллуқӣ,*
*Ҳаргиз карим ваъда ба фардо накардааст* (8, 150).

Чун одамӣ бо пок ва мусаффо гардондани рӯҳ ва қалби хеш метавонад неъмати олами нурониро аз иродоти илоҳӣ ба даст оварад, пас дар такопӯ ва дар ҳасрати неъматҳои ин дунёи дун ва бахил ба ину он тараф қадам мондан чӣ ҳоҷат аст. Шахси огоҳ ва сафӣ набояд миннати ин аҷузаи даҳрро бикашад, ин аҷузае, ки ҳар он чи ба фарзандони

гумраҳи худ медиҳад, фардои наздик ба арзи миннат онро бозпас мегирад. Чунончи, шоир мегӯяд:

*Пушти тоқат хам гирифт аз миннати пироҳанам,*
*Аз таносойист, гар девона урён мешавад* (8, 160).

Ин дунё дар баробари мардони мустаид бахилӣ дорад, аммо аҳли дунёро дӯст медорад. Ҳамин аст, ки ҳама ҷо мунъимест, аз дунё хушнуд аст, ҳар куҷо бузургест, дар шикастагию ноосудагӣ ба сар мебарад. Таматтӯи дунон дар ин дунё бештар аст:

*Нест дар вазъи ҷаҳон абнои дунёро малол,*
*Ҳеч суратро касе дилгиртар аз дунё надид.*
*Офиятро аҳли дил дар дида бастан дидаанд,*
*Баҳра з-ин гулшан ба ғайр аз чашми нобино надид.*
*Аз бузургон бештар дунон таматтӯъ мебаранд,*
*Қурби соҳил ҷуз хасу хошок аз дарё надид* (8, 168).

Боре иттифоқ наафтода, ки ин сипеҳри дун ва дунёи фиреб бар коми инсони ҳушманд ва ҳунарманд гашта бошад. Ҳар ҳаводисеро, ки ба вуқӯъ меорад, асбоби гирдбоди онро аз мардони соҳибҳунар фаро ҳамеорад ва боре нест, ки хасе дар баҳри ҳаводиси ин аҷуза ғӯтавар шавад. Чаро ин хасон доиман бегуноҳанд ва бар болои обанд:

*Сад гуна инқилоб дар ин баҳр агар расад,*
*Хасро намебарад, ки гуҳар сар баровард.*
*Сад гулбуни умеди ман аз реша канд чарх*
*В- аз пойи ман накард, ки хоре баровард.*
*Шуд пирзол даҳру зи зодан намефитад,*
*Ин фитназой чанд зи бад бадтар оварад* (8, 178).

Ин бадбинӣ аз дунёи дунпарвар ва ҳазордомод аст, ки Калимро нисбат ба ҳаёт ва хушгузарониҳо тамоман нохушнуд месозад ва дар қалби ҳақталаби ӯ изҳори танаффур аз дунё (ва он чи асбоби ӯст)- ро ба вуҷуд меоварад. Шоире, ки маргро ягона роҳи махлас ва наҷот мепиндорад, дар ин ҷо, ки гуфта:

*Баҳрест зиндагӣ, ки наҳангаш ҳаводис аст,*
*Тан киштӣ асту марг ба соҳил расидан аст* (8, 124),

ба ҳеч ваҷҳе нисбати ин ҷаҳону корубори он назари хуше надорад. Калим маргро на танҳо роҳи махлас, балки соҳили мурод низ мегӯяд, ки ин нашъ аз биниши орифонаи ӯст. Баройи ӯ ҳиҷоби тан низ ғубори роҳи висол ва дидор нест. Аз ин ҷиҳат аст, ки ӯ адами ҷисмониро азалият ва абадияти рӯҳонӣ мепиндорад ва дигаронро низ таъкид мекунад, ки дар фикри абадият бошанд, тани хешро дар муҳити ишқ ғарқа созанд, то аз вартаи ҳалокат наҷот ёбанд. Касе, ки аз тарс бар канораҳои ин баҳр ҷой ихтиёр мекунад, дар дарёи адам ғарқа мегардад:
*Муҳити ишқ ҳама оби зиндагист, матарс,*
*Касест гарқа, ки ӯ дар канор мемонад* (8, 221).

Қалби шоир барои олами рӯҳонӣ ва даст ёфтан бар дидори ёр ҳамеша метапад. Бо он ки шоир қалби хешро аз тақайюдот ва алоиқ озод гардондааст, боз ҳам нафси худро дар банд мебинад, ки ин банд тани ӯст, яъне ҷисми инсонии ӯ.

Ин аст, ки ӯ аз ин бандише, ки ҷуз аз тавассути марг бо роҳи дигаре аз он натавон бираст, норизоияти хешро изҳор мекунад ва чун Хоҷа Ҳофиз нидо дармедиҳад, ки «ҳиҷоби чеҳраи ҷон мешавад ғубори танам!» Бо он ки Калими ориф худ медонад, ки дар ин дунё ҳам ба воситаи тасфияи қалб метавон бар ёр даст ёфт, онро ҳам дидоре нокомил меҳисобад ва орзуи он дунёро дар дил мепарварад, ки дидори комилеро дар пай дорад:
*Сайри риёзи олами ҷон бо ҳиҷоби тан,*
*Гулзорро зи рахнаи девор дидан аст* (8, 124).

Ё худ:
*Эй дил, зи хонаи тан азми сафар надорӣ,*
*Парвонаӣ, надонам, баҳри чӣ пар надорӣ?*
*Аз кунҷи гулхани тан азми ватан накардӣ,*
*Эй ахгари фусурда, шавқи шарар надорӣ?* (8, 316)

Оё ин ҳама такопӯҳои қалбӣ баҳри даст ёфтан бар дидори дӯст ва гурез аз таҳаҷҷуби ҷисмонӣ, на изҳори тақрир бар ваҳдати вуҷуд аст? Оё Калим орифе буда, ки маънии ваҳдати вуҷудро бо эҳсосоти қалбиаш дарк карда бошад?

Дар яке аз ғазалҳои худ Калим чунин байте дорад:

*Ошиқу маъшуқ бе омезиши ҳам ноқисанд,*
*Шоҳиди ин муддаӣ беҳ аз камону тир нест* (8, 149).

Агарчи сирфан наметавон гуфт Калим дар ин байт изҳори тақрир аз ваҳдат вуҷуд кардааст, нишоне аз ин иқрор дар ин шеър пайдост, ки пӯшида нест. Дар ҷойи дигар Калим ба рағми он зоҳирпардозон, ки зиёрати Каъбаро дар қалби хеш мепарваранд, таъкид кардааст, ки Каъбаи аслӣ дар дили ориф аст, чӣ он манзилгаҳи парастиши худост:

*Дар хеш тавон дид, чу биниш ба камол аст,*
*Он каъбаи мақсад, ки раҳаш дур набошад* (8, 166).

Ин Каъбаро дар хеш дидан худоро дар қалбу ҷони худ эҳсос кардан аст. Ин фикр ба хубӣ нишон медиҳад, ки Калим бар ваҳдати вуҷуд қоил аст.

Калим ғазале дорад, ки он ёдовари ғазалҳое аз Ҳофиз аст, аз қабили «Дар азал партави ҳуснат зи таҷаллӣ дам зад» ва «Дӯш дидам, ки малоик дари майхона заданд» ва байте аз он ин аст:

*Гар ба мо доғи муҳаббат гармхун бошад, равост,*
*Рӯзи аввал чашм чун во кард, моро дидааст* (8, 105).

Аз ин байт дигар наметавон инкоре бар иқрори Калим аз ваҳдати вуҷуд ба пеш овард.

Ваҳдате, ки манзури назари қалбӣ ва орифонаи Калими Кошонӣ гаштааст, на он ваҳдатест, ки мусалмонони қишрӣ ва ғайриориф аз он ёд мекунанд ва аз он ба унвони «тавҳид» ном мебаранд. Балки ваҳдати Калим ҳамон ваҳдати урафое чун Мавлавиву Айнулқуззот мебошад, ки аз он ба унвони «иттиҳоди холиқ бо махлуқ» ва ё

«иттиҳоди холиқ бо он чӣ халқ карда» номгузорӣ кардаанд. Маҳдии Тавҳидипур дар ин бора мегӯяд: «Сӯфиён ба ваҳдати вуҷуд қоил буданд, бад-ин маънӣ, ки ҳақиқатро воҳид ва аҳадиятро асл ва маншаи тамоми маротиби вуҷуд медонистанд ва мӯътақид буданд, ки вуҷуди ҳақиқӣ мунҳасир ба Ҳақ аст ва дигарон партаве аз нури ӯянд» ва таровиши файзи ӯянд (78, 103).

Агар ин суханони муҳаққиқи эронӣ, дар ҳақиқат, бозгӯе аз «ваҳдати вуҷуд»-и ирфонӣ ё орифона бошад, наметавон шубҳа кард, ки Калим дар ин байташ ҷуз аз ваҳдати вуҷуд ба ваҳдати дигаре қоил нест ва ҷуз аз ҳамин гуна ваҳдат намуди дигареро дар назар надорад:

*Кистам ман, пой то сар нусхае аз зулфи ӯ,*
*Тирарӯзе, беқарор, ошуфтаҳоле, дарҳаме* (8, 319).

Зӯҳд ва зоҳид, мавзӯе, ки дар баробари орифони зиёде, аз ҷумла дар ирфони Саноӣ, Аттор, Мавлавӣ ва Хоҷа Ҳофиз аз марказитарин мавзӯот маҳсуб мешавад, ҳамчунин мешояд гуфт, ки дар назариёти орифонаи Калим низ мақоми шунуфтаниеро ишғол кардааст.

Зоҳид дар маҳалли арзишгузории Калим шахсе тақводор ва рӯҳонӣ аст, ки ҳар амалеро ӯ ба анҷом мерасонад, он амал дар тарозуи тақво ва ахлоқи рӯҳонии ӯ баркашида мешавад. Бо он ки аъмоли зоҳид бурун аз ахлоқоти тадайюнӣ ва бурун аз имон нест, боз дар арзишгузоштти ирфонии Калим арзиши мусбатро пайдо намекунад, ба он иллат, ки ӯ ҳар амалеро ба анҷом мерасонад, на аз барои худост, балки аз барои чизи дигарест ҷуз зоти ӯ. Бо вуҷуди муттақӣ дар ҳадди басит буданаш зоҳид дар банди таааллуқот аст, агарчи ин алоиқ биҳишт ва наамот бошад. Зоҳид ҳар амалеро, ки аз худ зоҳир менамояд, аз қабили иҷрои маросими динии чун адои намоз, гирифтани рӯза, адои ҳаҷ, зикри Қуръон ва монанди инҳо, дар зери ин ҳама аъмолаш умед аз подоше нуҳуфта аст. Яъне, он ҳама иҷрои вазоифи бандагии зоҳид, аслан, на ба ҷиҳати изҳори садоқат дар бандагист дар баробари Худо, балки танҳо умед бар подоши ухравии ӯст, ки он иборат аст аз

даст ёфтан бар биҳишт, шароби кавсар, оби таҳур ва ҳурру қусур. Ҳамин нияти зоҳид дар адои бандагии ӯст, ки вай дар баробари Калим ҳамчун шахсе бесидқ, манфиатҷӯ, худпараст, подошталаб ва ахиран шахсе гадо ва дунёхоҳу неъматталаб намойи худро пайдо мекунад.

Бо он ки зоҳид дар аъмоли зоҳидонаи хеш бо такопӯҳои тоқатфарсое ҷаҳд мекунад, ӯ гумроҳи роҳи ҳақиқат ва ноогоҳ аз сироти мустақим аст, чун дар адои ин ҳуқуқи тадайюнӣ ва вазоифи бандагиаш гадоие нуҳуфта аст:

*Дили огоҳ мебояд, вагарна,*
*Гадо як лаҳза бе номи Худо нест* (8, 135).

Агар ин тоат ва ибодати зоҳид барои танҳо зоти борӣ бошад, хайр аст, аммо чи басо дареғ, ки он барои ғайри ӯст.

Дар «Шарҳи ҷунун» омадааст, ки Шайх Абӯсаиди Абулхайр бар сари кӯю бозорҳо мегашт ва нидо дармедод, ки: «мардум, қаҳти Худой омад, мардум қаҳти Худой омад.» Чун аз ӯ маънии ин қаҳти Худойро ҷӯё шуданд, посух дод: Оё на ин қаҳти Худой аст, ки ҳар амалеро мекунанд, на барои вай (Худо - С.О.) мекунанд ва оё на ин қаҳти Худой аст, ки ҳар қадамеро мегузоранд, на дар роҳи Ӯ мегузоранд... ва ҳар суханеро, ки мегӯянд, на ба номи Ӯ мегӯянд (113, 1).

Пас, зоҳид ҳам аз назари Калим касест, ки муваҷҷиди ҳамон «қаҳти Худой» аст ва бо он ки ӯ медонад, ин қаҳт бар ӯ ғалаба кардааст, ба ҷойи он ки Худоро барои худ биталабад, дунёи биҳиштро талабгорӣ мекунад ва аз ҳамин ҷиҳат аст, ки Калим ӯро бо қаҳр гадо унвон медиҳад.

Ин қаҳти Худой барои зоҳид ҳамон адами ишроқи анвори субҳонӣ ва адами таҷаллиёти нури ишқи Ӯ (Худо)- ст дар қалби зоҳиди гумроҳ, чи он амалҳое, ки дар баробари Худо содир менамояд, норизоиятии зоти бориро фаро ҳамеорад ва мӯҷиботи бефайзии тану равони худро пайдо ҳамекунонад:

*Дар обу хоки зоҳиди дилмурда файз нест,*
*Обу гили вуҷуд гар аз кавсар оварад* (8, 179).

Зоҳид ба воситаи он аъмоле, ки иҷрояш ҳамекунад, иродати субҳониро аз хештан дур месозад ва қалби хешро на махзани ишқу муҳаббати илоҳӣ, балки ҷойгоҳи ишқу ҳасрати неъматҳои ухравӣ мегардонад ва синаи худро, ки метавонист ба муҷоҳадат ва кӯшишҳои босадоқат дар муҳаббати зоти борӣ рӯшан ва мунаввар созад, торикистон ва тобуте мегардонад, ки қалби аз ишқ мурдаи ӯ андар ин тобут бе тапиш ҷой гирифтааст:

*Не ҳамин бе сӯзи ишқ аст, аз ҳавас ҳам гарм нест,*
*Сина тобут аст, гӯйӣ, зоҳиди дилмурдаро* (8, 94).

Зоҳид, ки аз мафҳуми ишқ маъние дарк намекунад, куҷо тавонад дарк кард, ки маъшуқи азалӣ чӣ ҳусну чӣ ҷамоле дорад, чун ӯ дар банди ҳусну ҷамоли ҳурру ғилмони худ аст. Фаҳми зоҳид аз ишқ ҳамон фаҳми санг аз нур аст ва завқи ҷамоли зоти борӣ барои зоҳид ҳамон завқи девор аз гулистон аст:

*Зоҳид аз ҳусни ҷаҳонорои ҷонон мекунад,*
*Он қадар завқе, ки девори гулистон кардааст* (8, 154).

Зоҳид, ки девори гулистоне беш нест, куҷо фаҳм тавонад кард он ҳама зебоиҳои гулу раёҳинро ва куҷо завқе тавонад бурд аз бӯйи ин гулзоре, ки дар баробари ӯ дар ишроқу таҷаллӣ ас,; чун дилу чашми ӯ, ки ҳама сангин ва хушк аст. Барои он ки вуҷуди зоҳид сар то по хушкида ва сангин аст, аз ин ибодати хушк ва сангини худ дар вуҷудаш бутхонае барпо кардааст, ки дар ин парастишгоҳи ӯ манзур аз парастиш на Худойтаоло, балки ҳурру қусур ва бад-ин монанд аст.

Ин аст, ки ба ақидаи Калим, зоҳид бо он хушкие, ки дар қалбу вуҷуди худ дорад, худро мӯҷиб ва муваҷҷиди қаҳти худой сохтааст, чӣ бад-он парастишгоҳе, ки дар тасаввури зоҳидонаи хеш ба вуҷуд овардааст, бутхонае барпо карда-

аст ва зоти бориро аз худойӣ баргирифта, бар ҷойи он худоҳои мутасаввири хешро ихтиёр намудааст:

*Дар кишвари ин зӯҳдфурӯшон натавон ёфт,*
*Як савмаа, к-он роҳ ба бутхона надорад* (8, 193).

Рӯза аз асоситарин маросими динӣ аст ва мақсуд аз гирифтани он тасфия ва тазкияи қалб ва ботин аст аз нопокиҳо ва палидиҳо, ба шарти он ки ин поккарданҳо танҳо баройи Худой бошад. Аммо, дар даврони Калим чи басо зуҳҳод буданд, ки рӯзаро баройи худ дастгоҳ ва асбоби таҷаммулие сохта ва бар рӯзадорӣ одатӣ гашта буданд:

*Давоми рӯзаи зоҳид на аз баройи Худост,*
*Ки тифли табъаш қодир ба тарки одат нест* (8, 106).

Ҷуз он ки зоҳид дар иҷрои маросими динӣ бо сидқи тамом мекӯшад ва ӯ ҳамеша дар байни халқ худро ҳамчун шахсе амркунанда ба маъруф ва наҳйдиҳанда аз мункар нишон медиҳад, ҳамчунин дар худпарастиву таҷаммулот низ сидқе тамом ва дасте дароз дорад. Калим ин худпарастиҳои зоҳидро дар мисоли ғарқа будани ӯ дар баҳри тааллуқ, сабҳа бар даст ва дастор дар сар карданҳои ӯ нишон медиҳад, ки ба ҷиҳати равонии ашъор дигар ҳоҷате бар шарҳи он нест:

*Наҷоти ғарқаи баҳри тааллуқ осон нест,*
*Магар зи тахтаи тобут бар канор афтад* (8, 195).

Дигар:

*Зоҳирпараст кай ба ҳақиқат расад, Калим,*
*К-ӯ сар ҳамеша дар раҳи дастор медиҳад* (8, 204).

Ё худ:

*Хоки арбоби риёро зи ривоҷи ботил,*
*Рӯзгор оварду сабҳаи зуҳҳод кунад* (8, 209).

Дигар:

*Ҷайбе зи шавқ пора накарданд зоҳидон,*
*Бар дастшон зи сабҳа салосил бастаанд* (8, 175).

Дар натиҷагирӣ аз фасли мазкур метавон гуфт, ки Калим як шоири ориф аст ва далели раднашаванда дар ин мавзӯъ андешаҳову назариёти ирфонии ӯянд, ки аз оғоз то анҷоми ашъори вай, бахусус ғазалиёташ, инъикос гардидаанд.

### 3. Мазомини ахлоқиву тарбиявӣ дар ашьори шоир

Тазкиранигорон ва муҳаққиқон дар хусуси хисол ва афъоли Калим, ки бозгӯкунандаи ахлоқи ӯянд, қайдҳо намудаанд. Шиблии Нӯъмонӣ дар тавсифи хисоли Калим чунин мегӯяд: «Калим, бар хилофи шоирони дигар, софдил, қонеъ ва дастбоз буд ва шуарои рақиби худро мӯҳтарам мешумурда ва бо онҳо ба таври меҳру муҳаббат рафтор менамояд» (121, ҷ. 3, 175).

Партави Байзоӣ дар ин бобат чунин навиштааст: «Муаллифи «Калимот-уш-шуаро» аз қавли Муҳаммад Алӣ Моҳири шоир, ки замони Калимро дарк ва бо вай мулоқот кардааст, менависад: «Аҷаб марди холиқи хушмуҳоварае буд, ки ҳар кӣ дар сӯҳбаташ мерасид, файзёб мешуд ва маҳзуз бармехост...» (8, хо).

Насрободӣ навиштааст: «Он чӣ аз тарафи Шоҳиҷаҳон ба вай инъом мешуд, ба фуқаро мебахшид» (10, 220).

Ба ҷуз аз набиштаҳои тазкиранигорон ва муҳаққиқон, ҳамчунин, аз ашъори худи Калим низ ҷо-ҷо метавон пай бурд, ки ин марди баландфикрат дорои чӣ гуна ахлоқе будааст. Калим дар ҷое дилбеозории хештанро ба ин тариқ нишон додааст:

*Ба назди ман, ки ба озори кас далер наям,*
*Агарчи куштани шамъаст, бешуҷоат нест* (8, 106).

Дар ҷойи дигар аз ҳаҷву масхараи мардум инҳироф ва канора ҷустани худро чунин бозгӯ мекунад:

*Гар ҳаҷв нест дар сухани ман, зи аҷз нест,*
*Ҳайф оядам, ки заҳр дар оби бақо кунам* (8, 281).

Дар як ғазали худ Калим худро махзани ишқу муҳаббат эътироф кардааст, ки ин аз инсондӯстӣ ва ба қавли маъруф: аз гуманизми беҳамтои ӯ далолат мекунад:

*Ман набошам, равнақи ишқу муҳаббат меравад,*
*Тешаи Фарҳодаму болу пари парвонаам* (8, 282).

Ӯ, ки қисмати аъзами умри хешро дар Ҳиндустон гузарондааст, бо ақвом ва милали гуногун низ сари дӯстӣ ва меҳру вафо доштааст. Дар ин бора худи Калим ишорае дорад:

*Бар сари ҷанг аст бо мо бе сабаб доим, Калим,*
*Гарчи сулҳи кулл ба ҳафтоду ду миллат кардаем*
(8, 280).

Инсондӯстӣ ва гуманизми Калим дар сари ин байт таҷаллиёти баҳамтои худро дарёфт кардааст:

*Мо бар ойинаи душман написандем ғубор,*
*Оҳи мо, софдилон, ҷониби гардун наравад* (8, 161).

Афкори пандунасиҳатии ин марди хоксор ва бетакаллуфу меҳрубон дар аксари мавзӯоти ахлоқӣ ҷилваи худро дарёфт кардааст. Он чи аз ин ҳама мазомини марбут ба ахлоқ набиштаи Калим метавон натиҷа гирифт, асосан, аз тарғиби некботин будани мард, қаноати мард, ҳарис набудани ӯ, босабру таҳаммул будан, дӯстӣ ва наздикӣ бо ҳунармандон ва донишварон, фурӯтанӣ ва хокниҳодии мард, софдилу бекина будани ӯ, аз падар наболидан, соҳибҳиммат будан, дармондагону шикастагонро даст гирифтану озор надодан, мадоро ва муомилаи хуш ҳатто бо душман, нест кардани ғаразу гумон аз худ, аз марги душман ҳам ғамгин шудан, мағруру худбин набудан, беғамию бепарвоӣ, огоҳ ва донишманд будан, ихтиёри сукуту хомӯшӣ ва монанди инҳо иборат мебошад.

Бояд гуфт, ки ин ҳама панду насиҳати Калим, аслан, аз ахлоқи тадайюнии ӯ буруз кардаанд, зеро Калим аз пешгомони ахлоқии даврони худ маҳсуб мешудааст. Аз ин

шеър ба хубӣ фаҳмида мешавад, ки Калим то чӣ андоза ба рӯзи қиёмат ё рӯзи ҳисоб бовар ва имон доштааст ва то кадом ҳадде ин рӯзро бар худу дигарон наздик медидааст, ки ин нишондеҳи ахлоқи тадайюнӣ ё мусалмонии шоир аст:

*Дида бикшо, ки ҳам имрӯз бувад рӯзи ҷазо,*
*Занги ойина сазо ёфтани ғаммоз аст* (8, 25).

Аз хисоли шоистаи мардонагӣ ва футувват дар ахлоқи исломӣ, пеш аз ҳама, фурӯтанӣ ва хоксорӣ аст, ки бе будиши ин хислат мард намои мардонагии хешро барбод медиҳад. Калим дар ин бора чӣ асарангез гуфтааст:

*Мард ҳарчанд сарафроз бувад ҳамчун шамъ,*
*Охири кор ҳамон беҳ, ки фурӯтан бошад* (8, 224).

Ҳар ки агар хоксор ва фурӯтан нест, ӯ дар банди ғурур ва худбинӣ мефитад, худбинӣ, ки нишони футувват нест, хислати мардонагиро аз шахс салб мекунад ва чи басо дар камфаъолиятиву беҳунарии вай асбобро фаро ҳамеорад:

*Ҳар кӣ худбину худоро, зи ҳунар бехабар аст,*
*Ҳамчу товус, ки пурзийнату кампарвоз аст* (8, 124).

Худнамойӣ, ки аз пасттарин хисоли инсон аст, шикасте дар рӯҳ ва нафси мард ба вуҷуд меоварад, ӯро бар аъмоқи бадфеълӣ андар мениҳад. Қабл аз ҳама дар ниҳоди ӯ ҳаросатро, ки аз бадтарин афъоли одамӣ аст, тавлид месозад. Ҳаросат сарбаландиро аз мард фурӯ мебарад ва ӯро дар баробари ҷамъият чун гадо ва дузду таррор менамояд:

*Ҷазбаи ҳирс ба табъе, ки барад панҷа фурӯ,*
*Аз гадо косаву аз кӯр асо мегирад* (8, 181).

Худбинӣ ва баланднамоӣ, ҳамчунин, дар ботини инсон каҷназарӣ ва камбиниро ба вуҷуд меорад, ки ин феъл низ аз афъоли разила аст. Чаро ки каҷназарӣ ҳар шахсро дар ҷамъият нафратзада ва накӯҳида мегардонад. Каҷназар аст, ки мӯҷиби иftироқ ва инфисоли ақидаҳо ва инсонҳо мегардад ва одамонро аз ҳамдигар дур ва бегона месозад:

*Каҷназар суду зиёнро имтиёзе дидааст,*
*Ҳар чиро аҳвал ду мебинад, бар бино якест* (8, 117).

Ҳамин каҷнигаристанҳост, ки мӯҷиби балво ва ошӯбҳо дар иҷтимоъ мегардад ва ба дигар маънӣ, шахсе, ки ҳамвора дар пайи тафриқаандозиҳост, ӯ ҷуз аз ошӯбгар каси дигаре нест. Ва ин ошӯбгар ба ҳеҷ ваҷҳе хоҳишманди оромӣ ва сулҳу салоҳи ҷамъият нахоҳад буд. Дар коми ин ошӯбгарон чи басо фарзонамардон фурӯ мераванд:

*Ошӯбталаб хотири фарзона надорад,*
*Занбӯри ҳавас дар дили мо хона надорад* (8, 192).

Бояд аз ашхоси ошӯбталаб канорагирӣ кард, чаро ки ин гурӯҳ ашхоси разиланд, онҳо чун беҳунарон ва бехирадон зоҳиран дам аз ҳастӣ мезананд ва мардони ҳунар ва хирадро аз ҳаёт нохушнуд месозанд. Чун сипанди беҳунаре оташ гирад, хонаи оромиш ва иқболи ҳунарманд сӯхта хоҳад гардид, зеро ки бехирадон ҳеҷ вақте дар андешаи осудагии мардони хирад нахоҳанд буд:

*Дуди сипанди беҳунаре чун шавад баланд,*
*Оташзани ситораи аҳли ҳунар шавад* (8, 190).

Ба ин ҷиҳат, Калим дар ашъори худ мукаррараран таъкид мекунад, ки аз ашхоси дорандаи хисол ва афъоле чун худбинӣ, мағрурӣ, ҳарисӣ, каҷназарӣ ва ошӯбталабӣ зинҳор инҳироф ҷӯед ва дар ҷустуҷӯйи мардоне бошед, ки дар тан либосе аз хасоили футувват доранд.

Як хислати разилае, ки бар палидии ботин сабаб мегардад, ба андешаи Калим, ғараз ва гумон аст. Агар ин разила аз ниҳоди одамӣ дур андохта шавад, занг аз ботини ӯ зудуда мегардад ва шахс бар ҳар чӣ бингарад, чашмони ӯ, ки полуда аз ғараз гаштааст, хушбин ва некбин мегардад:

*Аз дили хеш агар занги ғараз дур кунӣ,*
*Ҳар чӣ зишт аст, дар ин ойина зебо ёбӣ* (8, 316).

Як панди дигаре, ки ниюшидани он ҳатман таъсире шунуфтанӣ бар ҳар марди пандниюш хоҳад гузошт, аз банди нафс раҳондани ҳуввияти мард аст, зеро бо будиши нафси ҳоким мард, ҷуз аз зан, дигар чизе нест. Ҳамин баднафсӣ ва гурусначашмист, ки ғурури мардиро аз инсон салб мекунад ва ӯро дар ҷамъият манфур ва ҳақир мегардонад:

*Сухани рост, Калим, аз мани девона шунав,*
*Оҷизи нафс зан аст, арчи Таҳамтан бошад* (8, 224).

Калим, бар хилофи он ҳама хисол ва сифоти разила, дар ашъори худ ахлоқи накӯ ва ҳамидаи инсониро тарғиб ва тараннум кардааст.

Аз аввалин хисоли шоистаи мардонагӣ, ки ҳар мардеро зебу зинат медиҳад, фурӯтанӣ ва хоксорӣ аст, ки он дар сафаҳоти пешин зикр ёфт. Ҳамин як байт кифоят мекунад, ки рағбати шоирро бар фурӯтанӣ муайян намоем:

*Дар мулки хоксорӣ расмест аҳли дилро,*
*Дар садр ҳар чӣ гум шуд, дар остона ҷустан* (8, 299).

Муваҷҷиди фурӯтанӣ дар ҳар шахсе огоҳӣ ва бохирадии ӯст. Огоҳӣ, ки хирадро ба бор меоварад, одамиро бар даргоҳи илоҳӣ мақбултар мегардонад, ончунон ки Калим мегӯяд:

*Тоати мақбули даргоҳи илоҳӣ огаҳияст,*
*Хомушӣ беҳтар аз он зикре, ки дил огоҳ нест* (8, 144).

Ҳамин огоҳӣ аст, ки мард на танҳо ба фурӯтанӣ музайян мегардад, инчунин, тавоноие пайдо мекунад, то нафси худхоҳашро бишканад. Нафсро тавассути қаноат метавон ба мутобиати хештан даровард. Қаноат калидест, ки бо он ҳар марди қонеъ метавонад ганҷҳои нокушудаи худро бикушояд. Ба андешаи Калим, қаноат на танҳо калиди рӯзӣ барои ҳар бандае, балки худи рӯзӣ низ мебошад. Ҳар шахсе, ки аз қаноат бархӯрдор бошад, дигар дар фикри рӯзӣ ва ризқе нахоҳад монд, чунки ин дороии ӯ барои соҳибаш ҳар гуна эҳтиёҷотро дур мегардонад. Шахсе, ки ганҷи

қаноатро бо худ дорад, ҳамчун ҳумой аст, ки ҳеч вақте бе рӯзӣ нахоҳад монд, ӯ ҳамеша, бо он ки дар баландиҳо ошён дорад, ризқашро дарёфт хоҳад кард:

*Намехӯрад ғами рӯзӣ касе, ки қонеъ шуд,*
*Ҳумой ҳаргиз бе устухон намемонад* (8, 176).

Ганҷи қаноат одамиро ботинан ғаноманд мегардонад ва ӯро аз фикри сомони рӯзгор озод мегардонад, чунки андешаи дарёфти маош ҳар шахсро мояи андӯҳ ва дилбезорӣ аз ҳаёт мегардад. Кам мардест, ки дар баробари ин ҳама фишорҳои нодориҳои асбоби беҳзистӣ, дар худ таҳаммули бардошти онро дошта бошад. Ҳамон марде метавонад дар қиболи фишори сомони рӯзгор бо поймардӣ мустақарр бимонад, ки дар худ қаноат дошта бошад; қаноат беэътиноӣ ва бепарвоиро нисбат ба молу манол ба бор меоварад ва сабру таҳаммулро низ бар ҳар марде ба армуғон меорад. Ба василаи қаноат, беэътиноӣ ва бепарвоӣ ва сабру таҳаммул аст, ки мард виқор ва намои мардонагии хешро пайдо мекунад ва худро дар ҷамъият чун марде сарфароз во менамояд. Ба андешаи Калим, он мардеро метавон дар ҷамъият сарбаланд ҳисоб кард, ки дасти итоат ва эҳтиёҷро аз худ кӯтоҳ кардааст ва бо бепарвогию бардошти матине гом дар молу манол мениҳад. Ҳар мард бояд баҳри дарёфти сарфарозии худ дар ҷамъият бикӯшад ва он рӯзе, ки ин ганҷро дарёфт, бар худ гулафшонӣ кунад:

*Сарфароз он сар, ки фориғ аз ғами сомон шавад,*
*Бар сарат гул зан, ки аз дастор рӯгардон шавад* (8, 180).

Як андешае, ки Калимро аз бисёрии шуаро фарқ мениҳад ва тарҷеҳ медиҳад, худро дар баробари дунёву кору бори он ҳақир нашумурдан аст. Чун одамӣ гавҳарест болотар аз ҳама чиз, набояд хештанро дар қиболи дунё ва ҷаври он ҳақир ва бечиз ва дар бузургдошту иззати он мувazзаф бидонад. Ин беэътиноӣ нисбат ба дунё, ки дар як қисми ғазалиёти Калим вомехӯрад, маншаи худро аз ақоид ва андешаҳои сӯфия ва урафои мутақаддим ба мав-

рус гирифтааст. Абулҳусайни Зарринкӯб дар бобати беэътиноии Боязиди Бастомӣ менависад: «Боязид гуфт: дунёро чӣ қадре ҳаст, ки биярзад дар боби зӯҳд варзидан нисбат ба он сухан ронд» (38, 40).

Ин маврусияти адами эътино ва эҳтиром нисбати дунё аст, ки Калим ҳам бар он чандон назари хуше надоштааст. Ӯ дар ин байт дигаронро бар беэътиноии дунё ва ҷаври он таъкид ва ҳидоят кардааст:

*Зи ҷаври модари айём туршрӯ манишин,*
*Хаёл кун зи пушти падар наёмадааст* (8, 139).

Бояд гуфт, ки дар таърихи шеъри форсӣ кам шоире пайдост, ки беэътиноии хешро бад-ин минвол, ки Калим дар фавқ изҳор кардааст, бо як лаҳни сахт ва киноядоре изҳор карда бошад. Дунёро, ки Калим мегӯяд: «зи пушти падар наёмадааст», кам касе ба ин қабоҳат зикр кардааст.

Калим панд медиҳад, ки он касро мардтар аз ҳама хоҳанд гуфт, ки тангдастӣ бар вай мусаллат нашавад, яъне ӯ дар баробари тангдастӣ бедасту по ва раҳгумзада нагардад:

*Донӣ, киро зи шердилон мард гуфтаанд,*
*Онро, ки тангдастӣ бедасту по накард* (8, 114).

Панду андарзҳои иҷтимоии Калим низ орӣ аз асарот нест. Ин шоир, бо он ки ҳаёти худро бештар дар доираи шарафмандон гузарондааст, ҳеч гоҳ хештанро аз фикри халқи заҳматкаш канора нагирифтааст. Дар ин ҷода ӯ бо Шайх Саъдӣ ҳамгомӣ дорад. Масалан, дар байти зерин мегӯяд:

*Уфтодаро ба чашми ҳақорат мабин, ки хок,*
*Гар сар кашад, ғубори дили осмон гардад* (8, 205).

Калим дар ин байт мисли Шайх Саъдӣ ситамгаронро аз қаҳри халқ тарс медиҳад, ки ба беҳуда дар пайи озори заҳматкашон накӯшанд, то рӯзе даст надиҳад, ки аз кирдори худ ангушти надомат бар даҳон бигиранд. Шайх низ ба ин маънӣ байте дорад:

*Оташи сӯзон накунад бар сипанд,*
*Он чи кунад дуди дили дардманд* (20, 92).

Аз ҳар сухани Калим маълум мешавад, ки ӯ дар ҳаёт ҳамеша ояндабин ва дурандеш будааст ва ҳеч гоҳе суханони худро дар таън ва истеҳзои табақаи пойини ҷамъият ба талофӣ надодааст. Ҳатто дар як байташ, ки онро ошкоро дар хитоб бар фақеҳон ва мутадайинини рокиб ва маснаднишин гуфтааст, ин гурӯҳро киноятан аз оташи дили дардмандон метарсонад.

*Шикастагонро помол сохтан куфр аст,*
*Ба кунҷи хилвати ғам бӯрё намехоҳам* (8, 257).

Дар ҷойи дигар ба онҳо панд медиҳад, ки зинҳор дар андешаи шиканҷаи заҳматкашон мабошанд. Зинҳор аз охири ин кор андеша кунанд, ки чун кор охир шуд, андешаашон суд намебахшад ва он рӯзе, ки нолаи онҳо бетаъсир ва қудраташон беасар монд, афсӯсу водареғашон бартарафкунандаи бозхости онҳо намегардад:

*Парҳез аз он кор, ки уфтод ба охир,*
*З-он нола биандеш, ки таъсир надорад* (8, 257).

Баръакси ин ҳама, шоир ҳамвора дар ишорат бар маснаднишинон ва қудратмандон таъкид менамояд, ки дастгири кӯтоҳдастон ва уфтодагон бошанд, то дар зарурат халқ бар дастгирии онҳо камари ҳиммат барбандад. Чун аҳли рикоб ва маснад дар фикри оромиш ва тафреҳи табақаи захматкаш бошанд, аз ин ҷониб низ кӯшишҳое баҳри таҳким ва иқтидори онон ба истихроҷ дода мешавад. Эҳтиром ва дастгирии тарафайн муомилоти инсонваронаро ба бор меоварад. Калим мегӯяд: охир мо на мурғҳои як аслем, на як хилқат дорем?! Аз чӣ сабаб доим дар пайи тардид ва ихтилофи якдигарем:

*Мурғи як аслем, айби мо бувад айби ҳама,*
*Аз чӣ ҳамчун мавҷ доим дар пайи якдигарем* (8, 270).

Калим дар мавзӯъҳои гуногуни ҳаётӣ панду насиҳатҳо дорад. Масалан, дар як панде, ки Калим дар бобати таърифи ботин дорад, таъкид мекунад, ки дар пайи ороиши зоҳир накӯшед:

*Набошад некботин дар пайи ороиши зоҳир,*
*Ба наққош эҳтиёҷе нест девори гулистонро* (8, 97).

Чунки ороиши зоҳир чизеро дар шаън ва иззати одамӣ ба бор намеоварад. Зинати кас ботини зебои ӯст; чун ботин музайян гардад, дигар ҳоҷате бар талбиси зоҳир намемонад. Зоҳири инсон агарчи фиребо бошад, чун аз зинати дарунӣ бебаҳра бувад, зебоии бурунии ӯ ҳеч асаре дар ӯ намебахшад. Шахси некботин ва фархунда агарчи аз зоҳир камбудие дорад, боз зебост:

*Ҳунар нуҳуфта намемонад, аз садаф пайдост,*
*Ки қаъри баҳр нагардида пардаи гуҳараш* (8, 251).

Як андарзе, ки ҳамвора дар девони шоир ба чашм мерасад, ин таъкид бар камсуханӣ, дам фурӯ бастан, бо сарфа гуфтан ва дар вақту ҳангом суханронӣ кардан мебошад. Дар шиносоии комил бо девони шоир, ба вижа ғазалиёти ӯ, метавон пай бурд, ки Калим дар ин мавзӯъ ба ҷиддият ва пайдарпайӣ андешаронӣ кардааст.

Калим одамиро ҳамчун ғаввос ва дунёву фалакро баҳр ва камсуханӣ ё дам фурӯ бастанро гавҳари мақсуд медонад. Ба андешаи ӯ, ғаввосе, ки ба ҳангоми ҷустуҷӯйи гавҳар дар қаъри баҳр дами хешро пос дошта наметавонад, аз гавҳар маҳрум монда, бар болои ин ҷони худро аз даст медиҳад. Одамӣ ҳам дар ин дунёи сермашғала, ки чун баҳри маввоҷ ҳамвора дар пайи дам кашидани ғаввосест, агар забон ва дами худро нигоҳ ва пос дошта натавонад, ҷони худро бар бод медиҳад:

*Аз хамӯшӣ гавҳари мақсуд меояд ба чанг,*
*Ҳеч гаввосӣ накард он кас, ки поси дам надошт* (8, 151).

Агар кас бар камсуханӣ ва бар беҳуда нагуфтанҳо одат карда бошад, чи басо гавҳари мақсуд бар каф хоҳад ги-

рифт. Агар дар ғаввосии ин баҳр дами хешро фурӯ бурда ва пос дошта тавонад, чӣ басо гавҳареро дар қаъри он аз хештан хоҳад кард:

*Ту ҳам аз файзи хомӯшӣ чу ғаввосон гуҳар ёбӣ,*
*Нигаҳ дорӣ гар аз беҳудагӯйӣ як нафас дамро* (8, 37).

Шоир барои он ки бар ҳамагон бовар кунонад, ки бисёргӯйиву бадзабонӣ ба инсон ҷуз мазаррат дигар чизеро ба бор намеоварад, ҳамвора аз табиату асбоби он мисолҳо меорад. Масалан, дар як байташ қаламро намуна ва мисол меорад ва мегӯяд: охир намебинӣ, ки қалам бо теззабонии худ ҳамвора мавриди саркӯбии дигарон қарор мегирад. Охир намебинӣ, қалам, ки наметавонад дам фурӯ бандад, сари ӯ ҳамеша маҳалли хатар ва нестгардӣ ҳаст:

*Безабон бош, набинӣ, ки қалам*
*Бозабон асту сараш дар хатар аст* (8, 141).

Ва агар дар худ қуввате бар камсуханӣ ва дам фуру бастан надошта бошӣ, кӯшиш кун, то ҳар сухане мегӯйӣ, ба сарфа ва мулоҳизаву андеша гӯйӣ. Шахси майхора чун бихоҳад, ки бодааш беолоиш ва тоза монад, даҳони сӯроҳиро мебандад. Одамӣ ҳам, агар хоҳад бар тану ҷонаш халале ворид нагардад, бояд даҳони хеш барбандад ва бо сарфа сухан гӯяд:

*Ҳарфро бо сарфа мегӯ, то кудурат н-оварад,*
*Бода, гар хоҳӣ, ки соф ояд, сари мино бибанд* (8, 155).

Як панде, ки Калим дар мавриди риояти хомӯшӣ дорад, бовар аст, дар ҳама давру замонҳо аҳамияти худро аз даст намедиҳад. Маънии панд он аст, ки дар ҳар маҳфил ва ҷамъияте, ки ба тозагӣ ворид шудаӣ, кӯшиш кун сухан нагӯйӣ ва дами худро фурӯ банд, чун намедонӣ он ҷамъият чӣ гуна ҷамъиятест. Мабодо ба беҳуда гуфтанҳо дар ин ҷамъият шарманда гардӣ ва ҷони хешро низ халалпазир гардонӣ:

*Дар маҳфиле, ки тоза даройӣ, гирифта бош, ,*
*Аввал ба боғ ғунча гираҳ бар ҷабин занад* (8, 236).

Дар натиҷагирӣ аз ашъори пандуахлоқии Калими Кошонӣ метавон гуфт, ки ин шоири баландназар дар ин бобат бас пешгомтар аз шуарои ҳамзамони хеш будааст. Дар ҳама ашъори марбут ба панду ахлоқи ин шоир тарғиби беҳтарин ва накӯтарин хисол ва сифоти инсонӣ мавриди баррасӣ воқеъ гардидааст, ки роҳнамои роҳи мардонагӣ ва покизагӣ барои ҳар инсони андешаманд хоҳад буд. Гӯё, ки Калим ин байтро мунтаҳои панду андарзҳои ҳакимона ва орифонаи хеш ихтиёр карда бошад:

*Чунон мамир, ки чизе бимонад аз ту ба ҷо,*
*Ба ғайри ном набояд ба ёдгор гузошт* (8, 126).

**4. Васфи табиат ва зебоиҳои он дар ашъори Калим.**

Калим аз зумраи он шоиронест, ки дар тасвири табиат ва зебоиҳову нозукиҳои он эҳтимоми тамом варзидааст. Бояд гуфт, ки табиат ва асрори он нақши боризе дар такмили шоирии Калим ба ҷо гузошта ва агар ин табиат, ба хусус табиати зебоманзари Ҳиндустон намебуд, муҳол буд, ки Калим ҳуввияти шоирии хешро он гуна, ки ҳаст, дармеёфт. Чун ҳар хонандаи борикбин ба ашъори Калим ба таври комил шиносо гардад, дармеёбад, ки аз ин ашъор бӯйи табиат, яъне шамими рӯҳпарвари гулу раёҳин ва овози ҷӯйҳои атрогини он ба машом ва ба гӯш мерасад. Калим он ашъореро дар васфи табиати Ҳиндустон сурудааст, ки аз беҳтарин манзумаҳои ӯ ба ҳисоб меравaнд. Масалан, бо он ки Калим огоҳии фаровон аз маърифати исломӣ ва ирфонӣ дорад, шамими хулдро гадои диёри Кашмир гуфтааст:

*Шамими хулд гадои диёри Кашмир аст,*
*Шукуфтагӣ гули хори баҳори Капмир аст* (8, 138).

Табиат, ба вижа табиати Ҳиндустон, сабаби такмил ва тараққии истеъдоди Калим гаштааст ва тахайюли шоирии ӯ аз шамими биҳиштосои табиати ин диёр баҳравар ва файзёб шудааст. Он асароте, ки боду об, баргу дарахт, гулу райҳон ва монанди инҳо дар шеър ва шоирии Калим

гузоштааст, гуё ин асаротро шахсе бар ӯ муваҷҷид гаштааст. Ҳар ҷо ки ӯ аз боби табиат сухан мекушояд, ончунон аст, ки бо шахсе дар муомала аст ва дар бораи шахсе сухан мегӯяд. Масалан, дар ин байт, ки дар тавсифи гулшани Кашмир пардохтааст, ниҳолҳоро чун инсоне мушаххас тасвир ниҳодааст ва гуфтааст: ҳар ниҳоле, ки барге баровbooрад, инҳо барги он ниҳол нестанд, бал дастҳои ӯянд, ки дар ҳолати дуо қарор доранд; чун ниҳолҳо аз баҳори гулшани Кашмир дар ҳайрат мондаанд, ҳама дар таҳнияти он дасти дуо бардоштаанд:

*Ҳар он ниҳол, ки аз барг даст бардорад,*
*Баҳори гулшани Кашмирро дуо кардаст* (8, 144).

Калим сар то пойи табиатро дар ҳаракат ва беқарорӣ мебинад. Тамоми кирдор ва рафторе, ки табиат аз худ бурун меорад, ба андешаи Калим, бе сабаб ва бе мақсаде нест. Ҳаракати баргҳо дар айни бодвазӣ, сурхии баргҳои чинор, оби болои гул, равуойи сабзаҳои лаби ҷӯй, рафтани оби ҷӯй, рӯ бар қафо шудани баргҳои гул ва ба ин минвол садҳо ҳодисае, ки дар табиат рух медиҳанд, ба андеша ва тахайюли шоирии Калим ҳар яке мармузот ва асрори худро доранд. Масалан, сабаби ҳаракати сабзаи лаби ҷӯйро Калим вусма кашидани сабза бар мавҷа мепиндорад ва иллати сурхии баргҳои чинорро ҳиное медонад, ки гулҳо аз партави худ бар баргҳо ба орият додаанд:

*Кашида вусма бар абрӯи мавҷа сабзаи тар,*
*Ниҳода партави гулҳо ҳино ба дасти чинор* (8, 48).

Ба андешаи шоир, кори оби равон танҳо рафтану омадан нест. Балки он тақвими табиат аст, ки гузашти ҳар рӯзеро сафҳагардонӣ мекунад:

*Шавад ҷадвали тақвим кӯҳна оби равон,*
*Кунад рутубати имсол агар асар дар пор* (8, 48).

Калим таъкид менамояд, ки худ аз худ рӯидани гулҳоро мапиндоред, ки боғбоне надоранд. Боғбони гулҳо ниҳолҳои боғанд, ки фурӯзонии ниҳолҳои ба тозагӣ баро-

мада рӯшание дар дили гулҳо мебахшанд ва дили гулҳоро об медиҳанд:

*Ниҳол шамъсифат об медиҳад гулро,*
*Чаман надорад имрӯз боғбон дар ко* (8, 48).

Калим бо тасвири рӯ бар қафо кардани гул баргҳои худро бар ҳадди муаллои тавсифи табиат даст ёфтааст. Ӯ дар ин хусус ки чаро баргҳои гул бар қафо кашида мешаванд, гуфтааст:

*Забони гул зи қафо мекашанд, агар бикунад,*
*Ҳуқуқи тарбияти навбаҳорро инкор* (8, 48).

Маънии он ин аст, ки аз он сабаб забони гулро бар қафо кашидаанд ва ӯро сазо додаанд, ки гул ҳуқуқи мураббигӣ доштани навбаҳорро инкор мекунад ва мегӯяд, ки ман худ рушд кардаам. Аммо, бояд гуфт, ки ин байт батамом ба маънии дигар кинояест: <u>инкор</u> кинояе аз ҳаракати гул ба ҳангоми вазиши бод аст ва <u>ҳуқуқи тарбияти навбаҳорро помол кардан</u> кинояи дигарест аз бармаҳал баромадани гул ва <u>забони гул бар қафо кашидан</u> низ кинояе аз шукуфтани он аст. Яъне, гул бармаҳал, пеш аз омадани навбаҳор шукуфт ва шамол онро дар ҳаракат овардааст.

Калим дар байти зайл ғуборолуд ва тира гаштани осмонро ба ҳангоми пеш аз бориш чунин тасвир кардааст:

*Ба зери пунбаи абр осмон аз он гум шуд,*
*Ки пой то ба сараш доғдори Кашмир аст* (8, 138).

Яъне, шоир гуфтан мехоҳад, ки ҳатто осмон низ дар ҳасрати зебоии Кашмир месӯзад ва он тирагие, ки дар он мебинад, ғубор ва абре нестанд, балки доғҳое аз ҳасрат дар дили ваянд.

Дар ҷойи дигар Калим гузаштани мавҷдори оби ҷӯйро чун шахси ҳайратзадае тасвир кардааст, ки аз зебоии дилбаронаи гулҳо ва нозу карашмае, ки аз ҳаракати бод ба вуҷуд меоваранд, дар ҳайрат мондааст ва дар айни рафтан ба ҳайрат рӯ бар қафо мениҳад ва гулҳои зебоеро, ки дар

паси ӯ мондаанд, бо афсӯсу ҳайрат нигоҳ мекунад ва он чӣ тасвири табиӣ ва дилнишинест:

*Чаман зи лолаву гулончунон, ки оби равон,*
*Агар гузашта, аз он рӯй бар қафо кардаст* (8, 143).

Аз ашъори шоир ба назар мерасад, ки ӯ бисёртар дар васфи баҳор ва зебоиҳои он шеър сурудааст ва аз ин бармеояд, ки ӯ ба баҳор нисбат ба дигар фаслҳои сол ҳусни таваҷҷӯҳ доштааст.

Дар як шеъраш Калим гуфтааст, ки дар баҳор, ҳатто, чӯбҳои қафаси парранда низ гул мекунанд ва агар булбулро дар ин фасл аз қафасаш бикушоӣ, худро ғариб ҳисоб мекунад ва гулистони қафаси худро азизтар медонад:

*Чунин ки чӯби қафас пургул аст булбулро,*
*Ғариб сохта сайёдаш, ар раҳо кардаст* (8, 143).

Калим қайд мекунад, ки ғунчаро саҳл магиред, он низ бо он ки баҳор гираҳашро кушудааст, худ гираҳкушойи дигарон аст. Басо уқдаҳоеро, ки ин ғунчаи лаббаста аз хотирҳо кушодааст:

*Чи уқдаҳо, ки зи хотир кушуд ғунчаи гул,*
*Баҳор бин, ки гираҳро гираҳкушо кардаст* (8, 144).

Шоир наргисро чун шахси майхорае мепиндорад, ки ҷом дар даст дорад, аммо ин ҷоми ӯ бе май аст. Шояд бе май тасвир кардани ҷоми наргис киноя аз наборидани борон бошад:

*Чу бе маяст, аз он соғари сафолин беҳ,*
*Чи шуд, ки наргис ҷоми худ аз тило кардаст* (8, 144).

Баромадани сабзаҳои тар ва, ба қавли худи Калим, нозукниҳолон чунон нозукона ба қалам оварда шудааст, ки ҳатто бо вазиши боди сояи шохаҳо ин нозукниҳолон об мешаванд ва хотирашон ошуфта мегардад:

*Чунон баромад нозукниҳоли шохаи тар,*
*Ки об гардад аз боди сояи ашҷор* (8, 50).

Баҳор дар андешаи Калим ҳамчун як маъшуқаест, ки ҳар соле як бор қадам бар замин мегузорад ва ошиқони худро шефта мегардонад. Аз омадани баҳор гулҳо низ мешукуфанд ва гӯё ин шукуфтани гулҳо ба хотири пешвози баҳор бошад. Савсан, ки зеботарин гул аст, дар васфи боғу баҳор, аз «хониш»-и зиёд забони худро кабуд кардааст (киноя аз кабудрангии савсан) ва наргис, бо он ки худ қадаҳ дорад, аз шавқи зиёд сар ба қадаҳи лола мезанад (киноя аз часпидани гулҳо ба ҳам):

*Имсол баҳор қадам пештар гузошт,*
*Гул низ аз бисоти чаман по бадар гузошт.*
*Савсан ба васфи гор забонро кабуд кард,*
*Наргис зи шавқ дар қадаҳи лола сар гузошт* (8, 145).

Ба андешаи Калим, баргҳое, ки бод онҳоро аз дарахтон бар болои гулҳо меафшонад, танҳо як барг нестанд. Ин баргҳо мактубҳои ошиқонае мебошанд, ки ошиқони табиат баҳри маъшуқаҳои худ, яъне наргисҳо навиштаанд:

*Барги шукуфа руқъаи маъшуқи боғ буд,*
*З-он бӯса дод наргису бар чашми тар гузошт* (8, 145).

Калим таъкид менамояд, ки дар омадани арӯси баҳор бояд пеш аз сабзаҳо дар канори ҷӯй ҷое ихтиёр кунӣ, вагарна бо омадани сабзаҳо бар ту ҷое нахоҳад расид:

*Дар баҳорон ҷо намеафтад ба дасти кас ба боғ,*
*Пештар аз сабза мебояд канори ҷӯ гирифт* (8, 115).

Дар байти пойин ӯ гуфтааст, ки мапиндоред ғунча бе сабабе хандидааст, хандаи ӯ шакар аст баҳри шири субҳ. Шири субҳ, ки киноя аз сапедадам аст, бе шаккари ғунча, ки киноя аз хандидани он аст, ширинӣ ва лаззате надорад. Ин аст, ки ғунча баҳри ширин кардани субҳ шаккари худро бар ӯ арза медорад:

*Ширинии табассуми ҳар гунчаро мапурс,*
*Дар шири субҳ хандаи гулҳо шакар гузошт* (8, 145).

Калим, ҳатто, ба гул ҳам рашк ва ҳасад бурдааст ва онро чун шахсе бар худ гирифтааст. Ӯ мегӯяд, ки мағрурии гул аз мушти зараш (мушти зар киноя аз зардии мобайни гул) бас набуд, ки боз абри баҳор ба ӯ гавҳари дигаре (гуҳари абр киноя аз борони баҳорӣ) мебахшад:

*Гулро гурури мушти зари хеш бас набуд,*
*Абри баҳор бар сари он зар гуҳар гузошт* (8, 146).

Аз як бориши абр бар гулҳо офаридани чунин тасвире барои ҳар шоири мустаиде даст нахоҳад дод. Аммо, Калим чи басо ба осонӣ аз ӯҳдаи ин эҷод баромадааст.

Калим як қасидае бо номи «Дар мадҳи Абулмузаффар Шоҳиҷаҳон» дорад, ки ин қасида исми мадҳияро дар худ дошта бошад ҳам, дар он тасвири баҳор нақши боризтар дорад. Равоние, ки ин қасида аз ҳайси забон ва услубу баён дар худ дорад, барои ҳар хонандае ҳоҷатеро бахри ташреҳ ва тафсири он ба пеш намеорад. Аҷибтар он аст, ки гӯё ин қасидаро на Калим дар мадҳи Шоҳиҷаҳон суруда бошад, балки худи табиат ва баҳору гулу лола ва булбулу монанди инҳо дар тамҳиди шоҳ сурудаанд. Аз фоида холӣ нахоҳад буд, агар чанде аз абёти интихобии ин қасидаро зикр намоем:

*Саҳоб ороcт боғу бӯстонро,*
*Фидои боғбон кун хону монро.*
*Ҳамон обе, ки гард аз рӯйи гул шуст,*
*Бад-ин сон маст дорад булбулонро.*
*Чунон гулбун гаронбор аст аз гул,*
*Ки булбул баст бар хок ошёнро.*
*Ба гулшан май кашу бар худ махандон,*
*Даҳони ғунчаи пурзаъфаронро...*
*Дар ин мавсим, ки саҳроҳо биҳишт аст,*
*Ба фарзандон раҳо кун хонумонро.*
*Гулу лола, ки мегалтанд бар хок,*
*Тунукзарфанд гӯё бӯстонро.*
*Ба рӯйи сабза мегалтад бунафша,*
*Аҷаб пире, ки мемолад ҷавонро...*

*Чаман, бо он ки ҳамкори Масеҳост,*
*Намебандад руъофи арғувонро.*
*Қабои танг бар тан чок гардад,*
*Шикофад гул ҳисори гулситонро.*
*Ба ҳам омезиши гулҳо чунон аст,*
*Ки гулдаста нахоҳад ресмонро...*
*Баҳори гулшани фирдавс хоҳӣ,*
*Дар ин мавсим бубин Ҳиндустонро.*
*Кунад дандони мораш кори шабнам,*
*Фузун бод айманӣ доруламонро.*
*Хушо мулке, ки аз як обу шамшер,*
*Гулу лола дамад санги фасонро.*
*Ба як дам оби пайкон мешавад сабз,*
*Ҳадаф созад касе гар устухонро...*
*Хатиби фохта бар минбари сарв*
*Маноқибхон бувад Шоҳиҷаҳонро.*
*Забони сабза дар ҳар сарзамин гуфт,*
*Санои сонии Соҳибқиронро...* (8, 57)

**Нақши табиат дар ирфони Калим**. Бояд гуфт, ки табиат ва зебоиҳои он дар ирфони Калими Кошонӣ бетаъсир намондааст, чунки ӯ, чунон ки дар боло дидем, орифе мӯътақид ва қоил бар ваҳдати вуҷуд будааст. Аз вижагиҳо ва мухтассоти ваҳдати вуҷуд он буда, ки ориф бар ҳар чи назар меафканад, дар он партаве аз таҷаллиёти субҳонӣ ва сояе аз танаввуроти илоҳӣ медидааст. Ин мӯътақидоти ирфонӣ хеле пеш аз он ки урафое чун Калим дар маърифати ишқи ҳақ гом биниҳанд, ҳанӯз аз асрҳои VIII- IX пайдо шуда буд. Боязиди Бастомӣ, ки аз маъруфтарин сӯфии ишқпешаи қарни IX аст, дар баёни меъроҷи рӯҳонии хеш барои табйини ҳол истифода аз табиат кардааст: «Мурғе шудам, ки баданаш аз ваҳдоният ва болаш аз даймумия буд ва паридам то ба дарахти ваҳдат расидам ва саранҷом донистам, ки он ҳама чизе набуд ҷуз хидоъ» (38, 44).

Урафо ва мутасаввифа мӯътақид буданд, ки дар ҳар мавҷуд ва наботи табиӣ партави Ҳақтаоло мутаҷаллӣ аст.

Боре дар аҳволи Абӯсаиди Абулхайр нақл кардаанд, ки «Дарвеше аз вай суол кард: ӯро (Худоро - С.О.) аз куҷо талабем?» Гуфт: «куҷо-ш ҷустӣ, ки наёфтӣ?» (38, 44)

Калим ҳам чун урафои мутақаддим дар баёни андешаҳо ва ҳолоти ирфонии худ табиатро низ мустафод шудааст. Ӯ бо он эътиқоде, ки аз ваҳдати вуҷуд дар дили худ дорад, табиатро бо ҳама беканориҳояш ғарқа дар истиғроқот ва инҷизоботи раббонӣ мебинад. Уфтодани баргҳо, бориши борон, дар худ фурӯ рафтани ғунча, рафтани бод, барг кардани ниҳолҳо, бодпаррон гардидани баргҳо ва садҳо мармузоти табиат аз назаргоҳи ваҳдативуҷудии Калим ҳама ба мӯҷиби ҷазби ишқи зоти воҳид тазоҳур мекунанд.

Дар байте Калим мегӯяд: ин ки баргҳо аз дарахтон бар об мефитанд, на аз таъсири бод аст, аз он аст, ки баҳор аз ҳусни ҳайратфишони Худо дафтари ҳусни худро мешӯяд («дафтари ҳусн шустан» киноя аз инкори зебоии баҳор аст), яъне баҳор ҳусни хешро дар қиболи ҳусни офаридгор муназзал медонад:

*Дафтари ҳусни баҳор аст, ки дар аҳди ту шуст,*
*Барги гул нест, ки аз бод дар об уфтодаст* (8, 119).

Ба ақидаи Калим, борон, аслан, на ба ҷиҳати намнок кардани замин фурӯ мерезад, балки аз он аст, ки борон аз олами боло, яъне ҷаҳони увло ва улво, яъне улуҳият хабар меоварад:

*Абр оби дигар ба рӯйи дунё овард,*
*Бояд ба миёни сабза мино овард.*
*Ин ҳарф на ман зи пеши худ мегӯям,*
*Борон хабар аз олами боло овард* (8, 414).

Ба худ фурӯ рафтани ғунча ҳам, ба андешаи Калим, на аз он аст, ки ӯ мартабаи шукуфоиро дарк накардааст, балки аз он аст, ки ҳусни Борӣ мӯҳри ҳайрате дар даҳони ӯ ниҳодааст ва ғунча аз ҳусни хеш инкор мекунад:

*Ғунча яке зи ҷумлаи хуниндилони ту,*
*Рафта фурӯ ба хеш ба фикри даҳони ту* (8, 304).

Калим дар ин байт воқеаи аҷиберо ба тасвир кашидааст:

*Баҳор рафту гуле дар чаман намешукуфад,*
*Сабо ба саҷдаи он хоки остон рафта* (8, 306).

Яъне, боди сабо чун мебинад, ки баҳор рафтааст ва гуле дам аз шукуфтан намезанад, андӯҳгин мешавад ва ба даргоҳи илоҳӣ меравад, то ба зориву илтиҷо аз Худованд баҳорро бозпас биёрад.

Як бузургӣ ва муассирии шоирии Калим он аст, ки ӯ на танҳо табиатро дар ваҳдати вуҷуд ва фикри Ҳақ мустағрақ сохтааст, зиёда аз ин, табиатро ҷиҳати тасвири ҳолати рӯҳонӣ ва мафоҳими ирфонӣ корбаст кардааст. Ба ифодаи дигар, Калим ирфонро дар табиат ғутавар сохтааст ва «табиат дар ирфон»-ро муваҷҷид гаштааст. Масалан, дар ин байт мафҳуми «найли ваҳдат» ва «бархӯрдор шудан аз висол»-ро ба воситаи «гул чидан» ва мафҳуми «Худо»-ро тавассути «боғбон» баён кардааст ва муваҷиди мусталаҳоти табиӣ дар ирфон гаштааст:

*Насиби мост зиён бар сари зиён дидан,*
*Гуле начидану дидори боғбон дидан* (8, 301).

Дар ҷойи дигар «олами малакутӣ» ё «олами арвоҳ»-ро ба воситаи калимаи «гулистон» баён кардааст:

*Назораи дили пурхун зи чоки сина, Калим,*
*Бувад зи рахнаи девор гулситон дидан* (8, 302).

Ончунон ки дида шуд, Калими Кошонӣ на танҳо дар тавсиф ва тасвири табиат эҳтимоми шунуфтание варзидааст, табиатро дар ирфон низ андар овардааст ва на танҳо табиатро дар истиғроқоту инҷизоботи илоҳӣ мустағрақ дидааст, ҳамчунин ба ин восита мухтасс бар худ ирфоне табиӣ эҷод кардааст, ки кас дар вуруд бар ирфони ӯ хаёл мекунад ба гулистоне ворид шудааст. Ҳамин аст, ки ҳар байти Калим, бо он ки бӯе аз олами рӯҳонӣ фишон мекунад, шамими гулзору раёҳинро бар машом мерасонад ва димоғи андешаро муаттар месозад.

Он чи дар бобати хулосаи ин навиштаҳо метавон матраҳ кард, ҳамин аст, ки ин шоири ориф бо он ки хештанро ба ҳаёте ирфонгиро бахшида буд, аз нигоҳ ба ин даҳри «пирзол» ва «фитназой» (иборати худи Калим - С.О.) батамом чашм дарҳам набастааст, чун дар сар то интиҳои ашъори ирфониаш ин нигоҳи ӯ ба ҷаҳону иҷтимоъ мубарҳан аст. Аммо, як чизе, ки дидгоҳи шоирии ӯро ба ин мавзӯот аз назаргоҳҳои бисёрие аз шуарои ҳамзамони ӯ фарқ мениҳад, ин аст, ки Калим ба дунёву иҷтимоъ, инсону хилқат ва табиату коинот асосан аз дидгоҳи ирфонӣ ва фалсафӣ чашм меандозад, ки чунин арзишгузошти ӯ, бе зиёдатгӯйӣ, махсус ба шахси ӯст; чун он чи аз шиносоӣ бо маърифат ва андешаҳои ин шоири ориф матраҳ гардид, маълум шуд, ки ин мард арзишу таърифи ҳикматӣ, ирфонӣ ва фалсафиро болотар аз ҳама арзишҳо мегузоштааст.

Бо вуҷуди он ки Калим шоире ориф буд, аксари умри худро дар иҷтимоъ сипарида буд, ки машоғили дарборӣ ва мансаби «маликушшуароӣ» мисоле аз ин аст. Аммо, бо ин ҳама дар иҷтимоъ ба сар бурдан, ӯ то охир ориф монд ва ба ақидае дигар, Калим дар иҷтимоъ, вале бурун аз он буд:

*Гӯшае гир, ки аз ёди халоиқ биравӣ,*
*На ки аз узлати худ шӯҳрати анқо ёбӣ* (8, 316).

# Боби III

# САБК ВА ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ ЛИРИКАИ КАЛИМ

## 1. Маълумоти умумӣ дар бораи сабки ҳиндӣ

Ҷойи тардид нест, ки сабки ҳиндӣ дар баробари сабкҳои хуросонию ироқӣ ҳамчун як равиши мустақиле дар шеъри форсӣ эътироф шудааст. Аз ин рӯ, пажӯҳиши адабиёти асрҳои XVI- XVII форсу тоҷик бе шинохти комили сабки мазкур натиҷаи кофиеро ба бор нахоҳад овард.

Он асароте, ки ин сабк дар тарвиҷ ва такмили шеъри форсӣ гузоштааст, шоистаи таҳсин ва арҷгузорӣ аст ва нодида гирифтани таъсироти сабки ҳиндӣ дар инкишофи минбаъдаи адабиёти форсӣ, ба хусус назми он, камоли беинсофӣ хоҳад буд.

Оё ин равиши шеърпардозӣ, ки дар адаб ба исми «сабки ҳиндӣ» маъруф шудааст, дар ҳақиқат дорои чӣ гуна ҳайсият, ҳуввият ва вижагиҳое буда, ки тавонист аз асри XVI ба баъд дар назми форсу тоҷик як дигаркуниши ҷиддие ба вуҷуд биёварад?

Он чи ки муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба ин сабк ва вижагиҳои он нигоштаанд, зикр кардани ҳамаи онон дар ин чанд сафҳа кори осоне нахоҳад буд, ҷуз он навиштаҳо, ки иртиботи комилтаре ба ин рисола доранд, зеро ки ин рисола бо адами фарохӣ ва вусъат дар худ маҷоли онро надорад, то ҳама нигоштаҳои муҳаққиқинро марбут ба сабки ҳиндӣ дар худ ҷой бидиҳад. Аз ин ҷиҳат, ҷоиз дониста шуд, танҳо он маълумоте, ки ба таври комилтар дар хусуси сабки ҳиндӣ нигоштаанд, ба таври умумӣ дар ин рисола оварда шавад.

Аз адабиётшиносони хориҷӣ ононе, ки дар ин бобат маълумоти баарзиш додаанд, Шиблии Нӯъмонӣ, Зиёуддини Саҷҷодӣ, Зайнулобидини Мӯътаман, Алии Даштӣ,

Забеҳуллоҳи Сафо, Рикорд Зипули, Суҳайлии Хонсорӣ, Ҳасани Ҳусайнӣ, Саид Ҳамидиён, Эдвард Браун, Ян Рипко, Роҷр Сюри, Аббос Зарёби Хӯйӣ, Партави Байзоӣ, Шамси Лангрудӣ ва дигарон мебошанд. Аз адабиётшиносони тоҷик устод Садриддин Айнӣ, Абдулғанӣ Мирзоев ва Усмон Каримов дар хусуси сабки ҳиндӣ ва вижагиҳои он маълумоте боарзиш додаанд, ки дар нигариш ба нигоштаҳои онон метавон маълумоти кофие дар бобати сабки мазбур пайдо кард.

Дар бобати тасмиаи ин сабк ба исми ҳиндӣ, маҳалли пайдоиши он ва ихтилофи назар андар ин номгузорӣ, агарчи дар адабиётшиносии тоҷик тадқиқоти мукаммале дар дастрас нест, бояд гуфт, ки ин мавзӯъ аз назари адабиётшиносии хориҷ ба яксӯ намондааст, ба хусус адабиётшиносии эронӣ, ки дар он нигоҳе жарфтар бар вижагиҳои ин сабк афкандаанд.

Адабиётшиносони эронӣ дар ин бобат бар се назар ва ақидаанд, ки зикри ин ақоиди ихтилофпазир орӣ аз фоида нахоҳад буд:

1. Ақида бар он ки сабки мазбур ҳиндӣ нест, эронӣ аст, хусусан шерозӣ

2. Ақида бар он ки ин сабк танҳо сабки ҳиндист

3. Он ки ин сабк на ҳиндӣ аст ва на эронӣ, балки сабки талфиқӣ аст, ки ба кӯмаки ду сарзамин ба вуҷуд омадааст.

Гурӯҳи аввалӣ иддао доранд, ки ин сабк, аслан, эронӣ аст ва маҳалли пайдоиши он ҳам сарзамини Эрон аст. Аз ҷумла, Суҳайлии Хонсорӣ (126, 15; 73, 263), Қамари Ориён ва Ҳасани Ҳусайнӣ бар онанд, ки таҳкурсии ин равиши навро Бобо Фиғонӣ-шоири навпардози асри XVI Шероз гузошта ва аз ин ҷиҳат муваҷҷиди асосии ин сабк ҳамин шоири эронист ва бад-ин ҷиҳат маҳалли бавуҷудоии он ҳам Эрон аст, на дигар сарзамине. Қамари Ориён дар ин бобат чунин навиштааст: «Шояд аввалин аксуламали ҷиддӣ, ки дар муқобили сабки ироқӣ пайдо шуд, аксуламали Бобо Фиғонӣ буд, ки чун худаш аҳли мадраса ва илм набуд ва шуғлаш, чунонки дар «Тӯҳфаи Сомӣ» омадааст, чоруқдӯзӣ буд, тарзи ӯ иборат шуд аз ворид кардани аф-

кор ва тахайюлот ва тағйироти табақоти омма дар насҷи ғазал» (73, 263).

Ҳасани Ҳусайнӣ, ки мӯътақид бар ақидаи аввал аст, ҳамчунин мегӯяд: «...баъд аз Фиғонӣ бештари шуаро сабки ӯро тақлид кардаанд ва кам-кам ин шева ба вуқӯъгӯйӣ гиройидааст» (126, 15).

Аммо, Яҳёи Оринпур, ки мӯътақид бар ақидаи дуввум аст, бар хилофи се тан аз муҳаққиқини мазбур, муддаист, ки ин сабк ҷуз аз ҳиндӣ нест ва маҳалли пайдоиши он ҳам Ҳиндустон аст. Ин муҳаққиқ мегӯяд: «Шоирони эронӣ ба ташвиқи шоҳи гураконӣ ва усмонӣ дар пайи маонии бисёр дар лафзи андак ва мазомини борик ва бадеъ рафтанд ва дар пайи ин талош сабкеро ба вуҷуд оварданд, ки баъдҳо ба сабки ҳиндӣ шӯҳрат ёфт» (135, 39; 48, 3- 15; 50, 5- 20).

Носириддиншоҳи Ҳусайнӣ ва Сайд Ҳамидиён, ки шомили гурӯҳи сеюманд, ақида доранд, ки: «Сабки исфаҳонӣ нисбат ба Ҳиндустон ҳукми гиёҳ ва дарахтеро пайдо кард, ки ҷиҳати рушди хеш буме муносиб ёфта, шеваи мутадовили Ҳиндустон шуд ва ба сабки ҳиндӣ маъруф гардид» ва ин сабке талфиқӣ аст, ки ба кӯмаку таъсири муҳити ҳиндӣ дар шеъри форсӣ мавҷуд гашааст (120, 32- 41).

Ростӣ, он чиро, ки муҳаққиқини мазкур нигоштаанд, ҳеч кадоме ҷиддан маҳалли тардид қарор нагирифтаанд, чун он кӯшишҳое, ки онон дар ин бобат кардаанд, ҳамагӣ дар пайи дарёфти ҳақиқат ҳастанду бас.

Адабиётшиноси тоҷик устод А.Мирзоев ва муҳаққиқи рус устоди шаҳир Е.Э.Бертелс бар онанд, ки ин сабк аз Ҳинд реша бар кардааст ва асосгузори он Амир Хусрави Деҳлавӣ аст (79, 32). Аз ҷумла, А. Мирзоев дар ин бора гуфтааст: «Оре, дуруст аст, ки сардафтари сабки ҳиндӣ - Амир Хусрави Деҳлавӣ (1235- 1325) аз мавзӯъҳои анъанавии достонии адабиёти форс-тоҷик сар берун карда, дар мавзӯъҳои ҳаётии замони худ, монанди «Қирон-ус-саъдайн», «Нӯҳ сипеҳр» ва «Мифтоҳ-ул- футӯҳ» асарҳо таълиф намуд ва чи навъе ки худи адабиётшиносони Эрон тасдиқ мекунанд, ӯ «монанди шуарои дигари Ҳинд лаҳн ва латофати хоссе дошт ва дар истеъмоли баъзе луғот ва

таркибҳо то ҳадде аз истилоҳи маъмулии шуарои Эрон» (Ризозода Шафақ. Таърихи адабиёти Эрон. саҳ. 311- А. М.) дур мешуд... « (79, 33).

Сабки ҳиндӣ дорои вижагиҳо ва аломоти махсуси худ ҳаст, ки ин махсусиятҳо дар сабкҳои дигар ба нудрат ёфт мешаванд ё худ тамоман вуҷуд надоранд. У. Каримов ва Зайнулобидини Мӯътаман ҳафт хусусияти ин сабкро дарёфт карда ва ташхис додаанд (70, 118; 64, 406- 414). Шамси Лангрудӣ низ, бо он ки вижагиҳои зиёди сабки ҳиндиро дар мисоли сабки Калим дарёфтааст, шаш хусусияти асосии ин сабкро бозгӯ кардааст (120, 65- 76).

Бояд қайд кард, ки андешаронии се муҳаққиқи мазбур ихтилофи назаррасе аз ҳамдигар надоранд, ҷуз чанд нуқтаи аз ҳам фарқкунанда. Дар натиҷагирӣ аз нигоштаҳои ин муҳаққиқон оид ба хусусиятҳои сабки ҳиндӣ чунин вижагиҳоро метавон ташхис дод: диққат дар маҳсусот ва машҳудоти рӯзмарра ва нуфуз дар ҷавоҳири ашё ва падидаҳо (120, 65); шахсият бахшидан ба ашё (120, 67- 68); нуқтасанҷӣ ва диққат дар ҷузъиёт (120, 68-76); иҷоз ва иҳом (70, 117); ҷустуҷӯи маънии бегона (70, 116); печидагӣ, пӯшидагӯйӣ ва ибҳом (70, 116); шуюъи санъати ирсолулмасал ва фаровонии тамсил (64, 406- 414) ; фаровон истифода кардани ташбеҳот ва касрати истеъмоли истиорот (117, 400- 414); касрати истеъмоли санъати тақобул ва муроотунназир (70, 400- 414); истифодаи санъати иғроқ (120, 72); касрати истеъмоли алфози омиёна ва калима, ибора ва таркибҳои халқӣ (23, 191).

Ин чанд хусусияте, ки дар бобати вижагиҳои сабки ҳиндӣ зикр гардид, албатта, чунонки дар боло қайд карда шуд, маҳсули тадқиқоти муҳаққиқини баруманде чун Зайнулобидини Мӯътаман, А. Мирзоев, У. Каримов, Шамси Лангрудӣ, Роҷр Сюри ва Зиёиддини Саҷҷодӣ мебошанд, ки дар он тардиде ҷой нахоҳад дошт.

### 2. Сабки Калими Кошонӣ.

Он ёздаҳ хусусияте, ки дар натиҷагирӣ аз андешаронииҳои муҳаққиқини мазбур перомуни сабки

ҳиндӣ гирифта шуд, бе ҳеч шакке, дар тарзи шеърофаринии Калим ҳам дида мешаванд ва исботи равшани хусусиёти мазкурро метавон дар мисоли эҷодиёти пурмӯҳтавои ин шоири пурмоя пайдо кард. Беҳуда нест, ки Калими Кошониро муҳаққиқон ба иттифоқ аз пешгомон ва мураввиҷони сабки ҳиндӣ ё «тарзи тоза» эътироф кардаанд.

Калими Кошонӣ дар ҳама анвоъи шеърӣ дастболост ва дар эҷоди ҳама гуна шеър тарзи махсус ва ҷадидеро ба кор бурдааст.

Бояд зикр кард, ки Калим пеш аз он ки як нозим бошад, шоир аст, чун дар шоирии Калим шеърияти ӯ бар назмияташ тасаллут дорад. Маънӣ ва мазмун барои ӯ назар ба лафз ва такаллум аҳамият ва манзалати бештаре дорад. Шиблӣ дар ин бобат гуфтааст: «Шоирӣ дар назди аксаре сирфан иборат аст аз қуввати тахайюл ва агар ин ҳарф саҳеҳ бошад, Калим саропо шоир аст, чӣ ҳар шеъри ӯ як манзаре аст аз қуввати тахайюл. Тамоми олам ва тамомии воқоеъи олам шоирро ба воситаи неруи тахайюл ба сурати хосси дигаре ба назар меояд» (121, 185).

Кам шоире дар адабиёти форсу тоҷик дида мешавад, ки дар ашъори ӯ маонӣ бар алфоз чира гарданд. Калим яке аз он шуарои банудратёбанда аст, ки дар сар то интиҳои ашъораш маонии ӯ ғолиби алфозаш ҳастанд. Оё метавон маонии зерро дар қаволиби аз ин кӯтоҳтаре ҷой дод:

*Дафтари ҳусни баҳор аст, ки дар аҳди ту шуст,*
*Барги гул нест, ки аз бод дар об уфтодаст* (8, 119).

Яъне: ин ки баргҳо аз таъсири бод дар обҳо мефитанд, дар ҳақиқат, худ барг нестанд, балки дафтари ҳусни баҳоранд, ки дар баробари ҳусни ту (зоти Борӣ) оҷиз ва мутаҳайир мондаанд ва бар обҳо худро партоб кардаанд.

Дар байти дигаре Калим мегӯяд:

*Ҳайрате дорам, ки гардун ба доноён бад аст,*
*Ӯ, ки натавонад миёни неку бад тамйиз кард* (8, 178).

Яъне: дар ҳайратам аз он ки гардун худ наметавонад тафзили неку бадро бикунад, аз чӣ аст, ки ҳамвора ба доноён рӯйи бад дорад.

Дар ин байт низ маониеро, ки шуаро, аксаран, дар чанд байт танзим мекунанд, дар як байт ва балки дар як мисраи охир ғунҷондааст:

*Баъд аз ин торикии шабҳо ба худ хуш кун, Калим,*
*Шиква кам кун, дар чароғи ахтарон равған намонд*
(8, 156).

Яъне: Калим аз ин ба баъд торикиҳои шабҳоро хуш кун ва шиква камтар кун, зеро дар чароғи ахтарони бахти ту равғане намондааст.

Партави Байзоӣ қайд кардааст, ки сабки сухангустарии Калим ҳам тарзи шеърофаринии Соиби Табрезӣ ва Қудсии Машҳадӣ аст. Ва бояд қайд кард, тарзе ки Соиб ва ҳамқадамони ӯ дар эҷоди ашъор ба кор бурдаанд, иборат аз бакоргирии забоне сода якҷо бо алфози фаровони омиёна, тоза ва бетакаллуф, истифодати вофире аз саноъоти шеърие чун ирсолулмасал, яъне мисолия, иҷоз ва иҳом, ташбеҳ ва истиора, тақобул ва муроотунназир, иғроқ, бар хилофи шоирии мутақаддимин диққати бештар ба маҳсусот ва воқеият, шахсият бахшидан ба ашёъ, диққат ба бориктарин ҷузъиёти олам ва коинот, ҷустуҷӯи маонии бегона, пӯшидагӯӣ ва ибҳом, эҷоди маонӣ ва мазомине тоза, дарёфти абёте пурмағз ва пуртахайюл ва монанди инҳо мебошад.

Ҳасани Ҳусайнӣ дар «Бедил ва сабки ҳиндӣ» қайд кардааст, ки саромади ин тарзи сухангустарӣ Бобо Фиғонии Шерозӣ аст ва Калими Кошонӣ, Толиби Омулӣ, Ҷалоли Асир, Салими Теҳронӣ ва Зулолии Хонсорӣ пайравони ваянд. Ба ақидаи муҳаққиқи мазкур, шуарои номбурда каме аз тарзи Бобо Фиғонӣ инҳироф ҷуста, нозукхаёлиро ихтиёр кардаанд. (126, 15)

Сабки ҳиндӣ, аслан, иборат аз ҳамон хусусиётест, ки зикрашон дар боло рафта ва ин тарзи эҷоди шеър дар назди шуарои сабки мазкур бештар ба унвони «тарзи тоза» маъруф будааст. Калим ҳам муддаӣ аст, ки шоири тарзи тоза аст:

*Гар матои сухан имрӯз касод аст, Калим,*
*Тоза кун тарз, ки дар чашми харидор ояд* (8, 184).

Аз як ғазали Калим фаҳмида мешавад, ки ӯ худро дар мазмунофаринӣ пайрави Мирзо Ҷалоли Асир-шоири муосири ӯ, ки бо мазмунофаринӣ муштаҳир гашта буд, хондааст. Ва ҳам аз ин ғазал муайян мегардад, ки ӯ худро шоири мазмун, яъне маънӣ муаррифӣ кардааст, на чизе ҷуз ин:

*Баҳри бозӯи ҳунар нанвиштаанд,*
*Ҳеч таъвизе чу тӯмори сухан.*
*Ғайри ёроне, ки маънӣ мебаранд,*
*Кас намебинам харидори сухан.*
*Мирзои мо, Ҷалолуддин бас аст,*
*Аз сухансанҷони талабгори сухан.*
*Ростии табъаш устоди ман аст,*
*Каҷ ниҳам бар фарқ дастори сухан* (8, 299).

Чунонки қаблан гуфта шуд, Калим дар эҷоди ашъор забоне сода, равон, тоза ва бетакаллуф дорад, ки гӯйӣ забони ӯ забоне гуфтугӯйист. Дар тамоми анвои шеърӣ ӯ аз истифодаи забони сода иҷтиноб напазируфтаст. Забеҳуллоҳи Сафо дар ин хусус гуфтааст: «Дар маснавиҳояш забоне сода ва гоҳ дур аз инсиҷом ва устуворӣ дорад... Ва ҳамин забони содда дар қасидаҳои худ низ ба кор дошта, лекин дар ин маврид сару кораш бо офариниши мазмунҳо ва таъбироти хаёлӣ ва истиорӣ дар баёне наздик ба забони гуфтугӯйист... Аммо, ҳамчунонки гуфтем, маҳорат ва шӯҳрати оламгири Калим дар ғазалҳои ӯст, ки дар онҳо забоне сода ва гуфтори равон... ҳамроҳ карда...» (60, 450). Ин навиштаҳои муҳаққиқи мазбурро худи Калим ҳам дар ҷое аз ғазалиёти худ иқрор мекунад:

*Калим, ар шеър рангин нест, байти сода мегӯяд,*
*Арӯси тангдастон беш аз ин зевар намедорад* (8, 202).

Бо он ки Калим дар сар то интиҳои ашъори худ, бахусус дар ғазалиёташ саноoти гуногуни шеъриро коргир шудааст ва бо он ки ӯ дар эҷодиёташ мазмун ва маъниро бештар бар лафз тарҷеҳ додааст, боз ҳам дар ҳама маврид аз истифодати забоне сода ва равон канорагирӣ накардааст. Дар адабиёти на танҳо форсизабони Ҳиндустон, уму-

ман дар адаби кулли форсӣ кам шоире дида мешавад, ки аз ҳайси хоксорӣ дар забон ва мухолифат бар такаллуфи забонӣ дар мартабати Калими Кошонӣ буда бошад. Масалан, ин ғазали шоир, ки намунаи шунуфтание аз ашъори равони сабки ҳиндист, аз фарти содагӣ ва шевоӣ, гӯйӣ, дар чаҳорчӯби вазн ва қаволиби шеърӣ қарор надорад:

*Он сарви равон то ба гулистон гузаре дошт,*
*Парвонасифат гул ҳаваси болу паре дошт.*
*Дил аз хами зулфи ту бурун рафту нагуфтӣ,*
*К-ин ҳалқаи мотамзадагон навҳагаре дошт.*
*Гоме ба ғалат ҳам сӯйи мақсуд нарафтем,*
*Гӯйӣ, раҳи оворагиям роҳбаре дошт.*
*Пайваста чу оина туфайлии нигоҳам,*
*Ӯ сӯйи ман афканду назар бо дигаре дошт.*
*То шуд мижа беашк, фитод аз назари ман,*
*Акнун чӣ кунам ришта, ки гоҳе гуҳаре дошт.*
*Бе об дар ин бодия як гом нарафтем,*
*Ҳар нақши қадам дар раҳи ӯ чашми таре дошт.*
*Ошуфтагии зулфи ту рабт аз суханам бурд,*
*3-ин пештар ин ришта шӯрида саре дошт.*
*Парвона касе дар қафас ин шамъ накардаст,*
*Дар пойи ту афшонд, агар болу паре дошт.*
*Мангар ба Калим аз сари хорӣ, ки дар ин боғ;*
*Ин хорбуни сӯхта ҳам баргу баре дошт* (8, 107).

Бо хондани ғазали мазбур кас хаёл макунад, ки дар байни калимоту ҷумлаҳои абёти он иртибототи зоҳирӣ мавҷуд нест, чун дар он ҳеч сактае ба назар намерасад. Калимоти равонеро аз қабили: сарви равон, парвонасифат, мотамзадагон, навҳагар, оворагӣ, ошуфтагӣ, пештар, ришта, хорбун ва монанди инҳо, ки Калим дар эҷоди ин ғазалаш интихоб кардааст, бар шевоии он боз ҳам афзудааст. Дар ин ғазал, ҷуз аз салосат ва шевоӣ, ки дар ҳама вожаҳояш пайдост, ягон калимае дида намешавад, ки аз ҳайси дарёфти маънӣ мушкил бошад. Ташбеҳот ва истиороте, ки дар абёти ин шеър дида мешаванд, боиси ғаномандӣ, зебоӣ ва тазоюди фасоҳати он гардидаанд.

Аввалин ибораи ин ғазал - «сарви равон» худ мустаори хубест. «Парвонасифат» низ ташбеҳе мӯъҷаз, мухтасар ва зебост. Мисраоти 6-ум ва 7-уми он низ ташбеҳ доранд. Ғазал аз ҳайси мазмун ирфонист. Мавқеи тахайюл дар ин ғазал бас баланд аст. Масалан, танҳо ин байт ҳар хонандаро ба тааммул во медорад:

*Гоме ба ғалат ҳам сӯйи мақсуд нарафтем,*
*Гӯйӣ, раҳи оворагиям роҳбаре дошт* (8, 107).

Яъне: қадаме дар роҳи мақсуди худ ба бероҳа нафарсудем, ҳамвора дар як росто гом ниҳодем, аз чӣ бошад, ки доиман саргардонем; гӯӣ ин раҳи оворагии ман роҳбаре дорад, бо он ки ҳамвора гоме мустақим мениҳам, натиҷаи он ҷуз аз саргардонӣ чизеро ба бор намеоварад.

Чунонки дар маснавиёти Калим дида мешавад, ӯ ҳатто аз истифодаи алфози бумӣ ва ҳиндӣ чашм напӯшидааст ва бе аҳамият бар он ки суханони ӯро форсизабонони бурун аз Ҳиндустон мефаҳманд ё на, алфозеро ихтиёр карда, ки мухтасс бар муҳовароти танҳо форсигӯёни Ҳинд мебошанд. Дар як маснавие, ки ба исми «Таърихи Акбаробод ва боғи Ҷаҳоноро» дар девони ӯ ҷой дорад, калимоти зиёдеро аз лафзи ҳиндӣ истифода кардааст, ки хонанда танҳо тавассути луғат метавонад аз ин калимот маъниро дарк кунад. Масалан, дар ин се байт аз маснавии мазкур ду калимаи ҳиндӣ истифода шудааст:

*Зи мавзунони назар дарюзадорам,*
*Ки васфи <u>булсариро</u> менигорам.*
*Ниҳолаш баски уфтодаст мавзун,*
*Каҷиро бурдааст аз реша берун.*
*Ниҳоли булсарӣ дар даври лола,*
*<u>Хиёрадор</u> мегирад пиёла* (8, 347).

Мураттиби девони Калим дар шарҳи ин луғат навиштааст, ки: «булсарӣ» номи дарахте дар Ҳиндустон аст, ки омма онро мӯлсарӣ мехонанд ва дар фарҳанги «Ғиёсуллуғот» ваҷҳи тасмиаи он чунин зикр гардидааст: <u>бул</u>- ба маънии пешоб ва <u>сарӣ</u> ба маънии асб аст ва чун ин

дарахт аз пешоби асби ҳазрати Сулаймон ба вуҷуд омада, бад-ин ном хонда щудааст; хиёрадор- номе аст барои зарфҳои мисин, ки рӯйи он дорои кунгура аст ва ин истилоҳ акнун ҳам мутаводил мебошад (8, 347). Дар ҳамин маснавии мазкураш маънии «ҳусни дар ниҳояти зебоӣ»-ро ба мафҳуми «ҳусни шуста» баён кардааст:

*Зи ҳусни шустаи дубе чӣ гӯям,*
*Аз он бепарда маҳбубе чӣ гӯям* (8, 347).

«Дубе», мувофиқи нишондоди Партави Байзоӣ, ба забони ҳиндувон зарфи рахтшӯйиро мегуфтаанд. Албатта, дар назм овардани калимаи номаъмул, агарчи форсӣ бошад, боз бар болои он овардани калимае бегона барои ҳар хонандае ишколотро ба пеш меоварад.

Форсизабонон мафҳуми «фош кардан»- ро бо мафоҳиме чун «дарёфтан», «фаҳмидан» ва «парда аз рух бардоштан» ва «ифшо кардан» маънидод мекунанд. Аммо, Калим ин мафҳумро бо калимаи «каҷагул», ки хосси танҳо форсигӯёни Ҳинд аст, маънӣ додааст, ки маълум аст, форсигӯёни ғайрӣ аз он чизеро фаҳм намекунанд. Мувофиқи қавли Партави Байзоӣ, «каҷа ба фатҳи коф ангуштари бенигин (ҳалқа) ва «каҷагул кардан» истилоҳе аст барои касоне, ки дар ангуштарбозӣ бурранда мешаванд, зеро ҳалқаро дар мушт кашф мекунанд. Ин истилоҳро шуарои он аср аксаран дар мавриди фош шудани асрор ба кор бурдаанд» (8, 392):

*Зи бас дар сарзаминаш мор махфист,*
*Ба мулкаш мушти хоке бе каҷа нест* (8, 392).

Яъне, хонанда қабл аз он ки бидонад каҷа чӣ лафзест ва чӣ маъние дорад, бояд дар болои мушти хок ва мушти хоки бе каҷа тааммул кунад ва агар ҳам ӯ дарёбад, ки каҷа ангуштаре будааст бенигин, бояд ҳам дар пайи дарёфти мушт шавад, то бидонад, ки Калим ин мафҳумро ба чӣ маҷозе гуфтааст. Маънии ин байт чунин аст: дар сарзаминаш- Ҳиндустон ончунон морҳои хуфта ва махфӣ бисёранд, ки гӯйӣ хоки ин сарзамин бо одамон каҷагулбозӣ

дар сар дорад ва морҳояшро, ки мисли кача ва ангуштар ҳалқа задаанд, дар мушти худ ниҳон ва махфӣ мекунад, ки: дарёбед качаҳои маро.

Албатта, ин истифодоти Калим ва дигар шуарои сабки ҳиндӣ аз алфози бегона ва калимоти нофасеҳ ва бозорӣ мӯҷиб бар костагии шеъри онон аз ҳар ҳайс, бахусус аз ҳайси забонӣ, мегардад. Ҳамин ҷиҳат будааст, ки мунтақидини сабки ҳиндӣ ин равиши шуарои мазкур, билхосса Соиб ва Калимро аз маоиби шеъри онон нишондод кардаанд. Зайнулобидини Мӯътаман дар ин бобат гуфтааст: «Пайравони сабки ҳиндӣ аз истеъмоли калимоти бозорӣ ва мубтазил ва алфози ғайрифасеҳ парҳез надоштаанд. Бояд пазируфт, ки ашъори сабки ҳиндӣ аз назари лафз зиёд фасеҳ нест ва бар рӯйи ҳам таваҷҷӯҳи шоир ба маонӣ ва мазмун беш аз лафз ва зоҳири иборат будааст» (63, 418).

Ҳақ бар ҷониби муҳаққиқи мазбур аст, ки мегӯяд: мӯҷиби ин адами таваҷҷӯҳ бар дақоиқи забонӣ ҳамон ҳусни таваҷҷӯҳи онон бар маънӣ ва лафз будааст, чи аз байти зикркардаи Калим пайдост, ӯ бе он ки бар матонат ва устувории забон бикӯшад, бар маонӣ бештар аҳамият додааст ва ҳатто баҳри тазайюноти маънии хеш алфози дар бозор мутадовилро ихтиёр кардааст.

Агарчи наметавон гуфт қасоиди Калим батамом орӣ аз ҳамчунин маоибест, инкор наметавон кард, ки ин навъи шеърии ӯ аз бесобиқатарин анвои шеърӣ дар адабиёти форсизабони Ҳиндустон эътироф шудааст.

Шиблии Нӯъмонӣ Толиби Омулиро аз бузургтарин қасидасароёни адабиёти форсӣ эътироф кардааст ва бо он ки гуфтааст: ин шоир дар эҷоди қасида ба воситаи истиороти шӯх ва наву тоза аз Калим пешӣ дорад, ҳамчунин қайд кардааст, ки дар дигар авсофи қасоид Калим аз Толиби Омулӣ хеле пешқадам аст (121, 181). Авсофе, ки дар қасидасароии замони шуарои мазкур бештар мавриди таваҷҷӯҳи шоирӣ қарор мегирифт, ба ақидаи Шиблӣ, маҳдуд бар муболиға, ташбеҳ, ҳусни таълил ва муғолитаи шеърӣ ва монанди инҳо буд. Дар шиносоии комил бо

қасоиди Калим метавон пай бурд, ки ӯ дар ҳама ин авсоф дасти болое дорад.

Забони қасоиди Калим ҳамон забони сода ва равонест, ки дар маснавиёташ ба кор бурдааст. Дарёфти маонии тоза ва хаёлбофиҳои ҳунармандона онро боз зеботар ва пуробуранг сохтааст. Масалан, дар қасидае бо номи «Шиква аз ибтило ва чарб ва обила ва мадҳи Муҳаммад Амин» ӯ чунин абёте дорад, ки аз ҳайси забон шоистаи таҳсин аст:

*Магар нишемани мурғи аҷал шавад тани ман,*
*Ҷараб фишонд бар андоми хастаам арзан.*
*Ба мӯйи ман бингар дар миёни обилаҳо,*
*Чу хайли мӯр, ки ёбанд роҳ дар хирман.*
*Зи баски хуб шукуфтаст гулситони ҷараб,*
*Замон- замон шавадам хор- хори гул чидан.*
*Агар на баҳри ғамам, пас кафам чаро садаф аст,*
*Ки донаи ҷараби ӯст рашки дурри адан...* (8, 27-28).

Пӯшида нест, ки мақсуди аввалдараҷаи шуаро аз эҷоди қасоид мадҳи шоҳ, ҳоким ва нафаре маснаднишин аст. Калим ҳам дар бисёрие аз қасоидаш аз ин варта рахт бурун накашидааст. Аммо аз муҳассаноти қасидасаройии ӯ ин аст, ки хонанда аз тозабаёнӣ ва маъниофариние, ки Калим дар эҷоди ин навъи шеъриаш кардааст, пай намебарад, ки ӯ мадҳи касе гуфтааст. Мӯҷиби ин муҳассаноти қасидасаройии Калим истифодаи бисёр хуби ӯ аз саноотии шеърӣ аст. Шояд ҳам аз ин ҷиҳат бошад, ки Забеҳуллоҳи Сафо дар ин бора мегӯяд: «Хоҳ дар мадҳ, хоҳ дар баёни ҳолоти рӯҳии худ ва хоҳ дар васфҳои табиӣ муболиғаҳои Калим дар ин қасидаҳо, хосса он ҷо, ки сухан аз ситоиши подшоҳ бошад, камсобиқа аст» (60, 145). Дар як қасидаи ӯ бо номи «Дар мадҳи Абулмузаффар Шоҳиҷаҳон» мисоли боризи ин гуфтаҳо дида мешавад. Масалан, дар ҷое, ки сухан аз тамҳид мекушояд, ба ҷойи он ки дар мадҳи шахси мамдӯҳ бикӯшад, мегӯяд:

*Ба давронаш, ки айёми нишот аст,*
*Ҷарас дар ханда мепечад фиғонро...*

*Ба аҳдаш ончунон дар хоби амн аст,*
*Ки бояд посбоне посбонро.*
*Ба мулкаш роҳзан монанди ҷода*
*Ба манзил мерасонад корвонро.*
*Ба аҳдаш адли ӯ вопас ситонад,*
*Чаман аз хок зарҳои хазонро.*
*Ба аҳдаш адли касро ҳар кӣ санҷид,*
*Ба ҳам санҷид қассобу шубонро* (8, 57- 58).

Чунонки мебинем, шоир дар ин порча ба ҷойи он ки фикри хонандаро дар андешаи мадҳи мамдӯҳ во бидорад, хаёлоти ӯро ба олами пуртахайюле ғӯтавар месозад ва ба ҷойи он ки мамдӯҳ дар равони хонанда нақши мусбати мустаҳсане пайдо бикунад, рӯҳи хонанда дар осмони тахайюлот сайр мекунад ва аз маонии олии шоир кайфияте ҳосил менамояд. Хонанда мефаҳмад, ки ин ҳама суханон дар мадҳи шоҳанд, вале бо вуҷуди он дар банди маонӣ ва муболиғаҳои тозабаён дармемонад. Дар ҳамин қасида хонанда хаёл мекунад шоир мадҳи зебоиҳои табиатро мегӯяд, на Шоҳиҷаҳонро ва агар исми шоҳ дар абёт намебуд, ӯ яқин мекард, ки мамдӯҳ табиат аст, на шоҳ:
*Сутуни хонаҳо шуд сабзу қумрӣ,*
*Фаромӯш карда сарви бӯстонро.*
*Хасу хошок з- он сон сабз гардид,*
*Ки булбул мекунад гум ошёнро.*
*Хатиби фохта бар минбари сарв,*
*Маноқибхон бувад Шоҳиҷаҳонро.*
*Забони сабза дар ҳар сарзамин гуфт,*
*Санои сонии Соҳибқиронро...* (8, 58)

Гӯйӣ, Калим намехостааст худаш лаб аз мадҳу таърифи Шоҳиҷаҳон кушояд ва онро ба табиати безабон ҳавола кардааст.

Дар ҳама қасоиди Калим дида мешавад, ки ӯ ба ҷойи он ки чун дигар қасидасароёни мадҳияпардоз дар тавсифу таърифи мамдӯҳ бикӯшад, бештар ба васфи табиат, ҳодиса ва воқеае мепардозад. Ҳатто, дар қисмати аввали

бештаре аз қасоидаш эҳсос мешавад, ки бисёртар дар васфнамоии чизе ғайр аз мамдӯҳ кӯшидааст. Дар қасидаи дигаре, ки низ бо номи «Дар мадҳи Шоҳиҷаҳон» пардохтааст, мисоли равшани инро метавон дарёфт:

*Гардун нишоти кӯдакӣ аз сар чунон гирифт,*
*К-ангуштари кавокибаш аз каф тавон гирифт.*
*Он кас, ки пир зод зи модар ҳалолвор,*
*Худро зи инбисоти табиат ҷавон гирифт.*
*Бӯйи гули ҷавонӣ айём то шунид,*
*Дар боғи умр булбули айш ошён гирифт* (8, 42).

Бо вуҷуди он ки муҳаққиқини сабки ҳиндӣ қасоиди Калимро аз беҳтарин намунаҳои ашъори ин сабк таъриф ниҳодаанд, ғазалиёти ӯро аз қасоидаш арҷ гузоштаву тарҷеҳ додаанд. Онҳо бар он ақидаанд, ки ғазалҳои шоир ҳадди олии шоирии ӯянд. Ба қавли аллома Шиблӣ, «ҳунари аслии Калим ғазалсаройӣ аст» (121, 181).

Забони ғазалиёти Калим дар баробари сода ва равон будан хеле устувор ва матин аст. Дар ин бобат Забеҳуллоҳи Сафо чунин гуфтааст: «Маҳорат ва шӯҳрати оламгири Калим дар ғазалҳои ӯст, ки дар онҳо забони сода ва гуфтори равон ва сухане устуворро бо мазмунҳои ғолибан тоза ва маъниҳои бадеъ ва ногуфта, ки аз андешаҳои ғиноӣ ва ҳикамӣ ва иҷтимоӣ бархостааст, ҳамроҳ карда. Аммо, ин забони сода ва равони ӯ дар ғазалҳояш бештар аз анвои дигар шеърҳояш вожаҳои баргузида ва маҳкам ва «хуштарош» дорад» (60, 145).

Ҳамзамонони Калим ҳар яке дар ғазалсаройӣ равише махсус доранд. Агар Урфӣ дар рушди нуқоти фалсафӣ, Назирӣ дар тағаззул, Толиби Омулӣ дар овардани истиороти шӯх, Ваҳшӣ ва Майлӣ дар муомилабандӣ даст дошта бошанд, Калим дар мазмунбандӣ ва маъниофаринӣ маҳорати бузурге дорад (171, 181).

Ин ки Калим дар офариниши маонии баланд ва мазомини бадеъ дасти болое доштааст, худи шоир ҳам ин ҷиҳати мустаҳсани хешро иқрор кардааст, ки, албатта,

шоиста нест инро ҳамчун худтаърифкунии шоир илқо кард:

*Сайди маъниро, Калим, аз риштаи пуртоби фикр,*
*Ҳеч сайёди сухан аз банда муҳкамтар набаст* (8, 150).

Инкор наметавон кард, ки дар таърихи адабиёти форсу тоҷик кам шоиреро метавон пайдо кард, ки аз ҳайси дарёфти маънии бикр, тоза ва ногуфта ба мартабати Калими Кошонӣ расида бошад; дар шеъри Калим маонии зиёде вомехӯранд, ки пеш аз ӯ ногуфта мондаанд. Агарчи Калим дар ғазалсаройӣ аз ҳайси латофат ва оҳангнокии забон маротиби мутақаддимини хеш, аз ҷумла Мавлавӣ ва Саъдиро дарк накарда бошад ҳам, аз ҳайси дарёфти маънӣ ва мазмун чи басо гӯйи сабқат аз пирони хеш рабудааст. Ҳар сухане, ки ӯ гуфтааст, дар он маънӣ бештар бар лафз чира ва ғолиб гаштааст. Шоирӣ барои Калим, аслан, дарёфти маънии тоза ва ногуфта, ки асрор ва румузи сухан мебошад, будааст. Ва ин дарёфту ифшои маонӣ, ки чизе ғайр аз мукошифаи асрори ҳастӣ нест, чӣ басо бо душворӣ ва заҳамоти зиёде барои шоир ба даст меомадааст:

*Мениҳам дар зери пойи фикр курсӣ аз сипеҳр,*
*То ба каф меоварам як маънии барҷастаро* (8, 93).

Ҳамин дарёфти маонии тоза ва ногуфта ва диққат дар мармузоти коинот ва ҷаҳони хилқат боис шудааст, ки Калим дар офариниш ва таҳаввулоту таҷаддудоти образҳои шеъри форсӣ, бахусус шеъри сабки ҳиндӣ, саҳми гуфтание ба ҷо бигзорад. Истифҳоми дақоиқ ва иктишофи мармузот ҳама чизро барои Калим ҷондор ва маҳсусу малмус гардонда ва ҳама чиз - чи маҳсусоти беҷон ва берӯҳ ва чи номаҳсусотро дар баробари шахси ӯ чун фарде мушаххас во менамояд. Калим, ҳарчанд аз ёдкарди образҳои анъанавие чун Лайливу Маҷнун, Фарҳоду Хусрав ва Ширин ва монанди инҳо дурӣ наҷуста ва аз табйину истифодаи инҳо сарфи назар накарда, дигар ин васоити табйин ва мусавварот барои шахси шоири ӯ он қадр ҳам аз эътирофоту

аҳамият бархӯрдор нест. Чаро ки ӯ бо ҳуши тахайюл ва андеша дарёфтааст, ки ҷуз инҳо чизҳои дигаре ҳастанд, ки тааммуқи бештар доранд ва ҳанӯз ҳам ногуфта мондаанд. Ӯ аз нигоҳе ваҳдатбинона дарёфта, ки ҳама ашёъ ва ғайришайъ ҷондор, маҳсус ва мушаххасанд. Дарёфта, ки санг ҳам дил дорад («Сангро раҳм аз ин сангдилон бештар аст») (8, 129), ғам ва бахт механданду ба хоб меравандд («Ғамро, Калим, шодӣ аз бахти хуфтаи мост») (8, 142), бахт низ дасте дорад ва мисли деҳқон тухм мепошад («Дасти хушки бахти ман ҳар ҷо ки тухмафшон шавад») (8, 171), чарх ҳам мисли инсон даст дорад ва бо ин дасташ корҳое тавонад кард («Сад гулбуни умеди ман аз реша канд чарх» ) (8, 178), сарнавишт қадам мезанад («Сарнавишти тозае ҳар гом дар роҳи ман аст») (8, 121) ва ҳатто соя, ки ҷуз аз дидан коре наметавон бо ӯ кард, аз эҳсосот бархӯрдор аст («Нашнохтааст соя, ки ҳанӯзам бо ман аст») (8, 145), шамиму бод мисли инсон гидякор аст («Шамими хулд гадои диёри Кашмир аст») (8, 144), ниҳолон дасти дуо («Баҳори гулшани Кашмирро дуо кардаст») (8, 144) ва дасти обдеҳ («Ниҳол шамъсифат об медиҳад гулро» ) (8, 48) доранд.

Бояд гуфт, ки дарёфти ин ҳама мармузот ва тасвири ин мусаввароту образҳо муқтазӣ ва ниёзманди тахайюле баланд ва андешае жарф аст.

Калим дар хаёлбофӣ бас нерӯманд аст. Дар бисёрии абёташ эҳсосоти мухайилаи хонандаашро дар осмонҳо парвоз медиҳад. Забеҳуллоҳи Сафо ҳам ин ҷиҳати шоирии Калимро эътироф кардааст ва гуфтааст: «Вай дар маъниофаринӣ ва нерӯи тахайюл... маъруф аст» (60, 145).

Дар эҷодиёти ашъори тозамаънӣ ва пуртахайюл Калим забоне мураккаб ва мушкилро корбаст накардааст ва он чи забони ашъори шоирро дар назари ҳар хонандае рангин ва устувор во менамояд, ҳамин нерӯи тахайюл аст, ки худи Калим бештар бар он назар дорад. Бо он ки бисёрӣ ва аксари калимоти шоир сода ва фаҳмоянд, вале ӯ тавассути ҳунари хаёлбофӣ бад ин калимот маоние офарида, ки қабл аз ӯ касеро манзури назар нагаштааст. Масалан, шо-

ир барои он ки ба маъшуқи худ авзоъ ва ҳолоти тоқатшикани хешро фаҳмонад, мегӯяд:

*Хобам ин аст, ки дар диданат аз ҳуш равам,*
*Хӯрданам ин, ки сари ангушт ба дандон гирам* (8, 262).

Ин, ки маъшуқ гоҳе мешавад даст аз ҷафои дилдодааш бармедорад, ба андешаи Калим, на аз баҳри он аст, ки ӯ тарки ҷафо карда ва рӯ бар вафо ниҳодааст, балки аз ҷиҳат аст, ки маъшуқ мехоҳад дилаш аз зиёдати ҷафокорӣ нагирад:

*Гар тарки ҷафо мекунад, аз баҳри вафо нест,*
*Гаҳ сулҳ кунад, то дилаш аз ҷанг нагирад* (8, 24).

Шоир барои он ки ғамхӯриҳои зиёди хешро во бигӯяд, ин маъниро аз калимаи ғизо дарёфтааст:

*Ғам мехӯрам ба ҷойи ғизо, чун кунам, Калим,*
*Ин аст он ғизо, ки на мӯҳтоҷи иштиҳост* (8, 248).

Шоирони гузашта баҳри канора кардани рӯзи сиёҳ ё бахти бад тадбири зиёде пешорӯ кардаанд. Аммо, Калим, агарчи пастгироёна ё пассивона аст, чунин тадбири наверо пешниҳод мекунад:

*Хоҳем хӯ гирифт ба рӯзи сиёҳи хеш,*
*Мо тирагӣ зи бахт ба тадбир мебарем* (8, 265).

Лозимаи тахайюли нерӯманд тафаккури баланд ва қавӣ аст, ки Калим аз ин ҳайс собиқа надорад.

Шоир барои исботи он, ки одамӣ, чи шаҳрӣ ва чи саҳроӣ, дуруштниҳод аст, мегӯяд, ки магар гили одамро дар айни хилқат нопухта хамр кардаанд:

*Дуруштанд аҳли олам, хоҳ шаҳрӣ, хоҳ саҳроӣ,*
*Қазо нопухта гил кардаст, гӯйӣ, хоки одамро* (8, 102).

Шоир ба мармузтарин асрори ҳаётӣ низ даст задааст. Масалан, ӯ ҳатто ваҷҳи даррондани номаи ошиқ аз тарафи маъшуқро ба ин ҷиҳат далел овардааст:

*Ҳоли дили садпора, ки дар нома навиштам,*
*Дар ёр асар карда, ки нохонда даридаст* (8, 144).

Шоир ба худ ва дигарон суол медиҳад, ки агар бе чашму бе биниш роҳе натавон рафт, пас чаро чун чашмҳо барбандӣ, дарҳол аз ҷаҳони рӯшан ба ҷаҳоне торик мегузарӣ:
*Бе дида роҳ гар натавон рафт, пас чаро*
*Чашм аз ҷаҳон чу бастӣ, аз ӯ метавон гузашт* (8, 124).

Анқо як паррандаест афсонавӣ, ки ба ҷиҳати якто будан ва таҷарруд дар адабиёт ва ривоёти омма шӯҳрат ёфтааст. Аммо, шоир мегӯяд, ки дар оини мо ин яктоӣ ва танҳоӣ ҳанӯз кори тамом дар таҷарруд ва узлат нест, чаро ки ҳарчанд анқо аз халқу ғайри он бигсастааст, дар қайди ном мондааст ва ин гусастагии ӯ вайро дар доми шӯҳрат андохтааст, чи бояд аз ном ҳам бигзашт ва канора гирифт:
*Дар кеши мо таҷарруди анқо тамом нест,*
*Дар қайди ном монд, агар аз нишон гузашт* (8, 124).

Даҳри бемурувват, ки ҳамвора бо халқ ва ҷамъият сари душманӣ дорад, ба фикри Калим, ҳамчун шахси сӯфие узлатписанд аст, ки ҳеч намехоҳад бо халқ сари дӯстӣ ва қаробат бикшояд, то маъшуқ бад-ин иллат аз ӯ дурӣ наҷӯяд ва то ӯ дар хотири маъшуқаш ба бадӣ наравад:
*Даҳрро ҳам машраби узлат писанд уфтодааст,*
*Нест беваҷҳе, ки доим душмани ҷамъият аст* (8, 126).

Барои он ки Калим худро дар баробари ҳама иқрор кунонад, ки чизе аз асрори хилқат бахри ӯ кушода нагаштааст ва аҷзи дониши одамиро дар ифшои он асрор во бигӯяд, ҷаҳони хилқатро як китобе нишон додааст, ки сафаҳоти аввал ва охири он дарида ва уфтода аст. Ба ин ҷиҳат, одамӣ аз аввалу охири худ бехабар аст:
*Мо зи огозу зи анҷоми ҷаҳон бехаба рем,*
*Аввалу охири ин кӯҳнакитоб уфтодаст* (8, 119).

Ин борикандешиҳо ва нозукхаёлиҳо диққати шоирро боз ҳам ба ҷузъитарин зарфиятҳо ҳавола мекунад.

Дар айёми баҳорон хотири одамӣ аз тамошои зебоиҳои асроромези табиат хуш ва кушода мегардад. Калим мегӯяд: ғунчаро бо он даҳонбастагӣ ва гиреҳаш мапиндоред, ки коре аз ӯ барнамеояд, ӯ низ бо он ки худ гираҳе беш нест, боз гираҳкушо низ ҳаст ва ин кушода гаштани хотири инсон аз тамошои ғунча ривоят ва нишоне аз гираҳкушоии ӯст:

*Чи уқдаҳо, ки зи хотир кушуд гунчаи гул,*
*Баҳор бин, ки гираҳро гираҳкушо кардаст* (8, 144).

Ин фурӯрафтагӣ ва гираҳгунагии ғунча, ба андешаи шоир, аз он ваҷҳ аст, ки ғунча низ дар банди ишқи маъшуқи ӯст ва аз фикри даҳони ёри ӯ хиҷолат мекашад ва даҳон фурӯ мебандад:

*Ғунча яке зи ҷумлаи хуниндилони ту,*
*Рафта фурӯ ба хеш ба фикри даҳони ту* (8, 304).

Калим дар дарёфти маонии бегона дасти расое доштааст. Маънии бегона он аст, ки аз чизе чизе бадар орӣ, ки дархӯр ва муносиби он нест ва нисбат додани сифат ва феъле бар як чиз, ки бар он набоястӣ нисбат дод. Чунончи, Калим дар ин байт ба фақр, ки маҳсус нест, либос пӯшондааст ва маҳсусаш кардааст. Бояд гуфт, ки фақр бо ҳасир ҳеч муносибате надорад, аммо бо ин адами муносибат маънии «ҳасири фақр» бар ҷолибияти байт афзудааст:

*Саҳлаш мабин, ки сиккаи мардон ҳамин бувад,*
*Нақши ҳасири фақр, ки бар пайкари ман аст* (8, 116).

Ё худ, барои он ки Калим шиддати муҳаббатро дар худ баён бидорад, бар муҳаббат, ки шайъ ва маҳсус нест, «доғ»- ро насб кардааст:

*Гар ба мо доги муҳаббат гармхун бошад, равост.*
*Рӯзи аввал, чашм чун во кард, моро дидааст* (8, 105).

Гӯё «оҳ» барои шоир ҳайвонест, ки бар он «қофила» бастааст ва гӯё «асар» баҳри ӯ малмус бошад, ки ӯ аз он «кишвар» сохтааст:

*Чунин ки қофилаи оҳ меравад ба шитоб,*
*Ба кишвари асараш фурсати иқомат нест* (8, 106).

Ва гӯё ин «соя», ки бад-он шоир заминро об мепошад, чизе моеъ бошад ва «чанор» мисли одам «даст» дошта бошад:

*Заминро об мепошад зи соя,*
*Чӣ тардастӣ, ки бо барги чанор аст* (8, 7).

Ин дарёфти мазомини бегона номаҳсусотро дар назари шоир малмус ва маҳсус мегардонад ва шоир ба он на танҳо бар беэҳсос ҳиссиёт мебахшад, балки бар ашё низ шахсият меофарад, чунончи бар набошот дасту по ва чашму даҳон эъто мекунад ва табиатро дар ҳаёту воқиоти одамиёна ҷавлон медиҳад ва, ба дигар маънӣ, аз ашё шахсият меофаринад.

Шахсият бахшидан бар ашё, ки дар ашъори шуарои сабки ҳиндӣ нақши боризе дорад, маншаи худро аз назарияи ваҳдати вуҷудӣ дарёфт кардааст. Мувофиқи ин назария, Худо бар ҳама ашёи олам анвори субҳониро таҷаллӣ дода ё партав фикандааст. Манобеи ин назария, ки шоири сабки ҳиндӣ бар ашё шахсият бахшида ва ба номаҳсусот эҳсосот ато кардааст, ончунонки дар сафаҳоти пешин гуфта омад, ҳамон фалсафаи Ҳинди Қадим ва ирфони Ибни ал- Арабӣ мебошад.

Калим аз шамъ чи зебо духтаре офаридааст, ки шармгин ва дорои қомате рост ва рухсоре сурхгуна аст:

*Шамъ бигдохт саропову шуд аз шарм халос,*
*То ба кай хиҷлат аз он қомату рухсор кашад* (8, 177).

Дар хаёлоти шоир на танҳо инсонҳо, ҳамчунин табиатро низ Худо баҳри инсонвор зистан ва баҳравар шудан аз ширинихои ҳаётӣ офаридааст ва баҳри ҳар наботу мавҷуди он коре вогузор кардааст. Ин аст, ки мавҷаҳо

рӯйи худро сӯйи сабзаҳо мениҳанд, то сабзаҳо бар абрӯйи онон вусмакашӣ кунанд; гулҳо бо он сурхие, ки дар худ доранд, дар дастҳои чинор ҳино мебанданд; оби равон ба беҳуда намеравад, ӯ ҳисобгари вақт аст ва тақвим дорад; ниҳолҳо бечун дар буни гулҳо нарустаанд, инҳо боғбонҳоянд, ки гулзорро об медиҳанд:

*Кашида вусма бар абрӯи мавҷа сабзаи тар,*
*Ниҳода партави гулҳо ҳино ба дасти чинор.*
*Шавад зи ҷадвали тақвим кӯҳна оби равон,*
*Кунад рутубати имсол агар асар дар пор...*
*Ниҳол шамъсифат об медиҳад гулро,*
*Чаман надорад имрӯз боғбон дар ко.* (8, 48).

Як чизе, ки тарзи сухани шуарои сабки ҳиндӣ, бахусус Калимро аз шеъри мутақаддимин мутамоиз, мумтоз ва мутафовит гардондааст, печидагӯйӣ дар шеър аст, ки ба туфайли ин дарки сухани сабки ҳиндӣ каме душвор ва тааммулталаб мегардад. Ҳамин печидагӯйист, ки шеъри шуарои мазкур мураккаб ва мушкил гардидааст. Ва бо он ки ин шоирон бад-ин тарзи адо ишколоте дар дарк ва фаҳмиши суханашон ворид сохтаанд, бар хилофи ин, забонашон мустаҳкам ва устувор монда, ки забони ашъори Калим беҳтарин намунае дар ин мавзӯъ аст. Печидагӯйӣ барои шоирони ин сабк бисёргӯйиро мухтасар карда, дар тарзи баёни ихтисорӣ, мӯъҷаз ва муҳкам хидмат намудааст. Аз ин ҷиҳат аст, ки дар бисёрии ашъори Калим хонанда фикр мекунад, ки шоир дар шеъраш сухане ё калимоте ногуфта дорад ё чизе аз калимот дар сухани ӯ коста гардидааст. Аммо, чун бо тааммул маъниро дарк мекунад, бар ин ақида меояд, ки иловаи калимоте дигар мӯҷиб бар зиёдагуфторӣ ё батолати сухан хоҳад гардид. Ҳамин ҷиҳати мӯъҷазбаёнӣ сабаб гардидааст, ки муҳаққиқони сабки ҳиндӣ маонии ашъори Калим ва дигар шуарои ҳамқадами ӯро бар алфоз ва калимоти ӯ риҷҳон ниҳодаанд. Ба ин далел, Калим маъниеро, ки шуарои мутақаддим дар чанд байт бо алфози зиёде баён мекарданд, аксаран дар як байт ё ду байт баён менамояд.

Байти зерини Калим аз беҳтарин намунаҳои печидагуфторӣ дар шеъри сабки ҳиндӣ ба шумор меравад:

*Пайваста чу оина туфайлии нигоҳам,*
*Ӯ сӯйи ман афканду назар бо дигаре дошт* (8, 107).

Манзури шоир аз байти мазкур ин аст: ҳамвора мисли оинаам; оинае, ки одамон дар он менигаранд, вале манзури онон аз ин нигариш на оина аст, балки худи онҳоянд; чаро ки ин оинаи бечора ҷуз аз туфайлӣ будан ва воситагарӣ шоистаи чизи дигаре нест. Маъшуқ ҳам маро чу оина мепиндорад, дар ман менигарад, вале манзури ӯ аз ин нигоҳ на манам, балки худи ӯст!

Чунонки дида мешавад, хонанда бо хондани ин байт хаёл мекунад, ки Калим чизеро аз калимот ногуфта ва ё партофтааст. Дар мисраи дуввуми ҳамин байт хонанда хаёл мекунад, ки Калим вожаи «назар» ё «нигоҳ»- ро дар байни «ман» ва феъли «афканд» партофтааст. Вале, чун ин вожаро пас аз феъли мазкур бармехӯрад, дарк мекунад, ки шоир чизеро яксӯ нафикандааст, балки алфозу калимотро ба бозӣ ва печидагӣ истифода бурдааст.

Дар ин байт низ:

*Рӯзгор андар камини бахти мост,*
*Дузд доим дар пайи хобида аст* (8, 144),

хонанда ба ин хаёлот меравад, ки шоир якчанд калимаро партофтааст; яъне: шоир равшан баён накардааст, ки рӯзгор мисли дузд аст, бахти ман чун шахси хобида аст... ва якбора масал овардааст. Маънии байт чунин аст: Рӯзгор, ки ҳамеша дар камин ва таҷассуси бахти мост, мисли он дуздест, ки доим дар пайи шахси хобида аст. Рӯзгори дузд медонад, ки ман рӯзие бад ва бахте хобида ва бефурӯғ дорам, аз ин рӯ, бо ёфтани ин навоқис ҳамвора дар пайи дуздидани бахти ман аст.

Ҳамчунин, дар ин байт печидагӣ дар гуфтор ба назар мерасад:

*Сайри риёзи олами ҷон бо ҳиҷоби тан*
*Гулзорро зи рахнаи девор дидан аст* (8, 134).

Маънӣ ин аст: тамошои боғу гулзори олами ҷон ва арвоҳ ба воситаи пардаи тан, яъне ин ҷисми касиф мисли онест, ки гулистонро аз шикофи деворҳои он дида медӯзӣ.

### 3. Санъатҳои бадеӣ дар ашъори Калим.

Пеш аз он ки дар бобати истифодаи Калим аз санъатҳои бадеӣ баҳс ронем, ба маврид аст ин ҷо мухтасаран оид ба авзони ашъори шоир чизе мастур созем. Дар ин бора ҳаминро метавон сареҳан истинбот кард, ки Калим, аслан, дар авзони шеъри форсӣ навигарие ба вуҷуд наёвардааст, чунки агар ӯ дар ин бобат чизеро муваҷҷид мешуд, муҳаққиқон ё тазкиранигорон инро қайд мекарданд.

Аз хусусиёти сабки ҳиндӣ ва ба вижа сабки Калими Кошонӣ ин буда, ки дар он маънӣ ва андеша дар мадди аввал меистодааст ва аксаран бар сурату зоҳири сухан ва баён риҷҳон доштааст. Дар истинбот бар ин гуфтаҳо, шояд битавон қабул кард, ки Калим, аслан ба ҷиҳати ҳамин бузургдошти маънӣ бар зоҳиру қаволиби он, дар пайи навоварӣ ва дигаркунишу таҷаддуди авзони шеърӣ нашудааст ва дар ин ҷода танҳо пайравӣ аз мутақаддиминро кофӣ донистааст.

Аз ин ҷиҳат, вазнҳое, ки Калим дар эҷоди ашъори гуногуннавъи худ интихоб кардааст, аслан, ҳамон баҳрҳои мустаъмал ва маъмулу маъруфи арӯзӣ мебошанд, ки то даврони ӯ ва баъд аз вай низ мавриди истифодаи шуарои порсигӯ қарор гирифтаанд, аз қабили: ҳазаҷ, рамал, раҷаз, мутақориб, мутадорик, комил ва вофир...

Калими Кошонӣ аз зумраи он шоиронест, ки тавассути маъниофариниҳо ва эҷоди мазомини тоза тавонистааст дар рушду инкишоф ва гуногунрангиҳои саноати бадеӣ саҳми арзандае бигзорад. Хидматҳои шоистае, ки Калим дар ин бобат адо бинмудааст, бештар ихтисос доранд бар такмил ва тараққии санъатҳои бадеие чун ташбеҳ, истиора, ирсолулмасал, муболиғаю иғроқ, киноя, талмеҳ ва монанди инҳо. Ягон ғазале дар девони Калим вуҷуд надорад,

ки дар он нишоне аз ин санъатҳо набуда бошад, чун ғазалиёт аз анвои бузуртарин ва мустаҳсани эҷодиёти ӯянд.

Агарчанде Калим ҷуз аз санъатҳои мазбур дар такмил ва тараққии санооте ҷиддан кӯшиш накардааст, дар мутолиаи боистании ашъори ӯ, бахусус ғазалиёташ, дида мешавад он кӯшишҳое, ки ӯ дар ғаномандӣ ва нумӯи ташбеҳ, истиора, ирсолулмасал, муболиға, иғроқ, киноя ва талмеҳ кардааст, ҳар яке шоистаи таҳсин ва эътироф аст.

Ташбеҳ дар аксари абёти Калим нақши боризе дорад. Аслан, Калим ҳам дар овардани ташбеҳоти равшан ва ҳам дар эҷоди ташбеҳоти пӯшида дасти расое доштааст. Ташбеҳҳои шоир дар бисёр мавридҳо беҳамто ва нотакроранд. Масалан, дар ин байт Калим ба таври пӯшида мижаи ёри худро ба «офати ҷон», нигоҳашро ба «турки хунрез» монанд кардааст, ки ташбеҳи мазкур камёфт аст:

*Мижаат офати ҷон, турки нигоҳат хунрез,*
*Баста он ғамза ду шамшеру ба ҷанг омадааст* (8, 115).

Дар байти зер низ бо ташбеҳи пӯшида зулфи дарози ёрро ба «шоми ғам» монанд кардааст:

*Сабрам ҳарифи дурии тоқатгурез нест,*
*Шоми ғам аст, ин сари зулфи дароз нест* (8, 115).

Дар ин байт ташбеҳ андаруни маънӣ ниҳон аст ва ин ки Калим мегӯяд хоҳиш ё хостан ҷуз аз гадоӣ нест, гуфтан мехоҳад, ки хоҳиш гадоӣ аст ва ба дигар тарз: хоҳиш ҳамон ё мисли гадоӣ аст, ки низ ташбеҳе пӯшида аст:

*Зи дарди фақр, дило, ғайрате агар дорӣ,*
*Махоҳ марг, ки хоҳиш ба ҷуз гадоӣ нест* (8, 118).

Ҳамчунин, ба таври пӯшида ва ё норавшан шоир дар ин байт ранги шишаро ба «ниқоби оташгирифта» монанд кардааст:

*Шиша аз бода ба рангест, ки мепиндорӣ,*
*Духтари разро оташ ба ниқоб уфтодаст* (8, 119).

Ошиқро дар байти зер Калим ба тарзи пӯшида ба шамъ монанд кардааст, ки пас аз мурдан дигарон қадри ӯро эътироф мекунанд:

*Ошиқ шамъ асту қадри ӯро*
*Вақте донанд, к- аз миён рафт* (8, 111).

Ба ҳамин монанд дар ин байт ёрашро ба подшоҳи ҳусн монанд кардааст:

*Ту подшоҳи ҳуснӣ, машмор бӯса бар мо,*
*Зеро ки айби шоҳон донистани ҳисоб аст* (8, 113).

Дар байти зер, бо он ки ташбеҳи мисраи дуввум бисёр равшан ва фаҳмост, ташбеҳи мисраи аввал бас мубҳам ва пӯшида аст, ки шоир қадамгоҳи худро ба фарши ҳамеша лағзишпазир монанд кардааст:

*Ҳар қадам лағзиданӣ фарши қадамгоҳи ман аст,*
*Чораро ҳам чун қадам пайваста ҳамроҳи ман аст*
(8, 121).

Ҳамчунин, дар ин байт бисёр мубҳам ва норавшан ишқро бар «ҷилваи шамъ» ва бахти тираро бар «шаби тор» шабоҳат додааст ва ташхиси он то дараҷае мушкил аст:

*Ишқро бахти тира дар кор аст,*
*Ҷилваи шамъ дар шаби тор аст* (8, 109).

Ҷуз аз ташбеҳоти пӯшида, ки дар саропои ашъори Калим вомехӯранд, ҳамчунин, ташбеҳоти равшан низ дар қисмати аъзами ашъори ӯ, бахусус ғазалҳояш, дида мешаванд. Масалан, шоир дар байти зер сарашро ба ҷиҳати он ки ҳамвора бехобӣ мекашад, бар шамъ монанд кардааст:

*Намебинад сарам чун шамъ шабҳо рӯйи болинро,*
*Ба чашми дигарон пайваста бинам хоби ширинро* (8, 95).

Дар байти пойин девору дареро, ки аз об саргаштаву осебдида гаштаанд, ба шахсе, ки аз бода масту саргаранг гардидааст, шабеҳ кардааст, чи ба назари шоир, ҳам бода ва ҳам оби дарё як ниҳод доранд:

*Девору дар фитода чу мастон ба ҳар тараф,*
*Кардаст дар ниҳоди ҷаҳон кори бода об* (8, 104).

Бо он ки ин ташбеҳро ғайр аз ташбеҳе равшан дигаре наметавон гуфт, қадре норавшанӣ дорад. Дар ин ҷо мижгони баргаштаи маъшуқро бар «сад ошиқи рӯ бар қафо» шабоҳат додааст:

*Чашми мастатро ғами баргаштамижгони ту нест,*
*Ҳамчу ӯ сад ошиқи рӯ бар қафоро дидааст* (8, 105).

Аммо, дар ин байт ба таври бисёр равшан нигоҳ афкандани ёрро бар бӯйи гул монанд кардааст, аз он ки ҳар ду феъли пахш карданро доранд:

*То нигоҳ афкандаӣ, тасхири шаҳре кардаӣ,*
*Ҳамчу бӯйи гул, ки то бархост, бӯстонро гирифт*
(8, 111).

Ташбеҳоти Калим чунонанд, ки гоҳе ташбеҳи равшанро бо норавшанӣ ва тааммул метавонӣ муайян созӣ ва ташбеҳи пӯшидаро бо осонӣ ва бетааммул. Масалан, дар ин байт бо он ки ёридиҳандаи <u>чун</u> омада, бо мушкилӣ метавон шабоҳати дилро бо лола пайдо намуд:

*Марҳами захми дилам чун лола ғайр аз доғ нест,*
*Чашм дорам ин қадар дилҷӯӣ аз ғамхорият* (8, 122).

Дар ин байт, бо он ки ёридиҳанда пайдо нест, дарёфти ташбеҳ ба осонӣ даст медиҳад:

*Баҳрест зиндагӣ, ки наҳангаш ҳаводис аст,*
*Тан киштӣ асту марг ба соҳил расидан аст* (8, 124).

Яъне, аз назари Калим, зиндагӣ ба баҳр шабоҳат дорад, ҳаводисаш бар наҳангҳои ин баҳр, тан бар киштие, ки ин баҳрро убур мекунад ва марг бар соҳили ин баҳр, чи олӣ ва аҷибе!

Ташбеҳи зер низ равшан аст, дар он шоир фурӯғи оrази маъшуқро дар байни зулфҳои сиёҳаш бар имоне, ки дар кофаристон рӯшноӣ медиҳад, монанд кардааст:

*Фурӯғи оразат аз ҳалқаҳои зулфи сиёҳ*
*Чу рӯшноии имон ба кофаристон аст* (8, 128).

Ҳамчунин, Калим гирифтории худро дар ишқ ба шамъ шабоҳат карда, ки ҳамеша дар банди оташ аст:
*Шамъсон гашта ба ишқи ту гирифтор, Калим,*
*Оташи шавқи туаш то дами мурдан боқист* (8, 129).

Калим дар истифодаи санъати истиора ҳам аз шуарои ҳамзамони худ камӣ надоштааст. Ин ки Шиблии Нӯъмонӣ Толиби Омулиро дар такмили истиорот пешқадамтар аз дигар шуарои сабки ҳиндӣ эътироф кардааст (121, 181), шояд ба он ҷиҳат бошад, ки нақши мисолия ё ирсолулмасал дар ашъори Калим бештар аст, ҳатто аз ташбеҳоту истиороташ, вагарна Калим ҳам дар такмил ва тараққии санъати истиора дар байни шуарои сабки мазкур мумтоз аст ва нақши боризе дорад. Бо вуҷуди ин, истиорот бо рангҳову мазомини гуногунашон дар сар то интиҳои ашъори Калим вомехӯранд. Шоир истиоротеро бар ашъораш музайян гардонда, ки ҳарчанд қисме аз онҳоро шуарои мутақаддим ва ҳамзамони ӯ гуфтаанд, бисёрӣ офарида ва махсуси ӯянд, ба монанди: ашки кавокиб, кӯҳи меҳнат, қабои зиндагонӣ, пойи дида, дасти уммед, рухсори сухан, мулки ҳусн, тири ҷафо, марҳами итоб, қуфли ҳаё, лаби изҳор, гираҳи гиря, дидаи уммед, кишвари меҳр, лашкари баҳор, олами ҷон, теғи ҷавр, чамани хушдилӣ, сайёди орзу, гулистони рух, маҳфили ғам, кӯҳи тоқат, тухми ашк, пойи ашк, остини хома, панҷаи хуршед, забони шона, кӯраи ғам, машшотаи ҳусн, қофилаи ашк, домани айш, тифлони ҳавас, барқи бало, гули хуршед, домони нигоҳ, марги асар, ҷомаи оҳ, кори нола, бӯйи майи афсун, шамъи мино, марги талх ва садҳо истиороти ба инҳо монанд. Қисме аз истиороти боло, ки фаҳмо ва шунида менамоянд, аз он аст, ки шуарои пешин низ ба ин монандро гуфтаанд, аммо он қисме, ки нав ва нофаҳмо метобанд, аз он аст, ки моли махсуси Калиманд ва мухтасс бар сабки шеърофаринии ӯ мебошанд.

Агар битавон бар гуфтаҳои муҳақиқин иқрор кард, ки истиора чизе ҷуз аз ба орият гирифтани калимае нест, Калим дар эҷоди ҳамчунин санъат бас калимотеро баҳри пайдо намудани маонии нав ба орият гирифтааст ва истиороте сохтааст, ки шоистаи ёдоварӣ аст. Масалан, дар ин байт, ғайр аз он ки ташбеҳе дар мисраи аввал овардааст, дар мисраи дуввум ду истиораи зебо сохта, ки ҳарду пӯшида аст: яке- қуфли ҳаё, дигаре- лаби изҳор:

*Аз даҳон гунчасифат даст агар бардорам,*
*Қуфли дигар зи ҳаё бар лаби изҳори ман аст* (8, 122).

Дар байти зер низ, ғайр аз он ки дар мисраи аввал дахли шеършиносонро бар зулф монанд кардааст, дар мисраи дуввум истиораи зебое чун рухсори сухан сохтааст:

*Дахли каҷи ин шеършиносони замона*
*Гар зулф шавад, лоиқи рухсори сухан нест* (8, 118).

Маънӣ ин аст, ки дахли шеършиносон, ҳарчанд бар худашон мақбул аст, лутф ва зебоие дар сухан надоранд.

Шоир аз он ки роҳи мушкилу пурхорро дар ишқ тай мекунад, мегӯяд: ин ки дар атрофи чашмони ман мебинӣ, мижгон нест, хорҳоеанд ва аз он ки шоир ин роҳро бо чашмони худ мепаймояд, дар чашмони худ <u>по</u> сохта, чун маълум аст хорҳо бештар бар по мефитанд, на дар чашм:

*Нест мижгон ба гирди чашм, Калим,*
*Дар раҳат пойи дида пурхор аст* (8, 109).

Шоир барои он ки бигӯяд: барои шахси тангдил аз дасткӯтоҳӣ ва фақирӣ зиндагонии дароз хушоянд нест, аз зиндагонӣ, ки на танҳо мушаххас, маҳсус ҳам нест, қабо сохтааст, ки хеле мӯъҷаз ва муассир баромадааст:

*Ба назди он ки бошад тангдил аз дасткӯтоҳӣ,*
*Дарозӣ айб мебошад қабои зиндагониро* (8, 103).

Аз назари шоиронаи Калим, кавокиб дар шабҳои тор, ки шоир киноятан онро ғамандуд гуфтааст, ашкҳои чарх

мебошанд, ки аз зиёдати ғам чарх ин ашкҳои худро аз чашмонаш фишондааст:

*Ашки кавокиб нигар чархи гамандудро,*
*Гиря фаровон бувад хонаи пурдудро* (8, 99).

Яъне, ба ин воситаи тасвир шоир истиораи «ашки кавокиб»-ро сохтааст.

Дар шеъри зер гираҳи гиря истиора аст:

*Гираҳи гиря ба теғ аз гулӯям во нашавад,*
*Нахли нокомаму уқдаи ғам бори ман аст* (8, 122).

Яъне, шоир тавассути ибораи мустаори худ гуфтан мехоҳад, ки гиря ба ҳеч ваҷҳе аз ман канора намегирад.

Дар байти пойин дидаи уммед ва аз интизор сафед кардан мустаор шудааст, чун уммед узв нест, ки дида дошта бошад ва интизор ранге нест, ки битавонад чизеро сафед бикунад:

*Дидаи уммедро кардӣ сафед аз интизор,*
*Дӯстонро худ набуд ин чашм аз дилдорият* (8, 122).

Маънӣ он аст, ки аз уммедвории зиёде, ки дар роҳат доштаам, ҷуз аз навмедиҳо чизеро надидаам.

Дар байти зер лашкари баҳор истиора аст:

*Аз дастбурди ҳусни ту бар лашкари баҳор*
*Як найза хуни гул зи сари арғувон гузашт* (8, 123).

Яъне: аз дастбурдҳову ғаниматҳои зебоии ту бар лашкари баҳор хуни гул, ки киноят аз ранги сурхи гул аст ва мисли найза аст, бар арғувонҳои баҳор ҳуҷум овард ва сари онҳоро сӯрох ва хунин намуд.

Дар ин байт, ки мисраи дуввум ташбеҳкунанда бар мисраи якуми он аст, риёзи олами ҷон истиора шудааст:

*Сайри риёзи олами ҷон бо ҳиҷоби тан*
*Гулзорро зи рахнаи девор дидан аст* (8, 124).

Дар абёти пойин ибороти теғи ҷавр, дасти қазо, чамани хушдилӣ, сайёди орзу ва тойири мурод мустаоранд, чун

ҷавр, қазо, хушдилӣ, орзу ва мурод номаҳсусанд ва шоир ба воситаи теғ, даст, чаман, сайёд ва тоир аз онҳо чизе маҳсус ва малмус сохтааст:

*Дар куйӣ дӯст хокнишонӣ зи ҳад гузашт,*
*Эй теғи ҷавр, навбати дар хун тапидан аст* (8, 124).

* * *

*Дасти қазо ҳамчу шамъ дар чамани хушдилӣ,*
*Гул ба саре мезанад, к-аш ғами дастор нест* (8. 127).

* * *

*Сайёди орзу ба ҳавои ту пир шуд,*
*Эй тойири мурод, туро ошён куҷост?* (8, 129).

Муболиға ва иғроқ, ҳамчунин, аз дидгоҳи шоирии Калим ба яксӯ намондааст, чун дар шоирии сабки ҳиндӣ будани муболиға ва ҳадди баситу муфрати он-иғроқ нишоне аз муҳассаноти шеърӣ ба ҳисоб мерафтааст (121, 180). Ба ин ҷиҳат, Калим дар ҳама анвои шеъриаш, ба хусус ғазалиёт ва қасоидаш, санъати муболиғаро коргир шудааст.

Бояд гуфт, ки иғроқ ва муболиғаҳои Калим ба он маъниофаринӣ ва тозабаёнӣ, ки доранд, бисёр дилчасп ва ҷолибанд. Масалан, дар як қасидае, ки Калим гирифторӣ ва зиндонӣ гаштани худро дар сарҳадоти Беҷопури Ҳиндустон ҳикоят мекунад, қисмати аъзами гуфтораш иборат аз муболиға ва иғроқ аст:

*Ба ҷурми ин, ки мемонад ба нома,*
*Кашиданд устухонҳоро зи аъзо.*
*Дар он ғавғо зи тарси худ дариданд*
*Малоик номаи аъмоли моро.*
*Чу мижгон пеши чашмон истода,*
*Сиёҳон рӯзу шаб баҳри тамошо.*
*Ишорат кун, ки чун иқбол гардем,*
*Ба хоки остонат ҷабҳафарсо.*

Дар мисраи дуввуми байти аввал муболиға аст: устухонҳоро зи аъзо кашида намешавад.

Дар мисраи чаҳорум, ки Калим мегӯяд: малоик ончунон аз ин ғавғои боздошт дар ҳарос шуданд, ки ҳатто номаи аъмоли моро низ дариданд, то сарҳадбонон хаёл накунанд ин номаи аъмол мактуби ҷосусии мо аст, низ иблоғу иғроқ дорад. Наздикии сиёҳони сарҳадбон, яъне ҳиндувон бо дастгиршудагон, ки Калим онҳоро «мисли мижгон пеши чашмон истода» гуфтааст, муболиға аст.

Байти охир, ки муболиғаи бисёр латиф ва баланд аст, дигар ҳоҷат ба бозгӯӣ надорад.

Санооти мазкурро Калим, ҳамчунин, дар ашъори ирфонии хеш ба кор бурдааст, ки ба ин ҷиҳат хонанда дар ашъори ӯ басе рангингунагӣ ва талаввунро эҳсос мекунад. Чунончи, дар ин байт, барои он ки зиёдати ашкрезонӣ ва бесабрии хешро баён кунад, чунин иғроқе сохтааст:

*Зи юмни ашкам маъмур шуд биёбонҳо,*
*Зи сели гиряи ман сабрҳо ба саҳро рафт* (8, 137).

Яъне: аз юмну баракати ашкҳои ман биёбонҳо сероб гардиданд ва сабрҳо дигар таҳаммули бардошти сели гиряи ман намекунанд!

Ин ки шоир дар ин байт ба маъшуқаш мегӯяд: бе рухи ту ҷаҳон ҳама тангдил аст ва аз тангдилӣ чаман зарфияти гунҷоиши ҳатто як шабнамро надорад, низ иғроқ аст:

*Бе рухат тангдилӣ баски ҷаҳонро бигирифт,*
*Дар чаман арсаи гунҷоиши як шабнам нест* (8, 138).

Абёти зер ҳама иборат аз муболиға ва иғроқ мебошанд:

*Ҳадиси баҳр фаромӯш шуд, ки дур аз ту*
*Зи бас гиристаам, об бурд дарёро* (8, 115).

Яъне: ин дурии ту ҳикояти баҳрро аз хотири ман бизудуд, зеро дар фурқати ту ончунон гиристаам, ки ҳатто дарёро об бурд (обро бо ду маънӣ: оби дарё ва обрӯ метавон фаҳм кард).

*Дар баҳорон ҷо ба дасти кас намеафтад ба боғ,*
*Пештар аз сабза мебояд канори ҷӯ гирифт* (8, 115).

Яъне: дар фасли баҳор ончунон ҷойҳо банд ва азхуд шудаанд, ки ҳатто барои дарёфти ҷое муносиб лозим мешавад пеш аз баромадани сабзаҳо ҷойҳои онҳоро банд ва аз худ кунӣ!

*Аз ҳаёти ҷовидони Хизр назди аҳли дил*
*Ташна мурдан дар канори оби ҳайвон беҳтар аст* (8, 147).

Яъне: барои аҳли дил ва ҳушмандон ташна мурдан дар назди оби ҳайвон басе беҳтар аз ҳаёти ҷовидони Хизр аст!

Ғазали зер низ саропо муболиға ва иғроқ дорад:
*Шамими хулд гадои диёри Кашмир аст,*
*Шукуфтагӣ гули хори баҳори Кашмир аст.*
*Лаби пиёла зи табхоли рашк месӯзад,*
*Ки нашъаи вақфи лаби ҷӯйбори Кашмир аст.*
*Агарчи мояи дилбастагист қомати сарв,*
*Инони ҳуш ба дасти чинори Кашмир аст.*
*Ба зери пунбаи абр осмон аз он гум шуд,*
*Ки пой то ба сараш доғдори Кашмир аст.*
*Сафои сабзааш аз умри Хизр мегузарад,*
*Хизр зи чашмаи хеш обёри Кашмир аст.*
*Ба дида хосияти кимиё диҳад, лекин*
*Ба чашм он чӣ наёяд, губори Кашмир аст.*
*Ба роҳи ҷода натавон сохт аз чадвал,*
*Чи обҳост, ки бар рӯйи кори Кашмир аст.*
*Гузаштӣ аз лаби соқии гулъузор, Калим,*
*Хунук аз тавбаи май дар баҳори Кашмир аст* (8, 139).

Аз фасоҳат ва равоние, ки дар ғазали мазбур дида мешавад, дигар лозим надонистем, то ҳар муболиғаву иғроқро ҷудогуна шарҳ бидиҳем ва ба хаткашӣ дар зери ин саноот иктифо кардем. Абёти зер низ дорои ҳамчунин санооте мебошанд:

*Дар ин чаман наравад аҳди хушдилӣ ба шитоб,*
*Зи мавҷи сабза ба пойи нишот занҷир аст* (8, 149).

Яъне: дар ин чаман аҳди хушдилӣ тезрав ва шитобкор нест, зеро аз мавҷҳои сабза ба пойи нишот занҷирҳо баста шудаанд, ки шитоб аз ин ҷиҳат ба оҳистагӣ меравад.

*Cояамро ор меояд, ки афтад бар замин,*
*Офтоби илтифотат то ба ман тобидааст* (8, 137).

Яъне: аз рӯзе, ки офтоби илтифотат (илтифот ба ду маънӣ: яке лутфу аҳамият, дигаре - партав - С.О.) ба ман тобиш додааст, сояам ор медонад ва шарм медорад, ки бар замин уфтад!

*Ҳар он ниҳол, ки аз барг даст бардорад,*
*Баҳори гулшани Кашмирро дуо кардаст* (8, 138).

Яъне: ҳар ниҳоле, ки барг кунад, ин баргҳо барои он ниҳол мисоли дастҳоанд, ки баҳорони Кашмирро дуо мекунанд.

Санъати киноя низ аз ҷониби Калим ба таври фаровон истифода шудааст, чи сухани ӯ тавассути чунин воситаи тасвир рамзе бар худ касб кардааст. Чунончи, дар ин байт Калим барои он ки вонамояд бахти ӯ ҳеч гоҳе ба коми ӯ нагашта ва ҳамвора бадиҳо ва «намак аз пайи намак бар дили кабоб»-и ӯ раво медошта, мегӯяд: эй бахт, рӯзе ба хоб шав, то ман хушбахт гардам, то ман ин хуфтагии туро имдоде ва ҳадяе бар худ бишмарам:

*Ба он расида, ки ромам шавад, рамаш надиҳӣ,*
*Даме ба хоб шав, эй бахт, вақти имдод аст* (8, 111).

Чун Калим, албатта, медониста, ки дархобшавии бахт чизе ҷуз аз марг нест, ба ин ҷиҳат маргро риҷҳон ниҳода ва кинояти онро аз дархобшавии бахт ҷустааст.

Дар ин байт сайд киноя аз инсон (инсони комил!), қафаси якум киноя аз уқбо ва қафаси дуюм киноя аз тани инсон мебошад:

*Ман на он сайдам, ки озодӣ ҳавас бошад маро,*
*Аз қафас гӯям, нафас то дар қафас бошад маро* (8, 98).

Дар байти зер бепарвоии худро нисбат ба дунё бад-ин киноя нишон додааст:

*Гар надорад гами мо даҳр, наранҷем аз ӯ,*
*З-он ки дар хотири мо низ гами дунё нест* (8, 105).

Яъне: агар даҳр ғами мо надорад, боке нест, мо низ ғами ӯро надорем.

Дар ин байт сабаби кӯрии нобиноро бо чунин маъние киноя кардааст:

*Баски нодиданӣ аз мардуми дунё дидам,*
*Рӯшанам гашт, ки осоиши нобино чист* (8, 108).

Яъне: озори бисёре, ки аз мардуми дунё дидам, маълумам шуд, ки чаро кӯр «осоиши нобино»-ро интихоб кардааст.

Сангдил дар байти пойин киноя аз золимон ва сахтҷон киноя аз мазлумон мебошад:

*Як шаҳр сангдилро як сахтҷон бас аст,*
*Ҷое, ки сад хаданг бувад, як нишон бас аст* (8, 118).

Ҳамчунин, дар ин байт қафас киноя аз тан ё ҷаҳон ва уқоб киноя аз бахти бад аст:

*Калим, мурги дили болу пар шикастаи мо,*
*Ҳамеша дар қафас аз чангали уқоб чарост?* (8, 121)

Маънии кӯтоҳи байти боло: Калим чаро доимо бахти тира дорӣ? Зинати бахт киноя аз бадиҳои сарнавишт аст:

*Шиква аз ахтари толеъ натавон кард, Калим,*
*Зинати бахту гули тораки адбори ман аст* (8, 120).

Доғҳо киноя аз марҳам ва ғамхорӣ киноя аз акси ин маънӣ аст:

*Марҳами захми дилам чун лола гайр аз дог нест,*
*Чашм дорам ин қадар дилҷӯйӣ аз гамхорият* (8, 124).

Яъне: дармони дарди дили ман мисли доғҳои лолаанд, ки боиси сиҳҳат ва шукуфоии ӯянд; оре банда чашмдори ин қадр «ғамхорӣ» аст.

Хандарӯ ва гармхун киноя аз муросокорӣ ва мувофақат аст:

*Бо гиря хандарӯяму бо нола гармхун,*
*Боз аз шароби ғусса димоғам расидааст* (8, 124).

Дар байти зайл шоир ифроти бадбахтии хешро киноятан баён кардааст:

*Шод аст бахти бад, ки ба муфтам зи даст дод,*
*Гӯйӣ маро фурӯхта, Юсуф харидааст* (8, 134).

Байти зер киноя аз гумномӣ ва адами шӯҳрати худ аст:

*Соҳиби овоза дар иқлими гумномӣ манам,*
*Номи худро аз забони ҳеч кас нашнидаам* (8, 279).

Мисраи дуввуми ин байт киноя аз сурхшавии баргҳо дар хазонрез аст:

*Ту низ панҷа зи май ранг кун, ки боди хазон*
*Ҳино ба дасти арӯсони шохсор гузошт* (8, 125).

Абёти пойин ҳар яке санъати киноя доранд:

*Нахли уммед зи бор уфтодаст,*
*Боғам аз чашми баҳор уфтодаст* (8, 127).

* * *

*Гармии аҳбобро дидаву санҷидаам,*
*Сардии айём з-он гармтар уфтодааст* (8, 128).

Яъне: аҳбоб аз фасли сармо низ сардтаранд.

*Дар даъвии вусул ба Ҳақ шайхи шаҳрро*
*Тарки намозу рӯза гувоҳони одил аст* (8, 146).

Яъне: киноя аз тарки маросими динӣ кардани шайх.

Санъати талмеҳ дар адабиёт ишора кардан аст ба

воқиоти таърихӣ, асотир ва афсонаҳо (65, 107). Дар бархӯрд бо мӯҳтавои ашъори Калим дида мешавад, ки ӯ иттилооти комиле аз ривоёт ва қисасу асотир ва афсонаҳо доштааст. Масалан, дар ин байт:

*Нафъ дорад нӯшдоруи ҷаҳон нохӯрданаш,*
*Манфиат з-ин беҳ, к- аз инсон номе аз Суҳроб монд*
(8, 157),

ки шоир истифодаи бисёр хуб ва зебо аз ҳикояи Сӯҳроб ва нӯшдоруи ӯ кардааст, дида мешавад то чи дараҷае шоир огоҳие аз ин достон доштааст. Ба назар мерасад, Калим дар истифодот аз талмеҳоти мазбур, ошноии бакифояте бо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ доштааст. Истифодаи асарангези шоир аз вожаҳои «Шоҳнома» ба хонанда чунон менамояд, ки вожаҳои мазкур хилқат ва махсуси худи Калиманд, на Ҳакими Тӯсӣ.

Аз бисёрии талмеҳоти Калим маълум мегардад, ки ӯ ин навъи санъати бадеиро бештар дар ашъори ирфонӣ ва ишқии худ корбаст кардааст. Бад-ин ҷиҳат аст, ки ӯ дар талмеҳоти хеш қаҳрамононеро ихтиёр кардааст, ки бештар ихтисос бар ишқ доранд, чи ишқи улвӣ ва чи ишқи воқеӣ. Аммо ҳамаи ин қаҳрамононро Калим ҷиҳати ишқи ирфонии худ ба кор бурдааст. Чунончи, дар ин байт мегӯяд: то дар ҳусни ёр уфтодагие пайдо набошад, зебо нест, зулф бо шикастагии худ дилфиреб аст. Ва барои он ки истинботе бар дурустии ин андеша фаро биёрад, Мансури Ҳаллоҷро мисол меорад:

*Ҳусн ҳам монанди ишқ уфтодагӣ мезебадаш,*
*Лашкари зулфи бутон то нашканад, Мансур нест* (8, 132).

Бояд гуфт, ки калимаи Мансур дар байти фавқ ба маънии фаттоҳ ва ғолиб низ омада, аммо манзури шоир аз ин байт Мансури Ҳаллоҷ аст, чӣ байти мазкур бад-ин маъниаш муассиртар аст.

Ин байт ишорате бар қиссаи Юсуф аст, ки бародаронаш ӯро муфт фурӯхта буданд, аммо шоир дар ин байт суханро чунон тофтаву печида баён кардааст, ки мухайила дар фаҳмиши он тааммулро металабад:

*Шод аст бахти бад, ки ба муфтам зи даст дод,*
*Гӯйӣ маро фурӯхта, Юсуф харидааст* (8, 124).

Яъне: бахти бад шод аст, ки маро ба муфт аз даст додааст, гуё ки ӯ маро фурӯхта, ба сими он Юсуфе дигар харидааст.

Дар байти пойин, ки истифода аз Фарҳод ва ривояти тешаи ӯ шудааст, мегӯяд, ки аз аввал дар ишқ монанди кӯҳ бобардошту пуртоқат будам, аз ҳангоме ки фурқатам рӯ намуд, аз бесабрӣ ҳар тори мӯям монанди тешаи Фарҳод кӯҳшикан шуд:

*Кӯҳи тоқат будам, аммо то фироқат рӯ намуд.*
*Ҳар сари мӯям, ту гӯйӣ, тешаи Фарҳод дошт* (8, 130).

Маҷнун дар мавзӯи ишқ машҳуртарин ошиқест, ӯ аз зиёдати ишқе, ки бар Лайлӣ дошт, ҳама чизеро медид, хаёл мекард, маъшуқи ӯст. Калим ҳам ин ИШҚИ Маҷнунро мисол овардаву мегӯяд: ошиқон (манзури шоир орифон аст) шефтаи як нишоне ҳастанд:

*Нишони шефтагони диёри ишқ якест,*
*Ба чашми Лайлӣ ҳар гирдбод Маҷнун буд* (8, 157).

Масеҳо, ки лақаби паямбари исавиён мебошад, мӯъҷизае, ки доштааст, иборат буд аз зинда гардонидани мурдагон тавассути дам ва оҳу масҳ. Ин аст, ки шоир бар худ мегӯяд: Калим, агар илоҷи дарди ту аз хотири Масеҳо рафта бошад, бар чарх қосиде аз оҳу нола фирист, то шояд Худованд муолиҷи дигаре равона созад:

*Бар чарх қосиди оҳе равона соз, Калим,*
*Агар илоҷи ту аз хотири Масеҳо рафт* (8, 137).

Абёти зер низ санъати талмеҳ доранд:

*Гар ҳақ нигарӣ, лоиқи Мансур набошад,*
*Доре, ки зи чӯби шаҷари Тӯр набошад* (8, 165).

Яъне: Мансур ишорат бар ҳамон Мансури Халлоҷ аст ва Тур -- ишорат бар кӯҳе, ки дар қиссаи ҳазрати Мӯсо

омадааст, ҳамон кӯҳе, ки Худойтаоло анвори субҳониро бар он мутаҷаллӣ карда буд.

*Натавон аз сари ӯ бурд ҳавои Ширин,*
*Лашкари Хусрав, агар бар сари Фарҳод равад* (8, 235).

Яъне: ишорат бар қиссаи моҷарои ишқи Хусраву Фарҳод бар Ширин.

*Ашкрезон дар ғамат чун рӯ ба ҳомун мекунам.*
*Косаи Маҷнуну ҷоми лола пурхун мекунам* (8, 289).

Яъне: ишорати рӯ ба ҳомун ниҳодани Маҷнун ҷиҳати ишқи Лайлӣ.

*Ҳама ҳикояти мардумгиёҳ фасона бошад,*
*Гиёҳи мардумӣ аз хок бар наёмадааст* (8, 139).

Яъне: ишорат бар ривояти мардумӣ, ки тибқи нишондоди он, гӯё одами хокӣ бошад ва гиёҳи он, ки киноя аз тухмаи банӣ-инсон аст, аз хок реша бар карда бошад.

Шиблии Нӯъмонӣ гуфтааст, ки оғозкунандаи санъати ирсолулмасал ё мисолия дар фанни ғазал, аслан, Калими Кошонӣ аст ва ҳарчанд ин шева махсус бар Соиби Табрезист, мубтакири асосии он Калим будааст (121, 181), чи ҳар байте аз ғазалиёти ин шоир фароовarди рӯшани ҳамчунин санъатест. Агарчи қабл аз шуарои сабки ҳиндӣ мутақаддимин низ бар ин шева дастандоз будаанд, ҳеч яке аз шуарои пешин махсусияте дар ин бобат ба вуҷуд наёвардааст, албатта, ҷуз аз қасидаи машҳури Амир Хусрав, ки сар то по дар ин санъат навишта шудааст (121, 183). Аммо, шуарои сабки ҳиндӣ, бахусус Соиби Табрезӣ, Калими Кошонӣ, Ғании Кашмирӣ ва Салими Теҳронӣ санъати ирсолулмасалро махсуси шоирии худ қарор додаанд.

Ба ин ҷиҳат, дар саропойи ғазалиёти Калим ва ҷо- ҷо дар дигар анвои шеъриаш санъати мисолия бархӯрд мешавад. Бояд гуфт, ки ин намуди санъат дар шеъри Калим бар дигар саноoти бадеияш бешӣ ва риҷҳон дорад, ғазали шоирро бе вуҷуди ин санъат наметавон тасаввур кард.

Шеър агар барои Калим ҳукми ҷонро дошта бошад, тахайюл агар бар рухи ин ҷон тан бувад, мисолия сарпанҷаи ин тан мебошад, ки тавассути он шоир афкор ва асрореро дар ихтиёр гирифтааст, ки бисёрии шуарои ҳамасри ӯ иқтидори ин муохазаро дар хештан надоштаанд. Мисоли ин андешаро дар ғазали зерини Калим метавон исбот кард:

*Шеваи нодон бувад бар ошиқи бедил гирифт,*
*Бар усули рақси бисмил кай кунад оқил гирифт.*
*Ишқ бо селоб, пиндорӣ, зи як сарчашмаанд,*
*Ҷойи худ вайрон кунад, ҳар ҷо даме манзил гирифт.*
*Табъи беинсофро аз айбҷӯӣ чора нест,*
*Гар ба зери теғ омад, нукта бар қотил гирифт.*
*Ҳар куҷо сомон фузунтар, баҳрамандӣ камтар аст,*
*Ташна з-оби ҷӯй беш аз сел коми дил гирифт.*
*Мавҷи май теғ аст бар вай, ҷилваи гул оташ аст,*
*Ҳар куҷо табъи баланд аз баҳри беҳосил гирифт.*
*Сифла чун дасташ қавӣ гардад, забункаш мешавад,*
*Ҳирс ҳар ҷо ғолиб омад, луқма аз соил гирифт.*
*Бодаи сӯҳбат, агар якдам бувад, дорад асар,*
*Теғ таълими ба хун ғалтидан аз бисмил гирифт.*
*Роҳи ишқ аст ин ки натвон бе адам як гом рафт,*
*Гард, агар бархост аз ҷо, рухсат аз маҳмил гирифт.*
*Рафт умрам дар сафар чун мавҷу натвонам Калим*
*Гӯшаи амне дар ин дарёи бесоҳил гирифт* (8, 121).

Чунонки дида мешавад, ин ғазал дорои 9 санъати ирсолулмасал аст. Дар байти аввал шоир барои он ки исбот кунад нуктагириву танқид шеваи нодонон аст, мисоли онро аз рафтори оқилон меорад, ки ҳамеша бар росто гом мениҳанд ва мисли дигарон усули «рақси бисмил» надоранд. Байти дуввум дар маҷмӯъ як ирсоли масал аст. Шоир дар он мегӯяд: ишқу селоб аз як сарчашмаанд, чаро ки ишқ ҳам ба ҳар куҷо қадам гузорад, он ҷоро вайрон мекунад. Байти сеюм низ мисолия дорад. Шоир мегӯяд: ин табъи беинсоф ҳамеша айбҷӯ аст ва барои он ки исботе

бар он фаро биёрад, ирсоли ин масал мекунад: чунки дар зери теғ ҳам нафс бар қотил нукта мегирад. Дар байти чаҳорум шоир мегӯяд: ҳар куҷо корҳову сомонҳо бисёртар бувад, баҳрамандӣ дар он ҷо камтар аст ва мисоле меорад: аз ҳамин сабаб аст, ки ташна коми худро аз оби ҷӯй бештар аз сел мегирад. Дар байти шашум, ки шоир мегӯяд: ҳар куҷо ҳирс ғолиб ояд, луқмаро аз даҳони равандагон мегирад, мисолияст бар ин фикр, ки: сифла чун қавидаст гардад, вайронкор мегардад. Шоир дар байти ҳаштум мегӯяд: гарде, ки аз ҷой бармехезад, рухсати бархостанро аз маҳмил мегирад, низ ирсоли масалест бар ин фикр, ки: дар роҳи ишқ як қадам бе адам наметавон гузошт.

Калим тавассути ирсоли масал фикри худро мустаҳкам ва собит мекунад. Мисолияҳои ӯ бештар воқеӣ ва чошнигирифта аз ҳаёт ва табиатанд ва бо он ки аксаран содаанд, пурмағзанд. Масалан, дар ин байт Калим ишора ба маъшуқ мегӯяд: агар чашмони ту дили маро ба ғорат бурда, бар болои ин боз дили маро ором намегузорад, ҷойи шиква нест, чунки моли бағоратбурда дар назди лашкарӣ арзишу қимате надорад:

*Гар турки чашми раҳзанат нашнохт қадри дил, чӣ шуд,*
*Қимат чӣ донад лашкарӣ ҷинси ба ғорат бурдаро?!* (8, 96)

Шоир дар байти зер ирсоле бисёр зебо аз масал кардааст. Ӯ мегӯяд: ба дунболи ашкҳои хунини худ меравам, то шояд нишоне аз дили гумшудаи худ биёбам, чунонки пайи нахчиреро, ки пайкон хӯрдааст, сайёд танҳо аз хунҳои рехтаи он дармеёбад:

*Дунболи ашк уфтодаам, ҷӯям дили озурдаро,*
*Аз хун тавон бардошт пай нахчири пайконхӯрдаро*(8, 96).

Мисолияҳои Калим аксаран дар таҳкиму тақрири ирфони ӯ хидмат кардаанд. Чунончи, дар ҷое ӯ мегӯяд: агарчи дили ман дар дасти ёр аст ва маро тарк гуфтааст, боз ҳам ёди синаи сӯзони маро мекунад, чун ӯ намедонад чӣ коре бикунад, зеро барои девона кунҷи гулхани худ беҳтар аз ҳар гулистонест:

*Дил дар он кӯ боз ёди синаи ман мекунад,*
*Кунҷи гулхан беҳтар аз гулшан бувад девонаро* (8, 101).

Дар як шеъри худ мегӯяд: ин даврони ситамкор ба як ҷафо аз мо дурӣ намеҷӯяд, чаро ки сайёд чун дид сайдаш тир хӯрдааст, аз пайи ӯ меравад, то ӯро ба нестӣ расонад:
*Даврон ба як захми ҷафо кай аз сари мо во шавад,*
*Сайёд аз пай меравад нахчири новакхӯрдаро* (8, 96).

Шоир ишқу ҷунуни хешро ба ҷиҳати бисёрии гиря карданҳо ва ашкрезониҳо дар назди маъшуқаш беқадр мепиндорад ва ӯ исботи онро аз воқеият дарёфтааст, ки дар ҳар диёре борандагӣ зиёд аст, он ҷо арзонии бештар аст:
*Зи чашми гирён беқадр шуд матои ҷунун,*
*Ба ҳар диёр, ки борандигист, арзонист* (8, 105).

Бисёре аз мисолияҳои Калим links мармуз ва пурпечанд. Аз ҷумла, инаш, ки мегӯяд: ба дасти ман ҳеч гоҳе домани айш намефитад, зеро дар кафи шона ҳино часбон нест:
*Ба дасти мо наяфтад домани айш,*
*Кафи шона сазовори ҳино нест* (8, 135).

Минҷумла, ин абёт низ бо мисолияҳо истеҳком пазируфтаанд:
*Маро зи зулфи ту ғайр аз шикасту меҳнат нест,*
*Бинои хонаи занҷир баҳри роҳат нест* (8, 106). Шоир, ки мегӯяд: бинои хонаи занҷир аз барои истироҳат нест, масалест бар ин фикри шоир, ки гуфтааст: барои ман зулфони ту ғайр аз шикасту азоб нестанд.

*Сафо дар охири базми шароб агар набувад,*
*Аҷаб мадор, ки таҳи шиша бекудурат нест* (8, 120). Яъне, дар ҳайрат машав, ки поёни шиша бокудурат аст, масалест бар ин ки дар охири базмҳои шаробӣ сафову хушӣ кам аст.

*Шикори неъмати дунё намешавад қонеъ,*

*Бале, зи донафишонӣ касе ҳумо нагирифт* (8, 122). Яъне: қонеъ ҳеч гоҳ шикори нозу неъмати дунё намегардад, чунки аз дона фишондан ягон кас ҳумо нагирифтааст ва ин масалест бар фикри аввалӣ.

*Душман зи шуғли хасмӣ осудагӣ надорад,*

*То бахт душмани мост, дар орзуи хоб аст* (8, 122).

Яъне, ин ки мегӯяд, то вақте бахт бо мо сари душманӣ дорад, дар орзуи хоб аст, масалест барои ин фикр, ки мегӯяд: душман аз шуғли душманигарӣ ҳеч осудагӣ надорад.

*Дар кӯйи дӯст бошу муқайяд ба ҷо машав,*

*Парвонаро ба боғи ҷаҳон ошён куҷост* (8, 128).

Яъне, «Парвонаро дар боғи ҷаҳон ошён набувад» ирсоли масале аст бар ин насиҳат, ки мегӯяд: дар кӯйи дӯст бош, вале дар қайду банди як ҷо мабош, ҳама ҷоро хонаи дӯст дон!

### 4. Таъсири шоирони гузашта ба эҷодиёти шоир

Аз ахбори мавҷуд оид ба Калим ва шеъри ӯ пайдост, ки ӯ дар ирфон ва кори шоирии худ роҳбаре ва ё пире надоштааст. Худи шоир гуфтааст:

*Азбаски дар ин бодиям роҳбаре нест,*

*Хизри раҳи худ мешуморам реги равонро* (8, 89).

Дар шиносоии комил ва ҷиддӣ бо девони шоир метавон бар ин андеша омад, ки Калим аз пирони шеъри порсӣ, минҷумла аз Рӯдакӣ, Мавлавӣ, Саъдӣ ва Ҳофиз ва хусусан аз Хоҷаи лисонулғайб таъсир ва баҳраи вофире бардоштааст.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, фахр ва қофиласолори адаби порсӣ дар шоирии Калим ҳам асаре гузоштааст, ки шоистаи ёдоварӣ аст. Калим дар девони худ ду ғазале дорад,

ки аз ҳайси мазмун ва баён монандие бар қасидаи ҳасбиҳолии «Шикоят аз пирӣ»-и устод Рӯдакӣ дорад. Масалан, дар яке аз ин ғазалҳояш байте дорад, ки сахт шабеҳ бо абёти устоданд:

Калим:

*Зи тозашохӣ гули хонаам гулистон буд,*
*Гули баҳори умедам ба ҷайбу домон буд.*
*Ба каф пиёла, ба сар бода, ҳарфи бӯса ба лаб,*
*Зи рӯзгор басе кори мо ба сомон буд* (8, 245).

Аз устод Рӯдакӣ:

*Ҳаме чӣ донӣ, эй моҳрӯи мушкинмӯй,*
*Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон буд.*
*Иёл на, зану фарзанд на, маунат на,*
*Аз ин ҳама танам осуда буду осон буд* (17, 154).

Ғазали дигар, ки агарчи батамом шабоҳате ба қасидаи мазкури устод Рӯдакӣ надошта бошад, чизеро аз он дар худ дорад, ки хондани он шикояти устодро ба ёд меоварад:

*Маро ҳамеша мураббӣ чи толеи дун буд,*
*Тараққиям чи аҷаб, гар чу шамъ ворун буд.*
*Ҳамеша аҳли ҳунарро замона урён дошт,*
*Фасонаест, ки хум ҷомаи Фалотун буд.*
*Ҳамеша уқдаи хотир ривоҷи корам дод,*
*Чи бастагӣ, ки пару боли сайди мазмун буд.*
*Нишони шефтагони диёри ишқ якест,*
*Ба чашми Лайлӣ ҳар гирдбод Маҷнун буд.*
*Хуш он гузашта, ки торе гар аз алоиқ дошт,*
*Ба сони танбӯр, он ҳам зи хона берун буд.*
*Калим дил ба қаноат гузошту чора надошт,*
*Зи дахли хуни ҷигар хуни гиря афзун буд* (8, 157).

Ин байти Калим:

*Гоҳи пирӣ мекунам мӯйи сафед аз бода ранг,*
*З-он ки май ранги ҷавониро ба симо медиҳад* (8, 207),

низ ба назар мерасад, ки муассар аз ин шеъри ҳасбиҳолии Рӯдакист;

*Ман мӯйи хешро на аз он мекунам сиёҳ,*
*То боз навҷавон шаваму нав кунам гуноҳ.*
*Чун ҷомаҳо ба вақти мусибат сияҳ кунанд.*
*Ман мӯй аз мусибати пирӣ кунам сиёҳ* (17, 111).

Калим, ҷуз аз сардафтари шеъри порсӣ, аз пирони дигар низ, чунонки дар боло зикр гардид, таъсир гирифтааст. Аз ҷумла, байти зер ба гуфтаи Мавлавии Балхӣ ва Хоҷаи Шероз шабоҳат дорад:
*Ҳамчу мургон ошён гум кардаам аз ҷустуҷӯ,*
*Дар миёни халқ мегардам, ки ёбам одаме* (8, 318).

Аз Мавлавӣ:
*Дӣ шайх бо чарог ҳамегашт гирди шаҳр,*
*К- аз деву дад малуламу инсонам орзуст* (27, 77).

Аз Хоҷа:
*Одамӣ дар олами хокӣ намеояд ба даст,*
*Оламе дигар бибояд сохт в-аз нав одаме* (25, 568).

Шайхи аҷал(л) низ дар шоирии Калим бетаъсир набудааст, чун дар ғазалиёти Калим ду байте вомехӯранд, ки аз ҳайси маънӣ равише Саъдиёна доранд:
*1. Дафтари ҳусни баҳор аст, ки дар аҳди ту шуст,*
*Барги гул нест, ки аз бод дар об уфтодаст* (8, 119).

2. *Дил, ки чун наргиси мастат ба шароб уфтодаст,*
*Дафтари маърифати мост дар об уфтодаст* (8, 119).

Аз Саъдӣ:
*Барги дарахтони сабз дар назари ҳушёр,*
*Ҳар вароқе дафтарест маърифати кирдигор* (21, 240).

Калим беш аз ҳама аз Хоҷаи лисонулғайб таъсир гирифтааст. Ирфони Калим ҳам шабоҳати зиёде ба ирфони Хоҷа дорад, ирфоне дардолуд ва маъюсона. Ин ки Калим пир ва муршиду раҳнамое надоштааст, шабоҳати дигаре дар байни ин ду орифи бузург аст. Сухани ҳар ду аслан иборат аз табйини дарди ишқ аст. Фарқият танҳо дар он аст, ки баёни Калим воқеъбинтар аст, бар хилофи Хоҷа, ки воқеият дар ғазали ӯ, нисбатан, аз аҳаммияти кам бархӯрдор аст. Бо ин ҳама, сухани ин ду бузургмард дар бисёр мавориди монистание бо ҳам дорад. Масалан, аз ин байт маълум мегардад, ки Калим ба якбор аз ду ғазали Хоҷа асар ва чошнӣ гирифтааст:

*На ҳар кӣ садрнишин шуд, азиз шуд, ки ғубор,*
*Агар ба дида фитад, тӯтиё нахоҳад шуд* (8, 238).

Ҳофиз:

*Маро меҳри сияҳчашмон зи дил берун нахоҳад шуд.*
*Қазои осмон аст ину дигаргун нахоҳад шуд* (25, 215).

Боз аз Ҳофиз:

*На ҳар кӣ чеҳра барафрӯхт, дилбарӣ донад,*
*На ҳар кӣ оина созад, сикандарӣ донад.*
*На ҳар кӣ кулаҳ каҷ ниҳоду тунд нишаст,*
*Кулоҳдориву оини сарварӣ донад* (25, 229).

Аён аст, ки Калим аз байти аввали Хоҷа алфозу қофия ва радифро пайравӣ кардааст ва аз байти сонии ӯ маониро.

Ин байти Калим ҳам аз ҳайси лафз ва маънӣ наздикӣ ба гуфтаи Хоҷа дорад:

*Эй сабо, ин дили садчок ба ҷонон бирасон,*
*Шонаи тӯҳфа ба он зулфи парешон бирасон* (8, 295).

Хоҷа:

*Дили озурдаи моро ба насиме бирасон,*
*Яъне, он ҷони зи тан рафта ба тан бозрасон* (25, 465).

Байти мазкур низ монистание ба байти Хоҷа дорад:

*Эй дил, чу рози дӯст нахоҳӣ самар шавад,*
*Номаш чунон мабар, ки забонро хабар шавад* (8, 190).

Ҳофиз:

*Тарсам, ки ашк дар ғами мо пардадар шавад,*
*В-ин рози сарбамӯҳр ба олам самар шавад* (25, 284).

Абёти зер низ шабоҳати комиле бо ҳам доранд:
Калим:

*Нашавад ин, ки зи дил ашки ҷигархун наравад,*
*Тифли ороста аз хона бурун чун наравад?*
*Коми дил рам кунад, аммо ба талаб ром шавад,*
*Роҳ агар гарм шавад, аз бодия берун наравад.*
*Меравад аз сари махмур бурун фикри шароб,*
*Вале аз ёди Калим ин лаби майгун наравад* (8, 161).

Ҳофиз:

*Ҳаргизам нақши ту аз лавҳи дилу ҷон наравад,*
*Ҳаргиз аз ёди ман он сарви хиромон наравад.*
*Аз хиёли мани саргашта хаёли рухи дӯст,*
*Ба ҷафои фалаку ғуссаи даврон наравад.*
*Ончунон меҳри туам дар дилу ҷон ҷой гирифт,*
*Ки агар сар биравад, аз дилу аз ҷон наравад* (25, 281).

Ин байти Калим ба якбор шабоҳате бар ду ғазали Хоҷа дорад:

*Давлат ба мулки ишқ ба ҳар сар намеравад,*
*Сар то бурида нест, ба афсар намерасад* (8, 158).

Ҳофиз:

*1. Шукӯҳи тоҷи султонӣ, ки бими ҷон дар ӯ дарҷ аст,*
*Кулоҳи дилкаш аст, аммо ба тарки сар намеарзад*
(25, 197).

*2. Корам зи даври чарх ба сомон намерасад,*
*Хун шуд дилам зи дарду ба дармон намерасад.*

*Ба хоки роҳ рост шудам, лек ҳамчунин,*
*То обрӯ намеравадам, ном намерасад* (25, 266).

Байти зери Калим танҳо аз ҷиҳати маъно монандӣ бар байти Хоҷа дорад:

*Он дард, ки устухоншикан нест,*
*Меъмори куҳанбинои тан нест* (8, 126).

Хоҷа:

*Шароби талх мехоҳам, ки мардафган бувад зӯраш.*
*Ки то як дам биёсоям зи дунёву шару шӯраш* (25, 343).

Ин ду байт ҳам наздикӣ бо ҳам доранд:

Калим:

*Натавон, носеҳ, урёнии моро пӯшид,*
*Роз пинҳон нашавад, чун ба мало меафтад* (8, 159).

Ҳофиз:

*Рози сарбастаи мо бин, ки ба маҳфил гуфтанд,*
*Ҳар замон бо дафу най бар сари бозоре дигар* (25, 313).

Ҳамчунин, шабоҳате дигар:

Калим:

*Эй дил, зи нахли нолаву оҳат самар чӣ шуд*
*В-аз тухми ашкрезӣ пайваста бар чӣ шуд?!* (8, 209).

Ҳофиз:

*Ёрӣ андар кас намебинам, ёронро чӣ шуд,*
*Дӯстӣ кай охир омад, дӯстдоронро чӣ шуд?!*
*Лаъле аз кони мурувват барнаёмад солҳост,*
*Тобиши хуршеду саъйи боду боронро чӣ шуд?!* (25, 219).

Чунонки дида шуд, Калими Кошонӣ дар эҷоди ашъор, ба хусус навъи ғазал, чи аз ҳайси мазмун ва маънӣ ва чи аз ҷиҳати шаклу сохтор таъсироти қобили мулоҳизае аз шоирони мутақаддими хеш пазируфтааст. Шояд бо вуҷуди ҳамин таъсирпазирӣ аст, ки сухан ва тарзи баёни

Калим дар равонӣ ва содагӣ гоҳе ашъори устод Рӯдакиро ба ёд меорад ва дар истеҳком ва устувории забон ғазалиёти Хоҷа Ҳофизро ба пешорӯ меоварад. Агар дар ин мавзӯъ ба ҷиддият ҷӯё шавем, метавонем боз намунаҳои зиёдеро дарёфт кунем, аммо дар ин бобат ҳамин қадар кифоят аст.

### 5. Таъсири Калим ба шоирони минбаъда

Он чи ки дар бораи таъсири ашъори Калим ба адибони минбаъда ба таври иҷмолӣ метавон гуфт, ин аст, ки пас аз даргузашти Калим то муддатҳо шеъри ӯ мавриди истифодабарӣ, пайравӣ ва баҳрабардории на танҳо ҳамватанонаш, ҳамчунин шуарои бурун аз доираи адабии Ҳиндустон, аз ҷумла Мовароуннаҳр қарор гирифтааст. Шояд сабаби ин истиқболи хуши шуарои Мовароуннаҳр аз шеъри Калим, аслан, забони равону сода, тахайюлоти мутазайян ва мутасаввир ва андешаҳои орифонаву ҳакимонаи ӯ бошанд, чун шуарое, ки аз ӯ бештар баҳра гирифтаанд, худ низ аз назаргоҳи ирфон биниши шоирӣ доштаанд.

Аз шуарои Мовароуннаҳр, хусусан, дар ашъори Сайидои Насафӣ ва Шавкати Бухороӣ метавон биниш, андеша ва тахайюли калимонаро дарёфт кард. Ва бояд гуфт, ки дар ашъори ин ду шоир низ маънӣ ва андешаи шоирона бар забону зоҳири сухан риҷҳон дорад.

Гоҳе як байти Калим бо чанд байти Сайидо ва Шавкат аз ҳайси мазмун ва дарёфти маънӣ монандӣ дорад ва гоҳи дигар баръакси он. Масалан, аз <u>соя</u>, ки малмус нест, Сайидо низ ҳамчун Калим образ ва чизе малмус офаридааст:

Сайидо:

*Партави хуршед бар душам гаронӣ мекунад,*
*Бар замин чун соя афтодаст ҷисми логарам* (18, 382).

Ва ё:

*Ба куйи ишқ сабукравтарам зи сояи хеш,*
*Ба домане нарасидаст гарди попӯшам* (18, 385).

Калим:
*Сояамро ор меояд, ки афтад бар замин,*
*Офтоби илтифотат то ба ман тобидааст* (8, 137).

Дар абёти зер низ як таъсирпазирӣ дида мешавад:
Сайидо:
*Бар сарам дасти мурувват мешавад чун шона хушк,*
*Сурма гардад санг аз ҳамроҳии чашми тарам* (18, 387).

Калим:
*Рӯйи мақсуде надидем ҳеч гоҳ аз пардапӯш,*
*Сурмаи уфтода аз чашми асар оҳи ман аст* (8, 121).

Гоҳе дар як байти Шавкат мазомин ва тахайюле мисли Калим вомехӯранд:
Шавкат:
*Хунам ба пӯст буд зи рангам шикастатар,*
*Нозам ба теғи ёр, ки ба як дам дуруст кард* (28, 212).

Калим:
*Ба захми тири ҷафо марҳами итоб чарост* (8, 120).

Ё худ:
*Марҳами захми дилам чун лола ғайр аз доғ нест* (8. 122).

Ва ё:
*Баста марҳам аз намак ҳар дам ба захми кориат*
(8, 122)

Шавкат:
*Умр аз барам гузашт чу маъшуқи бевафо,*
*Хуш нисбате ба мардуми олам дуруст кард* (28, 212).

Калим:
*Офиятро аҳли дил дар дида бастан дидаанд* (8, 168).

Ин абёт низ аз ҳайси лафзу маънӣ монистание ба ҳам доранд:

Шавкат:

*Кори ишқ сӯхтан бошад ба ҳар ҳоле, ки ҳаст,*
*Шамъ аз кофури дил сардӣ намедонад, ки чист* (28, 144).

Калим:

*Рашк бурдан лозими ишқ аст ба ҳар кас, ки ҳаст,*
*Ҳар ки дар базм аст, бори хотири парвона аст*(8, 148).

Шавкат:

*Дардманди ишқ бедардӣ намедонад, ки чист,*
*Ҳиммати мардона номардӣ намедонад, ки чист* (28, 149).

Калим:

*Ҳаст дар шаръи муҳаббат расму оине дигар,*
*Хӯрдани хун ҷоиз асту дам задан дастур нест* (8, 132)

Ончуноне дида шуд, дар ашъори шуарои мовароуннаҳрӣ низ як шабоҳати лафзӣ ва маъниофаринӣ бар тарзи шоир Калими Кошонӣ маҳсус аст ва ба ин ҷиҳат, шубҳае нахоҳад ҷой дошт, агар гӯем Калим ҳам мисли дигар шоирони сабки ҳиндӣ, аз ҷумла Соиб, Толиб ва Ғаниву Файзӣ дар шоирӣ ва офариниши маонии тозаву мазомини бикри шуарои Мовароуннаҳр саҳми босазо гузоштааст.

Аз суханоне, ки дар иртибот бар сабки шеърофаринии Калим навишта шуд, метавон натиҷа гирифт, ки ин шоири андешаманд ва мутахайил бо он кӯшишҳои мустаидонае, ки дар офариниши мазомини ногуфта дар ашъори худ ба харҷ додааст, саҳми босазое дар иморат ва инкишофу тараққии сабки ҳиндӣ, гузоридааст. Чи дар бобати эҷоди ашъори тозамазмун ва андешапазир, чи дар ёфтани нуконте аз мармузоти хилқати ҳастӣ ва ҷаҳон, чи дар хусуси бозёфт ва тараққиву таҷдиди саноото чун: ташбеҳ, истиора, ирсолулмасал, кинoя, муболиға, иғроқ, талмеҳ ва монанди инҳо Калим шоирест, ки аз нигоҳе ростбинона бас мустаид ва баланддаст аст. Худ як мисоле аз нигоҳи ин шоири

ориф бар табиат кифоя аст, ки сурат ва сирати шоирии ин марди наҷиб кушуда гардад ва бар ҳамагон равшан шавад, ки шоирии вай чизе ҷуз аз асолат нест, бар хилофи бисёрие аз шуарои муқорини ӯ, ки шоирӣ барои онон чизе дигартар буд. Шоирӣ барои Калим, дар ҳақиқат, чизе ғайр аз масаррат ва хушдилӣ буд, чизе, ки метавон аз он ба ановине чун дарду сӯз ва ишқу бедилӣ ном гирифт. Ва шояд аз ин ҷиҳат бошад, ки худи ин шоири ориф дар ҷое гуфтааст:

*Сухан зи ман натаровад, чу синачок наям,*
*Ҳамеша ноли танам одати қалам дорад* (8, 188).

# ХУЛОСА

Ростӣ, он чи дар ин рисола мастур омадааст, ҳанӯз наметавон гуфт, ки коре буда бошад батамом охирёфта, чун ин пӯшида нест, ки ҳар бобе аз ин рисола сазовори асаре мустақил аст. Танҳо дар хусуси ирфони Калим ва ё танҳо дар вижагиҳои сабки ин шоири мустаид метавон рисолоти ҷудогонае таълиф кард.

Метавон гуфт, ки мавқеъ ва мартабати Калим дар адабиёти форсизабони охирҳои асри XYI ва нимаи аввали асри XVII Ҳиндустон то дараҷае муайян ва мубайян гардидааст. Дар ҳар боб ва дар ҳар фасли ҷудогонае, ки пиромуни ҷиҳатҳои гунагуни ҳаёт ва эҷодиёти шоир пардохта шуд, кӯшиш карда шуд, то махсусиятҳо ва дақоиқу мармузоти ин мавзӯъ то андозае ҳалли худро пайдо бикунанд.

Он чи дар натиҷагирӣ аз эҷодиёти Калим ва мақому мавқеияти ӯ дар адабиёти форсизабони давраи зикршудаи Ҳиндустон ба даст даромад, онро ба ин зайл метавон хулоса кард:

1. Бо он ки Калим қисмати шунуфтание аз умри хешро дар дарбор сипаридааст, наметавон гуфт, ки ин шоири баландназар дар ҳаёти дарборӣ ғӯтавар ва маҳсур шуда бошад. Аз ахбори тазкираҳо маълум мегардад, ки ӯ бо он ки дар дарбор буд, вале, дар ҳақиқат, рӯҳан бурун аз ин доира будааст. Вай дарёфта будааст, ки халқи заҳматкаш бас бузургтар аз ҷамоати шодхори дарборист. Ба ин ҷиҳат буд, ки ҳар вакт ба ӯ аз умаро ва ашроф атоё ва ҳадоёву инъомот мерасид, онҳоро ҷиҳати фуқаро ва мардуми камбағалу тиҳидаст ба инсироф мерасонд. Ва аз ин ҷиҳат буд, ки бо он ҳама қудрат ва тавоноӣ дар ҷамъоварии молу неъмат ҳеч гоҳе пофишорию кӯшишҳо накардааст.

2. Ҳамин рӯҳан бурун аз ҳаёти дарборӣ ва тавъам бо халқи заҳматкаш будани ӯст, ки дар сар то интиҳои ашъори вай, ба хусус дар ғазалиёташ, ки ҳадди камолёфтаи андеша ва тафаккури шоирии ӯст, ҳама ҷо шикоят ва танқид

аз иҷтимоъ дида мешавад. Вагарна шоире, ки дар танаъумоти ҳаётӣ ва дар мансаби волои «маликушшуароӣ» ба сар мебарад, чи эҳтиёҷе бар бадбиниву шиква аз авзои иҷтимоӣ дорад.

3. Калим шоире асил аст, чун шоирӣ барои ӯ чизе ҷуз аз табйини ҳақиқат ва воқеият нест ва шеъри ӯ шеъре батамом ҷиддӣ аст. Дар ҳеч ҷойе ашъори вай аз ҳиҷо, фасонапардозӣ ва бодпаймоӣ пайдо нест. Мисоли ин муддаоро метавон дар ҳама анвои шеърии ӯ бозҷӯст.

4. Як омили муассире, ки Калимро, агарчи дар доираи дарборӣ умр ба сар мебурд, аз ин доира бурун овард, андешаи ирфонӣ ва рӯ сӯйи ҳаёти ирфонӣ ниҳодани ӯ буд, ки мисоли ин дар ғазалиёти ӯ барзиёд дида мешавад. Дар тамомии ғазалиёти шоир боре пайдо нест, ки ӯ ҷуз аз фикр ва андешаи ирфонӣ, ба чизе дигар ҷиддан фокир бошад. Аз ин чиҳат аст, ки ӯ ба дунёву ҳар он чи дар ӯст ва он чи, ки бурун аз ҳадди дунявию табиист, арзишу баҳое орифона медиҳад.

5. Агарчи садсолаҳои зиёде пеш аз Калим ирфон ҳам дар амалиёт ва ҳам дар назариёт дар ҳоли инкишоф ва тараққӣ буд, мебояд гуфт, Калим ҳам дар ин бобат ба пастиҳо гом нафарсудааст. Андешаҳо ва афкоре, ки дар ирфони назарии ӯ дида мешаванд, ҳақиқатро, ки ҳатто дар урафои бузурги мутақаддим ҳам дида намешаванд ва ё ба нудрат вомехӯранд. Ва се натиҷаи дақиқе, ки дар бархӯрди ҷиддӣ бо ашъори ирфонии Калим андар ёфта шуданд, инҳоянд:

а) Калими Кошонӣ ҷонибдор ва муддаии «ваҳдати вуҷуд» аст, ваҳдате, ки об аз сарчашмаи фалсафаи Ҳинди Қадим ва андешаи Муҳийиддин ибни ал- Арабӣ хӯрдааст;

б) Ақидаи «ваҳдативуҷудӣ» мӯҷиб гаштааст, ки Калим бар ҳар чи назар медӯзад, арзиши онро аз нигоҳи андешаи мазбур қоил ва мӯътариф аст, аз сабзаи ҷӯву гул то ба олами боло;

в) мӯътақид бар «ваҳдати вуҷуд» будан, табиату зебоиҳои онро низ дар назари орифонаи Калим ба гунаи дигаре ҷилва додааст. Дигар ӯ табиату мармузоти садгу-

наи онро мурда намебинад ва бечизе намепиндорад. Танҳо ӯ ва танҳо орифон дар ишқи маъшуқи азалӣ, яъне зоти Борӣ, гиребон чок намекунанд, табиати ҳазорранг низ мустағрақи ишқи илоҳист, ки Калими борикбин ии номакшуфотро аз дидгоҳи «ваҳдативуҷудӣ» дарёфтааст.

6. Сабки сухангустарии Калим, агарчи сабке ба номи ҳиндист, дар шахси ӯ махсус аст, ки инро Шиблии Нӯъмонӣ ҳам таъкид кардааст (121, 172) ва дар он тардиде ҷой надорад. Калим дар тараққӣ ва инкишофи сабки ҳиндӣ ва умуман шеъри форсӣ саҳми шоёне бар ҷой гузоштааст, ки дар чанд мақула қобили ёдоварист:

а) дар хусуси забони шеър:

1) забони Калим, бо он ки ирфонист, бас сода, равон ва фаҳмо аст;

2) забони Калим аз ҳайси риояти қавоиду қаавонини забонӣ бас мустаҳкам ва пурқувват аст;

3) забони Калим, ҳамчунин, печидагӣ дорад, ки аз ин ҷиҳат дар бисёр маворид тааммулпазир аст;

4) дар ашъори ирфонӣ Калим забонеро интихоб кардааст, ки агарчи наметавон гуфт батамом аз муваҷҷидоти ӯст, пӯшида нест, ки ӯ дар инкишоф ва пойдории баъдинаи он саҳме босазо гузоштааст;

б) дар тахайюл ва андешаи шоирӣ. Дар ин бора бояд гуфт, ки буруноварди мустаҳкамӣ ва печидагиву таммулпазирии забони Калим ҳамин тахайюл дар андешаи баланди ӯ будааст. Асароти тахайюл дар шеъри Калим то ҷойе маҳсус аст, ки андешаву тафаккури ӯро бар алфозаш риҷҳон ниҳодааст. Ҳамин таъсири тахайюли шоирии ӯст, ки дар нигоҳ бар ашъори гунагуннавъи ӯ, бо он ки забонаш бас мустаҳкам ва собит аст, хонанда хаёл мекунад нуқсоне дар забони ӯ ҷой дорад, вале чун ба тааммул пардозад, дарк менамояд, ки танҳо ин тахайюли тааммулталаби ӯст, ки забони мустаҳкамашро дар назари ҳар хонандае пойинтар во менамояд. Ба ин ҷиҳат, дар шиносоӣ бо ашъори Калим хонандаи закӣ хулосае хоҳад баровард, ки шоир, қабл аз ҳама, шахсе мутахайил ва мутафаккир аст, то шахсе нозим ва котиб;

в) нақши хуби Калим дар инкишофу гунагунии санооти маънавии шеър. Калим, бо он ки бархе аз санооти ташбеҳу истиораро аз мутақаддимини хеш ба маврус гирифтааст, ташбеҳот ва истиороте низ дар ашъори ӯ дида мешаванд, ки махсуси ӯянд.

Саҳми Калим дар гунагунрангии муболиға ва иғроқот хурд нест. Тавассути ҳамин санъатҳои шеърӣ каломи шоир як намои бузург ва асарангезро пайдо кардааст ва дар дили ҳар хонандае муассир гардидааст.

Нақши Калим дар татаввур ва таҳаввули ирсолулмасал низ намоён аст, балки, метавон гуфт, оғозкунандаи санъати мисолия Калими Кошонӣ аст.

7. Бо он ки Калим намояндаи барҷастаи сабки ҳиндӣ аст ва бо он ки сабки мазкурро муҳаққиқин аз мушкилтарин ва мураккабтарии сабкҳо эътироф кардаанд, сухани Калим дар ҳама манотиқи форсизабон қобили дарк ва фаҳм аст. Ҳамин ҷиҳати мушаххаси шоирии Калим мӯҷиб шудааст, ки муҳаққиқин шеъри ӯро мисли шеъри Соиб аз ҳайси тарҷума ва истифҳом осон ва тавонистанӣ нишондод кардаанд, бар хилофи Мирзо Бедил, ки тарҷумаи ашъори ӯ куҷо, фаҳми асли ашъори вай ба душворӣ даст медиҳад.

Ин ҳама мӯҷиб гардида, ки баъд аз даргузашти Калими Кошонӣ ҷуз аз шуарои Эрону Ҳиндустон, қисмате аз шуарои Мовароуннаҳр низ дар зери таъсири сухани Калим ва дар пайравӣ аз тарзи сухангустарии ӯ ашъори худро эҷод мекарданд.

Ҳамаи ии гуфтаҳо ба хубӣ нишон медиҳанд, ки Калими Кошонӣ дар таърихи адабиёти форсизабони охирҳои қарни ХУI ва нимаи аввали асри XVII мавқеи ба худ хосеро ишғол менамояд.

# АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## - 1-


1. Абдулқодири Бадовунӣ. Мунтахаб-ут- таворих. Дар се ҷилд. Ҷилди 3.-калкатта, 1368 ҳ.
2. Абулфазли Муборак. Ойини Акбарӣ.-калкатта, 1337 ҳ.
3. Беҳтарин осори Калими Кошонӣ. Таҳияи Софӣ Алишоҳ.- Теҳрон, 1333 ҳ.
4. Гупомӯи Ҳиндӣ. Натоиҷ-ул- афкор.- Бамбай, 1336 ҳ.
5. Девони Калими Кошонӣ. Таҳияи Нашриёти Хайём.- Теҳрон, 1336 ҳ.
6. Девон Калими Кошонӣ. Таҳияи донишгоҳи Усмонӣ.- Ҳайдаробод, 1961
7. Девони Калими Кошонӣ. Таҳияи интишороти Заррин.- Теҳрон, 1392 ҳ.
8. Девони қасоид, ғазалиёт, маснвиёт, муқаттаоти Абӯтолиб Калими Кошонӣ. Бо тасҳеҳу муқаддимаи Партави Байзоӣ.- Теҳрон, 1336 ҳ.
9. Калими Кошонӣ. Гули хуршед. Муаллиф ва мураттиби сарсухан Ш. Нуриддинов.- Душанбе: Ирфон, 1985
10. Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрбодӣ. Тазкираи Насрбодӣ.- Теҳрон, 1330 ҳ.
11. Мирзо Муҳаммад Сулаймони Такобнӣ. Қасас-ул-уламо.- Теҳрон, 1330 ҳ.
12. Мулло Абдуннабӣ Фахруззамони Қазвинӣ. Тазкираи Майхона.- Теҳрон, 1028 ҳ.
13. Муҳаммад Афзали Сархуш. Калимот-уш-шуаро- Теҳрон, 1317ҳ.
14. Муҳаммад Иқбол. Куллиёти форсӣ. Муқаддимаи Ш. Пӯлодова.-исломобод: Граффити, 1997
15. Муҳаммад Қосими Ҳиндушоҳи Астарободӣ. Таърихи Фиришта.- Лоҳур, 1360ҳ.
16. Муҳаммад Ҳомиди Лоҳурӣ. Подшоҳнома.- Теҳрон 1352ҳ.

17. Рӯдакӣ. Шеърҳо. Таҳияи С. Сиддиқов ва С.Саъдиев.- Душанбе: Ирфон, 1974
18. Сайидои Насафӣ. Асарҳои мунтахаб. Бо сарсухан ва таҳияи Ҷ. Шанбезода.- Душанбе: Ирфон, 1977
19. Сарви Озод. Тазкиратушшуаро.- Теҳрон, 1372 ҳ.
20. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. Муқаддимаи Нотили Хонларӣ.- Теҳрон, 1372 ҳ.
21. Саъдии Шерозӣ. Ғазалиёт. Таҳия ва муқаддимаи Н. Қаҳҳорова.- Душанбе: Ирфон, 1977
22. Содиқии Китобдор. Маҷма-ул- хаввос.- Теҳрон, 1355 ҳ.
23. Соиб. Девони ашъор. Ба муқаддимаи Амири Фирӯзкӯҳӣ- Теҳрон, 1330
24. Татаи Ҳиндӣ. Таърихи Алфӣ.- Лоҳур, 1350 ҳ.
25. Ҳофиз. Девон. Мусаҳҳеҳ: Абдурраҳими Халхолӣ.- Теҳрон, 1369 ҳ.
26. Ҳусайнқулихони Азимободӣ. Ништари ишқ. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи А. Ҷонфидо. - Душанбе: Дониш. Ҷилди 1, 1981
27. Ҷалоллидин Румӣ. Куллиёт.- Душанбе: Ирфон. Ҷилди 1, 1990
28. Шавкати Бухороӣ. Девони ашъор. Муаллифи сарсухан ва ба чоптайёркунанда: М. Аҳмадов.- Душанбе: Ирфон, 1986

**-2-**

29. Аббос Зарёби Хӯӣ. Чаро сабки ҳиндӣ дар дунёи Ғарб сабки борик хонда мешавад.- Теҳрон, 1368 ҳ.
30. Аббоси Кайманишинӣ. Партави Ирфон.- Теҳрон, 1366 ҳ.
31. Аббос Меҳрин. Таърихи адабиёти Эрон.- Теҳрон, 1348 ҳ.
32. Аббос Меҳрин. Тасаввуф.- Теҳрон, 1989
33. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Аз кӯчаи риндон.- Теҳрон, 1340 ҳ.

34. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Сайре дар шеъри форсӣ.- Теҳрон, 1371 ҳ.
35. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Нақди адабӣ.- Теҳрон. Ҷилди 1, 1370 ҳ.
36. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб.:-Теҳрон, 1372 ҳ.
37. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Арзиши мероси сӯфия.- Теҳрон, 1491 ҳ.
38. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон.- Душанбе: Ирфон, 1992
39. Абдулҳусайни Ҳажпур. Ҳофизташреҳ.- Теҳрон, 1367 ҳ.
40. Абдуррафеи Ҳақиқат. Таърихи ирфон ва орифони эронӣ.- Теҳрон, 1372 ҳ.
41. Азиз Аҳмад. Таърихи тафаккури исломӣ дар Ҳинд. Мутарҷим: Нақши Лутфӣ:- Теҳрон, 1367 ҳ.
42. Азизуддин Насафӣ. Инсони Комил. Бо муқаддимаи Мори Жон Мули.- Теҳрон, 1403 ҳ.
43. Айни Х.С. Бедиль и его поэма Ирфон.- Сталинобод: «Таджикгосиздат», 1956
44. Алӣ Акбари Деҳхудо. Луғатномаи Деҳхудо, ҳарфи «коф».- Теҳрон, 1391ҳ.
45. Али Асғари Ҳикмат. Сарзамини Ҳинд.- Теҳрон, 1377 ҳ.
46. Амири Тоҷдинӣ. Мифтоҳи Нур.- Теҳрон, 1370 ҳ.
47. Артур Ҷон Орбри. Адабиёи классикии форсӣ. Мутарҷим: Ассадуллоҳи Озод.- Теҳрон, 1370 ҳ.
48. Асадуллоҳи Ҳабиб. Бедил шоири замонаҳо.-кобул, 1363 ҳ.
49. Аҳмад Тамимдорӣ. Ирфон ва адаб дар асри сафавӣ.- Теҳрон, 1372 ҳ.
50. Аҳмад Хотамӣ. Пажӯҳише дар сабки ҳиндӣ.- Теҳрон, 1371 ҳ.
51. Аҳмад Хотамӣ. Сабки ҳиндӣ ва давраи бозгашт.- Теҳрон, 1371 ҳ.
52. Бадеуззамони Фурӯзанфар. Шарҳи Маснавии Шари.:- Теҳрон, 1347 ҳ.

53. Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ. Ҳофизнома.- Теҳрон,1372 ҳ.
54. Бертелс Е.Э. Введение в изучение текстов...- Пять философских трактатов на тему «Афак ва Анфус».- М: Наука, 1965
55. Бобоев Ю. И. Назарияи адабиёт.- Душанбе: Маориф, 1987
56. Бостонии Поризӣ. Зери ин ҳафт осмон.- Теҳрон, 1362 ҳ.
57. Браун Э. Таърихи адабиёти Эрон. Мутарҷим: Фатҳуллоҳи Муҷтабӣ.- Теҳрон, 1361 ҳ.
58. Дориюши Шойгон. Адабиёт ва мактабҳои фалсафии Ҳинд.- Теҳрон, 1356 ҳ.
59. Дилофуз С.Ф. Таърихи Ҳинд. Мутарҷим: Муҷаллис.- Теҳрон, 1316 ҳ.
60. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёти Эрон. – Теҳрон. Ҷилди 5, 1371 ҳ.
61. Зайнулобидини Киёинажод. Сайди ирфон дар Ислом.- Теҳрон, 1366 ҳ.
62. Зайнулобидини Муайянӣ. Таҳаввули шеъри форсӣ.- Теҳрон, 1371 ҳ.
63. Зайнулобидини Мӯътаман. Назарияи нигоранда роҷеъ ба Соиб. Аз «Соиб ва сабки ҳиндӣ».- Теҳрон, 1371 ҳ.
64. Зайнулобидини Мӯътаман. Соиб ва сабки ҳиндӣ. Дар густураи таҳқиқоти адабӣ. - Теҳрон, 1371 ҳ.
65. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан.- Душанбе: Ирфон, 1979.
66. Зиёуддини Саҷҷодӣ. Сабкҳо ва мактабҳои адабӣ.- Теҳрон, 1368 ҳ.
67. Зиёуддини Саҷҷодӣ. Маънӣ ва мазмун дар шеъри Соиб.-Теҳрон, 1371 ҳ.
68. Иванов М.С. Очерк истории Ирана.- М: Госполитиздат, 1952
69. Исматов Б. Пантеистическая философская традиция в персидско- таджикской поэзии IX- XV вв.- Душанбе: Дониш, 1986
70. Каримов У. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX.- Душанбе: Дониш, 1974

71. Котибӣ. Адаб ва адабиёт.- Теҳрон, 1339 ҳ.
72. Крымский А. История Персии, её литературы и дервишеской теософии. – М, часть 2, 1912- 1914
73. Қамари Ориён. Вижагиҳо ва маншаи пайдоиши сабки машҳур ба ҳинд.- Машҳад, 1352 ҳ.
74. Косим Ғанӣ. Баҳс дар аҳвол ва осор ва афкори Ҳофи.- Теҳрон, 1366 ҳ.
75. Лутфалии Суратгар. Адабиёти тавсифии Эрон.- Теҳрон, 1346 ҳ.
76. Лутфалии Суратгар. Таҷаллии ирфон дар адабиёти форсӣ.- Теҳрон, 1365 ҳ.
77. Маҳдии Дурахшон. Бузургон ва сухансароёни Ҳамадон.- Теҳрон, 1341 ҳ.
78. Маҳдии Тавҳидипур. Муқаддима бар «Нафаҳот-ул-унс».- Теҳрон, 1336 ҳ.
79. Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷик.- Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1947
80. Мосинюн Крови. Ахбори Ҳаллоҷ. Мутарҷим: Интишороти Иттилоот.- Теҳрон, 1369 ҳ.
81. Муайид. Ирсолулмасал.- Теҳрон, 1339 ҳ.
82. Муллоаҳмадов М. Гулчини ашъори Калим. Газетаи муаллимон.-Душанбе, 12. 08. 86
83. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Ирфони Ҳофиз.- Душанбе: Ройзании фарҳангии ҶИЭ дар Тоҷикистон, 1998
84. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Инсон ва имон.- Душанбе: Ройзании фарҳангии ҶИЭ дар Тоҷикистон,1998
85. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Инсон ва сарнавишт- Душанбе: Ройзании фарҳангии ҶИЭ дар Тоҷикистон, 1998
86. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Ошноӣ бо улуми исломӣ. Мантиқ ва фалсафа.-Душанбе: Ройзании фарҳангии ҶИЭ дар Тоҷикистон, 1999
87. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Ошноӣ бо улуми исломӣ. Калом. Ирфон.- Душанбе: Ройзании фарҳангии ҶИЭ дар Тоҷикистон, 1999
88. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Хадамоти мутақобили Ислом ва

Ирон.- Душанбе: Ройзании фарҳангии ҶИЭ дар Тоҷикистон, 1999
89. Мустошорӣ. Тафсири ғазалиёти Ҳофиз.- Машҳад, 1370 ҳ.
90. Муҳаммад Аҳмад. Шуарои эронӣ дар Кашмир.– Теҳрон. Ҷилди 2,
1363 ҳ.
91. Муҳаммад Рашод. Фалсафа аз оғози таърих.- Душанбе: Дониш, 1990
92. Муҳаммад Расули Дарёкишт. Соиб ва сабки Ҳиндӣ.- Теҳрон, 1371 ҳ.
93. Муҳаммад Тақии Ғиёсӣ. Даромаде бар сабкшиносии сохторӣ.- Теҳрон, 1368
94. Муҳаммад Тақии Ҷаъфарӣ. Тафсир ва накд ва таҳлили Маснавӣ.- Теҳрон, 1369 ҳ.
95. Муҳаммад Тақии Ҷаъфарӣ. Ҳикмати ирфон ва ахлоқ.- Теҳрон, 1370 ҳ.
96. Муҳаммад Ҳусайни Биҳиштӣ. Тавҳид дар Қуръон.- Теҳрон, бидуни соли нашр
97. Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб. Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ.- Теҳрон, 1370 ҳ.
98. Муҳаммад Шарифи Миён. Таърихи фалсафа дар таърих:- Теҳрон, 1370 ҳ.
99. Муҷтабо Минуӣ. Таърих ва фарҳанг.- Теҳрон, 1369 ҳ.
100. Нуруллоҳ Пури Ҷаводӣ. Риндии Ҳофиз.- Теҳрон, 1336 ҳ.
101. Одилов Н. Ҷаҳонбинии Ҷалолуддини Румӣ.- Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1964
102. Осимӣ М. Ташаккул ва такомули афкори фалсафӣ.- Душанбе: Ирфон, 1981
103. Павл Павлю. Таърихи сарии муғулон. Мутарҷим: Ширин Баёнӣ.-Теҳрон, 1350 ҳ.
104. Парвоз Аҳвар. Ҳофиз оинадори таърих.- Теҳрон 1368 ҳ.
105. Пир Увайсӣ. Усули фақр ва тасаввуф.- Теҳрон, 1365 ҳ.

106. Поникор ва Ҳумоюн Кабир. Асоси фарҳанги Ҳинд.- Теҳрон,1337 ҳ.
107. Ризозода Шафақ. Таърихи адабиёти Эрон.- Теҳрон, 1352 ҳ.
108. Ризо Хусравшоҳӣ. Шеър ва адаби форсӣ дар Осиёи Сағир.- Теҳрон, 1350 ҳ.
109. Ринулд Николсон. Тасаввуфи исломӣ. Мутарҷим: Шафеии Кадканӣ. -Тӯс, 1358 ҳ.
110 Рипко Ян. Таърихи адабиёти Эрон. Тарҷима ва нашри Китоб.- Теҳрон, 1354 ҳ.
111. Роҷр Сюри. Эрони асри сафавӣ. Тарҷимаи нашриёт.- Теҳрон, 1362
112. Саид Нафисӣ. Номанигорӣ.- Теҳрон, 1374 ҳ.
113. Сайид Аҳмад Биҳиштии Шерозӣ. Шарҳи ҷунун.- Теҳрон. Ҷилди 1, 1372 ҳ.
114. Саъдиев С. Адабиёти тоҷик дар асри XVI.- Душанбе: Дониш, 1985
115. Сиддиқ Сафизода. Аҳли ҳаққ:- Теҳрон, 1361 ҳ.
116. Сируси Шамисо. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ.- Теҳрон, 1370 ҳ.
117. Сируси Шамисо. Анвои адабӣ.- Теҳрон, 1356 ҳ.
118. Суфизм в контексте мусульманской культуры. Автор введения Пригарина Н. И.- М: Наука, 1987
119. Халифа Абдулҳаким. Ирфони Мавлавӣ. Мутарҷим: Аҳмади Муҳаммадӣ.- Теҳрон, 1356 ҳ.
120. Шамси Лангрудӣ. Сабки Ҳиндӣ ва Калими Кошонӣ. Гирдбоди шӯри ҷунун.- Теҳрон, 1337 ҳ.
121. Шиблии Нӯъмонӣ. Шеърулаҷам. Таҳия ва нашри Дунёи китоб, ҷилдҳои 3, 4, 5.- Теҳрон, 1368 ҳ.
122. Ҳазратқулов М. Тасввуф.- Душанбе: Маориф, 1988
123. Ҳамидуллоҳи Шориқӣ. Таърихи фарҳанги Эрон.- исфаҳон, 1974
124. Ҳасани Арфаъйён. Ишқ ва зебоӣ.- Теҳрон, 1371 ҳ.
125. Ҳасан Ҳасанзодаи Омулӣ. Рисолаи ваҳдат аз дидгоҳи ориф ва ҳаким.- Теҳрон, 1362 ҳ.

126. Ҳасан Ҳусайнӣ. Бедил ва сабки Ҳиндӣ.- Теҳрон, 1368 ҳ.
127. Ҳусайн Алӣ. Ишқи муқаддас.- Теҳрон, 1361 ҳ.
128. Ҳусайни Ансориён. Диёри ошиқон.- Теҳрон, 1361 ҳ.
129. Ҳусайни Котибӣ. Адабиёт ва адаб.- Теҳрон, 1358 ҳ.
130. Ҳусайнӣ. Сабки исфаҳонӣ дар шеъри форсӣ.- Теҳрон, 1350 ҳ.
131. Ҷавод Ҳошимӣ. Аз садои сухани ишқ.- Теҳрон, 1340 ҳ.
132. Ҷавод Ҳайнонӣ. Панди пирон.- Теҳрон, 1357 ҳ.
133. Ҷалолуддин Ҳумоӣ. Таърихи адабиёти Эрон.- Теҳрон, 1371 ҳ.
134. Эте П. Таърихи адабиёти Эрон. Тарҷумаи Ризозода Шафақ.- Теҳрон, 1336 ҳ.
135. Яҳёи Оринпур. Аз Сабо то Нимо.- Теҳрон, бидуни соли нашр

# МУНДАРИҶА

**Муқаддима** ............................................................3

**Боби I.** Замони зиндагӣ ва ҳаёти
Калими Кошонӣ........................................11
1. Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ..........................................11
2. Ҳаёти адабӣ .......................................................23
3. Ҳаёт, зиндагӣ ва мероси адабии
Калими Кошонӣ ................................................40

**Боби II.** Мазмун ва мундариҷаи
ғоявии лирикаи Калими Кошонӣ ............62
1. Оҳангҳои иҷтимоӣ ..............................................62
2. Ирфони Калим ...................................................73
3. Мазомини ахлоқиву тарбиявӣ..........................100
4. Васфи табиат ва зебоиҳои он ..........................110

**Боби III.** Сабк ва хусусиятҳои
бадеии лирикаи Калими Кошонӣ.........120
1. Маълумоти умумӣ дар бораи сабки ҳиндӣ.......120
2. Сабки Калим......................................................123
3. Санъатҳои бадеӣ дар ашъори Калим...............142
4. Таъсири шоирони гузашта ба эҷодиёти шоир .161
5. Таъсири Калим ба шоирони минбаъда ...........167

**Хулоса** ............................................................171

Рӯйхати адабиёти истифодашуда........................175

**Саидҷаъфаров Озод Шоҳвалиевич**

**КАЛИМИ КОШОНӢ
ВА АШЪОРИ ҒИНОИИ Ӯ**

Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 24.02.2012 супурда шуд.
Чопаш 25.02.2012 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 11,5. Андозаи 60х84 1/16.
Адади нашр 500 нусха.

Дар матбааи «Арсенал-Принт» чоп шудааст.
Душанбе, кӯчаи Р.Набиев, 152